АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН

АГЕНТИИ АМНИЯТИ ХИМИЯВӢ, БИОЛОГӢ, РАДИАТСИОНӢ ВА ЯДРОӢ

№3, 2024

Маҷаллаи соҳавии иттилоотӣ ва таҳлилӣ

АМНИЯТИ ХБРЯ

АГЕНТИИ АМНИЯТИ

АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИТОҶИКИСТОН

АГЕНТИИ АМНИЯТИ ХИМИЯВӢ, БИОЛОГӢ, РАДИАТСИОНӢ ВА ЯДРОЙ

МАҚОМИ ТАНЗИМГАРИ ДАВЛАТӢ

ДАР БОРАИ МО

«МАҚОМИ ВАКОЛАТДОРИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ ТАЪМИНИ БЕХАТАРИИ РАДИАТСИОНӢ - АГЕНТИИ АМНИЯТИХИМИЯВӢ, БИОЛОГӢ, РАДИАТСИОНӢВА ЯДРОЙ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН БУДА, МИНБАЪД МАҚОМИ ТАНЗИМГАР НОМИДА МЕШАВАД, КИ СИЁСАТИЯГОНАИ ДАВЛАТИРО ДАР САМТИ НОМБУРДА АМАЛӢ МЕНАМОЯД»

Аз 1 ноябри соли 2001 Ҷумҳурии Тоҷикистон узви Агентии Байналмилалии Неруи Атомӣ (АБНА) гардида, зарурати таъсиси сохтори танзимкунанда дар соҳаи бехатарии ядроӣ ва радиатсионӣ ба вуҷуд омад.

Дар асоси супоришии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 3594 (16.1-2) аз 18 сентябри соли 2002, дар сохтори Раёсати Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо номи Агентии энергияи атомӣ ва сипас дар заминаи Агентии амнияти ядроӣ ва радиатсионии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун воҳиди сохтории Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Раёсати Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон № 112 аз 25.12.2002) таъсис дода шуд.

Мувофиқи қарори Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон №117 аз 5 ноябри соли 2021 номи Агентии амнияти ядроӣ ва радиатсионии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба Агентии амнияти химиёвӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (минбаъд – Агентӣ) тағйир дода шуд.

САМТҲОИ АСОСИИ ФАЪОЛИЯТ:

Агентиӣ дар фаълияти худ Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, “Дар бораи бехатарии радиотсионӣ”, “Дар бораи истифодаи энергияи атомӣ”, “Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият”, “Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор”, “Дар бораи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон”, “Дар бораи муомилот бо партовҳои радиоактивӣ”, “Дар бораи манияти биологӣ ва муҳофизати биологӣ”, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси Олӣ, қарор ва дастурҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, “Тартиби танзими давлатӣ дар соҳаи таъмини бехатарии ядроӣ ва радиотсионӣ”, Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият, Низомномаи Шурои байниидоравӣ доир ба таъмини бахатраии радиотсионӣ, Оинномаи Агентӣ, санадҳои хусусии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳукуқие, ки фаъолияти Агентиро ба танзим медарорад, ба роҳбарӣ мегирад.

Агентӣ тибқи қонунгузории амалкунанда мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи таъмини бухатарии ядроӣ ва радиатсионӣ дар ҷумҳурӣ буда, сиёсати ягонаи давлатиро дар ин соҳа ҳамоҳанг месозад ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи солона пешниҳод менамояд.

Агентӣ дар ассоси карорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №133 ва №134 аз 29 марти соли 2019 ҳамоҳангсози миллӣ оид ба амалинамоии Конвенсия дар бораи маъи коркард, истеҳсол, захорасозӣ ва истифодаи силоҳи химиявӣ ва нобудсозии онҳо ва амалинамоии Конвенсияи оид ба манъи коркард истеҳсол ва ҷамъ намудани захироҳои силоҳи бактериологӣ (биологӣ), токсинӣ ва нест кардани онҳо муайян карда шудааст.

Агентӣ таввасути шуъбаи илмӣ – таҳқиқотӣ ва хизматрасониҳои техникӣ пешкаш намудани хизматрасониҳо вобаста ба таҳлили радионуклидии намудҳои об, хок, ҳаво, хӯрока.ю масолеҳи сохтмон ва дигар мавод, гузаронидани дозиметрии ҷойҳои корӣ, назорати сифати дастгоҳҳои рентгенӣ, омӯзиш дар соҳаи беҳатарии ядроӣ ва радиатсионӣ, таҳлили криминалистикии ядроии мавод ва ғайраҳоро ба роҳ мандааст.

Барои оҷрои вазофаҳои ба зиммааш гузошташуда Агентӣ ҳамроҳ бо вазорату идораҳо ва муассисаҳои марбут оид ба риояи меъёрҳои ядроӣ, тибқи талаботи қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқукии байналмилалӣ чораҳои зарурӣ меандешад.

Агентӣ барои татбиқи равандҳои муҳофизати радиатсионӣ талаботҳои зеринро муқаррар намуда:

- дар ҳолатҳои шуоъхӯрии ба нақша гирифташуда, ҳар як ҷониб, ки масъулияти таъмини бехатарии ядроӣ ва радиотсиониро ба ухда дорад, дар мавриди беасос риоя накардани талаботи дахлдор дахолат мекунад;
- дар ҳолатҳои шуоъхӯрии садамавӣ ва ҳолатҳои шуоъхӯрии мавҷуда, ҳар як ҷониб, ки маъсулияти бехатарии ядроӣ ва радиотсиониро ба ухда дорад, дар мавриди асоснок накардани чораҳои муҳофизати ё тадбирҳои баркарорсозӣ ва тарзи амалисозии онҳо дахолат мекунад;
- дар ҳамаи ҳолатҳои шуоъхӯрии ҳар як ҷониб, ки маъсулияти таъмин бехатарии ядроӣ ва радиатсиониро ба ухда дорад, ҳангоми таъмин накардани рафти муйобиқгардонии (оптимазатсияи) бехатарии ядроӣ ва радиатсионӣ дахолат мекунад;
- дар ҳолатҳои шуоъхӯрии ба нақша гирифташуда, ба ғайр аз шуоъхӯрии тиббӣ, ҳар як ҷониб, ки маъсулияти таъмини бехатарии ядроӣ ва радиатсиониро ба ухда дорад, дар мавриди риоя накардани худудҳои дозаҳои муқарраркардашуда дахолат мекунад.

Агентӣ барои пешбарӣ, нигоҳдорӣ ва ҷустуҷуи ҳуҷҷатҳои ба дастгоҳҳо ва фаъолият дахлдошта, таъсис ва пешбурди феҳристхои зеринро ба роҳ мемонад:

- феҳристи давлатии баҳособгирӣ ва назорати маводи ядроию манбаъҳои афканишоти ионофар;
- феҳристи шуоъхӯрии касбии кормандоне, ки бо манбаъҳои афканишоти ионофар кор мекунад;
- маҳзани донишҳо дар соҳаи ҳастӣ;
- феҳристи гузоришҳо дар бораи ҳодисаҳои садамавии радиатсионӣ;
- феҳристи давлатии партовҳои радиоактивӣ ва сӯзишвории ҳастии истифодашуда;
- кадастри давлатии маҳфузгоҳҳои партовтовҳои радиоактивӣ.

Мундарича

Ҳимояи рисолаи номзадии Мирзоев Далер Иномҷонович дар мавзуи: “Асосҳои физикию химиявӣ ва технологии ҳосил кардани композитҳои таъйиноти махсус аз маводи хомашёи маҳаллии Тоҷикистон” 9

Бобоев Комрон дар мавзӯи “Асосҳои технологии коркарди маъданҳои урандори кони Тоҷикистони шимолӣ-2 ва партовҳои маҳфузгоҳи Адрасман” 11

Озмуни иншо дар мавзуъ «Саҳми занони олими Тоҷикистон дар рушди илми ҷаҳонӣ» 12

Экспедитсияи илмӣ дар шаҳри Панҷакент ва ҳудудҳои атрофи он 13

Маҳфили илмӣ дар Маркази омӯзишии Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ 14

Экспедитсияи илмӣ дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои он 15

Экспедитсияи навбатии илмии кормандони Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар ноҳияи Нуробод 16

Ҳимояи рисолаи номзадии Баҳронов Соҷидхон дар мавзуи: “Асосҳои технологии коркарди маводҳои уранӣ ва баҳодиҳии хавфи радиатсионии минтақаҳои Тоҷикистон” 17

Омӯзиши вазъи радиатсионии баъзе ноҳияҳои ҷанубии Тоҷикистон 19

Натиҷагирӣ аз фаъолияти нӯҳмоҳаи Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар соли 2024 19

Баррасии вазъи бехатарии радиатсионӣ ва радиологии маконҳои таърихию сайёҳӣ дар семинари навбатӣ 20

Семинари илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи “Мониторинги радиоэкологӣ” дар баъзе минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон 21

Баҳри баланд бардоштани сатҳи илмии кормандони ҷавон семинари машвараті баргузор гардид 22

Ҷалби занон ва ҷавонон ба касбиятҳои техникӣ 25

Лексия дар мавзӯи «Синдроми сӯхташавии эҳсосӣ» 25

Саҳми Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроӣ-и Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар мубориза бо терроризм ва ифротгароӣ 26

Рӯзи байналмилалии занон ва духтарон дар соҳаи илм 28

Конференсияи 10-уми илмии ҷумҳуриявии «Саҳми занон дар рушди илми муосир» .. 29

Мусобиқаи варзишӣ бахшида ба муносибати 31 - солагии таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон 32

Вохӯрии кормандони Филиали Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии АМИТ дар вилояти Суғд бо донишҷӯёни Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон дар шаҳри Бӯстон 33

Ташаббуси Анҷумани “Занони пиряхшинос”-и Маркази омӯзиши пиряхҳои дар ҳамкорӣ бо Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Душанбе 34

Семинари миллӣ таҳти унвони “Татбиқи стандартҳо ва дараҷаи асосии бехатарӣ дар корхонаҳои саноати химияи Ҷумҳурии Тоҷикистон” 35

Чорабинии хайриявӣ дар Мактаб-интернати ҷумҳуриявии низомаш махсуси шаҳри Ҳисор 36

Ташаббусҳои Пешвои миллати тоҷикон-наҷотбахши сайёра 37

Озмуни "Дастархони таомхои миллӣ" 39

Вохӯрӣ бахшида ба Рӯзи Модар ва чаҳорумин солгарди таъсиси Бахши миллии «Хонуми ядрой» 40

Мизи мудаввар дар мавзуи «Нақши занон дар илм» 41

Иштироки намояндагони Ассотсиатсияи ҷавонони “Атом”-и Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар Конференсияи илмӣ - амалӣ бахшида ба “Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряҳҳо” 42

Лексия дар мавзӯи: Принсипҳои асосии бехатарӣ ҳангоми сафар берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ..... 43

Директори Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ – Илҳом Мирсаидзода бо ҷоизаи озмуни “100 – чеҳраи муваффақ” сарфароз гардонида шуд 44

Тантанаҳои Наврӯзӣ дар Академия миллии илмҳои Тоҷикистон 44

Унвони Профессорӣ муборак!..... 45

Мизи мудаввар дар мавзуи “Амнияти иттилоотӣ, ташкилотҳои экстремистию террористӣ дар интернет: пешгирӣ ва ҷавобгарӣ”..... 46

Таҳкими корҳои таълимию тарбиявӣ ва ташвиқотӣ, яке аз роҳҳои пешгирӣ аз терроризиму экстремизм 46

Тақвияти ҳамкориҳо дар мубориза бо терроризму экстремизм дар маҷлиси васеи кормандони Агентии амнияти ХБРЯ - и АМИТ..... 48

Ташрифи Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба Филиали Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар вилояти Суғд..... 51

Маҷлиси тантанавӣ бахшида рӯзи илм дар АМИТ..... 52

Конфронси байналмилалии «Мероси урании Иттиҳоди Шӯравӣ дар Осиёи Марказӣ: мушкилот ва дурнамо» бахшида ба ҳафтаи илм..... 54

Рушди тарғиботи ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: механизмҳо, муваффақиятҳо ва чолишҳо дар роҳ ба соли 2030..... 56

Иштироки кормандони Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар Форуми байналмилалии ихтироъкорон ва навоварони Ҷумҳурии Тоҷикистон..... 59

Конфронси байналмилалии илмӣ – амалӣ дар мавзӯи “Саноатикунонии рақамӣ ва рушди энергетикӣ аз нигоҳи олимону муҳаққиқон” 60

Чорабинӣ бахшида ба «Рӯзи Ғалаба» 65

Системаи байналмилалии иттилооти ҳастаӣ дар Тоҷикистон..... 66

Лексия дар мавзӯи “Санъати суханварӣ”.. 68

Аксияи «Тоҷикона мепӯшем!»..... 69

“ҶАВОНОН ҚУВВАИ БУЗУРГ, НЕРӮИ СОЗАНДА ВА ОЯНДАИ МИЛЛАТАНД” ЭМОМАЛӢ РАҲМОН 70

Семинари «Мушкилоти экологии истеҳсоли уран» 71

Ба муносибати 30-солагии таъсисёбии Қӯшунҳои сарҳадии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикстон 72

Натиҷагирӣ аз фаъолияти ташкилоти ибтидоии “Афканишот” – КИИ “Хирадмандон” – и ҲХДТ..... 74

Баланд бардоштани мақоми илм-ҳадафи асосии роҳбарияти олии кишвар..... 74

Истиқлоли давлатӣ ва рушди давлатдории миллӣ 75

Либоси миллӣ ин нишони арҷгузорӣ ва эҳтиром доштан ба таъриху фарҳанг ва тамаддуни гузаштаи хеш мебошад 77

Рушди илму маориф дар даврони соҳибистиқлолӣ..... 79

Терроризм ва экстремизм – падидаҳои номатлуб дар ҷомеаи муосир 81

“Ҳифзи муҳити зист аз партовҳои маъдан”- таҳти ин унвон дар Маркази таълимии Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ, маҳфили илмӣ-амалӣ баргузор гардид..... 82

Истиқлолият неъмати бебаҳост 84

Либоси миллӣ – муаррифгари фарҳанги тоҷикон 85

Ташаккули маърифати ҳуқуқӣ - омили рушди ҷомеа 87

Истиқлолият рамзи соҳибдавлатӣ 88

Бегонашавии одоб ва расму ойини либоспӯшӣ – бегонашавии фарҳангист 89

Семинари илмӣ-амалӣ зери унвонӣ “Мушкилоти таҳияи усулҳои синтез, рудҳои уран, торий ва коркарди маъданҳои боросиликатӣ” 90

Либоси миллӣ- ҷузъи олами маънавии инсон аст..... 91

Муҳимтарин нишонаи ватандӯстии ҳар як фард ифтихор аз дастовардҳои давлати соҳибистиқлоли тоҷикон ва талош ба хотири таҳкими минбаъдаи онҳо мебошад 93

«Технологияи коркарди маъданҳои урандор»: таҳти ин унвон дар Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ семинари илмӣ-амалӣ доир гардид..... 96

Бахшида ба 33-юмин солгарди ҷашни Истиқлоли давлатӣ дар АМИТ роҳпаймоии идона доир гардид..... 97

Маросими баимзорасонии Ёддошти ҳамкорӣ байни Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон 101

Маҷлиси тантанавӣ бахшида ба ҷашни Истиқлолияти давлатӣ 102

Корманди Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ бо мукофоти медали “Хизмати шоиста” сарфароз гардонида шуд 103

Хатмкунандагони зинаи магистратура бо ихтисоси Радиоэкология соҳиби дипломи аъло гаштанд 104

Эҳтиром ба омӯзгор – эҳтиром ба ояндаи миллат аст 105

Баррасии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ оиди ба даст овардани шишаи бордор бо миқдори гуногун дар семинари навбатӣ 106

Семинари илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Асосҳои физикӣ-технологӣ ва коркарди ангишти Тоҷикистон бо маводи сорбсионӣ” 107

Эҳёи ҷашни Меҳргон дар Тоҷичкистон 108

Семинари навбатии илмӣ-амалӣ вобаста ба вазъи бехатарии радиоэкологӣ дар Тоҷикистон.....110

24 - октябр ҳамчун Рӯзи иттифоқҳои касаба ҷашн гирифта мешавад 111

Ифтитоҳи бинои нави Маркази минтақавии бехатарӣ, амният ва кафолати химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.....113

Роғун-иншооти бузурги аср.....117

30 сол аз қабули Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: санади бунёдии пешрафт ва амнияти миллӣ.....118

Таҳти унвони «Конституция-шиносномаи миллат» дар Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии АМИТ маҷлиси тантанавӣ доир гардид 120

НБО - “Роғун” иншооти тақдирсоз ва омили боз ҳам баланд гардидани сатҳи некуаҳволии мардуми Тоҷикистон 121

Роғун-иншооти бузурги аср.....122

"Алгоритми навиштани мақолаҳои илмӣ". Таҳти ин унвон дар Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ семинари илмӣ-амалӣ доир гардид 123

Шанбегии дастаҷамъонаи кормандони Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ..... 126

Ифтитоҳи майдони варзишӣ дар Маркази таълимӣ ва омӯзишии Агентии амнияти ХБРЯ – и АМИТ 126

Шанбегии дастаҷамъонаи кормандони Филиали Агентии амнияти ХБРЯ – и АМИТ дар вилояти Суғд 127

Шанбегии дастаҷамъона дар Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ 128

Ташкили шанбегии дастаҷамъона дар маркази таълимии Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ..... 128

орҳои созандагию ободкорӣ дар Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ 129

Шанбегӣ ва корҳои ободонӣ дар Филиали Агентии амнияти ХБРЯ дар вилояти Суғд..... 130

Татбиқи лоиҳаи миллии АБНА бо Маркази миллии ташхиси амнияти озуқаворії Кумитаи бехатарии озуқаворії назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон..... 132

Маросими расмии супоридани таҷҳизоти иловагии ташхисӣ бо дастгирии Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар доираи татбиқи лоиҳаи миллии Агентии Байналмилалии Неруи Атомӣ (АБНА) 133

Мизи мудаввар вобаста ба амнияти химиявӣ дар шаҳри Тошкенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон..... 136

Вохурии иштирокчиёни «Хонуми ядроӣ» бо намояндагони TechWomen..... 137

Боздиди ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз гумрукӣ Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо мақсади таҳкими ҳамкориҳо дар самти амниятӣ химиявӣ, биологӣ радиатсионӣ ва ядроӣ 138

Таҳкими ҳамкориҳои судманд бо Корпаратсияи давлатии Россия «РОСАТОМ» 140

Иштирок дар Конфронси байналмилалии амнияти ҳаставӣ (ICONS-2024) 141

Маросими ба имзо расонидани меморандуми ҳамкорӣ байни Институти физикаи ядроии Қазоқистон ва Агентии амнияти химиёвӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Тоҷикистон 142

Вохурӣ бо намояндагони ширкати “Радметрон” - и Ҷумҳурии Белорус 143

Иштироки олимони тоҷик дар чорабинии канорӣ зери унвони Нақши ҷомеаи байналмилалӣ дар коҳиши хатари марбут ба иншоотҳои меросӣ дар Осиёи Марказӣ дар ҳошияи 68-умин ҷаласаи Конфронси Генералии АБНА 145

Конфронси байналмилалӣ оид ба "Чораҳои эътимодбахшӣ" дар доираи Конвенсия оид ба манъи истифодаи силоҳи биологӣ ва токсинӣ..... 146

Бо мусоидати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба Маркази ҷумҳуриявии илмии саратоншиносии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгоҳи муосири рентгенӣ дастрас гардид 147

Дар Тоҷикистон вохӯрии байналмилалии донорҳо бахшида ба сохтмони Маркази байналмилалии омӯзишӣ оид ба муқовимат бо терроризми ОМУ ва ХБРЯ баргузор шуд. 149

БАХШИ ИЛМӢ

info@cbrn.tj
www.cbrn.tj

Ҳимояи рисолаи номзадии Мирзоев Далер Иномҷонович дар мавзуи: “Асосҳои физикию химиявӣ ва технологии ҳосил кардани композитҳои таъйиноти махсус аз маводи хомашёи маҳаллии Тоҷикистон”

Санаи 18 марти соли 2024 дар Институти химияи ба номи В.И Никитанаи АМИТ ходими калони илмии филиали Агентии амнияти химявӣ, билогӣ, радиатсионӣ ва ядроии АМИТ дар вилояти Суғд Мирзоев Далер Иномҷонович рисолиаи номзадии худро дар мавзуи “Асосҳои физикию химиявӣ ва технологии ҳосил кардани композитҳои таъйиноти махсус аз маводи ашёи хоми маҳаллии Тоҷикистон”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯи ихтисоси 05.17.01 – «Технологияи моддаҳои ғайриорганикӣ» бо муваффақият ҳимоя намуд.

Рисолаи диссертатсионии Мирзоев Далер фарогири мавзӯи муҳим буда, мақсади он, ин коркарди асосҳои физикию химиявӣ ва технологии ҳосил кардани композитҳои таъиноти махсус аз маводи ашёи хоми маҳаллии Тоҷикистон мебошад.

Навгониҳои илмии таҳқиқот низ қобили зикри хос аст. Дар он бори аввал имконияти ҳосил кардани нави маводи композитии таъиноти махсус дар асоси консентрати барит, магнетит, бентонит, партовҳои оҳандор, чӯяни сафед ва алюминийи металлӣ (филизӣ) муқаррар карда шудаанд.

Тибқи таҳлилҳо таркиби коркардшудаи омехта сустшавии самараноки афканишоти ионизатсионии доираи васеи радионуклидҳоро дар ғафсии ками қабат нисбат ба қабати маводҳои маълуми сохтмонӣ таъмин мекунад. Ҳангоми 10 мм будани ғафсии қабат, таркиби пешниҳодшуда сустшавии афканишоти ионизатсионии радионуклидҳои гуногунро то 1,18 маротиба барои манбаи 137Cs ва то 824 маротиба барои афканишоти рентгенӣ таъмин мекунад.

Имконияти модификатсиякунии оҳани шакли оксидӣ дар намуди фазаҳои магнетитӣ ва гематитӣ бо ионҳои алюмини аз маҳлулҳои обии нитрати алюминий (Al (NO3)3•6H2O) бо мақсади пайвасткунии физикию химиявии онҳо бо гудохтаи алюминий нишон дода шудааст. Муайян гардидааст, ки гурӯҳҳои гидроксилҳои сатҳи оксидҳои оҳан навъи асосии марказҳои реаксионӣ мебошанд,

ки аз рӯи онҳо модификатсиякунии сатҳи онҳо амалӣ карда мешавад.

Рисолаи диссертатсионии Мирзоев Далер бо натиҷагирӣ аз корҳои таҳқиқотӣ, ҳамчунин соҳаи истифодабарии онро низ ба таври мушаххас пешниҳод намудааст, ки қобили зикри хос аст. Яъне композитҳои радиатсионӣ-муҳофизатии ҳосилкардашуда ҷиҳати истифода дар муассисаҳои тиббӣ барои ҳуҷраҳои рентгенӣ ва дигар самтҳои ба он наздик, инчунин маҳз барои муҳофизати мизоҷон, ҳайати хизматрасонҳо, таҷҳизот ва муҳити зист аз гамма-шуоъҳо ва шуоъҳои рентгенӣ тавсия дода мешаванд.

Бобоев Комрон дар мавзӯи “Асосҳои технологии коркарди маъданҳои урандори кони Тоҷикистони шимолӣ-2 ва партовҳои маҳфузгоҳи Адрасман”

Санаи 8-уми апрели соли 2024 дар Институти химияи ба номи В.И. Никитинаи АМИТ, таҳти роҳбарии доктори илмҳои химия, профессор, академики АМИТ Улмас Мирсаидов, ходими илмии шуъбаи илмӣ-таҳқиқотӣ, таълиму омӯзиш ва хизматрасониҳои техникии Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии АМИТ Бобоев Комрон Одилович рисолиаи номзадии худро дар мавзуи «Асосҳои технологии коркарди маъданҳои урандори кони Тоҷикистони шимолӣ-2 ва партовҳои маҳфузгоҳи Адрасман» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи 6D072001 «Технологияи моддаҳои ғайриорганикӣ» бомуваффақият ҳимоя намуд.

Бояд тазаккур дод, ки рисолаи диссертатсионии Бобоев Комрон фарогири мавзӯи муҳим буда, мақсади он, мубрамият ва зарурати таҳқиқот, инчунин дарёфт ва ҷудо намудани консентратҳои урандошта аз таркиби маъданҳои кони «Тоҷикистони шимолӣ-2» ва партовҳои маҳфузгоҳи Адрасмани Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки ҳангоми босамар истифода намудани ин усул, консентрати уранро аз ин гуна маъданҳо ва партовҳо дар намуди оксиди уран сорбсия намуда, ҷудо кардан мумкин аст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар шаҳраки Адрасман миқдори зиёди партовҳои урандори собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ҷамъ шудаст ва ин имконият медиҳад, ки як қатор корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ гузаронида шаванд. Шаклҳои гуногуни партовҳои урандор, маъданҳои гуногунтаркиб, партовгоҳҳои хурд, обҳои чоҳҳо ва заҳбурҳо, чораҳои фаврии ҳалли масъалаҳои эклогии Тоҷикистонро талаб мекунад. Ғайр аз ин, Тоҷикистон дорои захираҳои муайяни маъданҳои урандошта мебошад ва ҷустуҷӯи асосҳои технологияи ин маъданҳо низ, яке аз масъалҳои мубрами рӯз ба ҳисоб меравад.

Муаллифи рисола кӯшиш ба харҷ додааст, ки барои коркарди маъданҳои урандор усулҳои гуногунро таҳия ва пешниҳод намояд, ки аз байни онҳо коркард бо кислотаи сулфатро, ҳамчун усули ояндадори ба даст овардани уран, муаррифӣ кардан мумкин аст.

Мавзуи мазкур бо натиҷагирӣ аз корҳои илмию таҳқиқотӣ гувоҳи он аст, ки дар Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии АМИТ, масъалаҳои омӯзиши асосҳои физикӣ-химиявии коркарди маъданҳои урандори конҳои гуногуни Тоҷикистон ва инчунин, пасмондаҳои саноати уранӣ, хоки регдори уранӣ ва дигар масъалаҳои ба ин монанд, бо мақсади ба даст овардани оксиди уран, таҳқиқ карда мешаванд.

Озмуни иншо дар мавзуъ «Саҳми занони олими Тоҷикистон дар рушди илми ҷаҳонӣ»

18-уми апрели соли равон дар доираи Бахши миллии «Хонуми ядрой» ҷиҳати ҳавасмандгардрнӣ ва ҷалби таваҷҷуҳ ба илм байни ҷавондухтарон дар Маркази таълимии Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии АМИТ марҳилаи дуюми озмуни асарҳо дар мавзуи «Саҳми занони олими тоҷик дар рушди илми ҷаҳонӣ», баргузор гардид.

Дар озмун донишҷӯёни курсҳои 2-юм ва 3-юми аз Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгохи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, Филиали донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. Ломоносов дар шаҳри Душанбе ва Донишгоҳи славиянии Тоҷикистону Россия иштирок намуданд.

Зарина Сайфиева - роҳбари Бахши миллии «Хонуми ядрой» зимни ититоҳи чорабинӣ изҳор дошт, ки ин озмун дар самти муаррифӣ ва баланд бардоштани нақши занони олим дар рушду тараҚиёти илму дониш хеле муҳим буда, саҳми арзандаи ин қишри ҷомеаро дар ин самт бозгӯ менамояд. Ҳамчунин номбурда илова намуд, ки иштироки Шумо натанҳо саҳми занонро дар рушди илми ҷаҳонӣ нишон медиҳад, балки аз дастовардҳои занон дар дигар соҳаҳо низ шаҳодат медиҳад. Ӯ ба ҳамаи иштирокчиён барору комёбӣ таманно науд.

Сипас, Абдулаева Саодат котиби илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, иштирокчиёнро бо шартҳои озмун шинос намуд.

Зикр гардид, ки мақсади озмуни мазкур зиёд наудани таваҷҷуҳ ва саҳми занон ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва рушди инноватсия мебошад. Иштирокчиёни озмун доир ба мавзуъҳои рӯзгори занони олими тоҷик бо презентатсия ва маърузаҳои илмӣ дар назди хозирин баромад намуданд.

Бо натиҷгирӣ аз озмуни мазкур Фараҳноз Сафарова донишҷӯи Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.Ломоносов

дар шаҳри Душанбе сазовори ҷои аввал, Мадина Ҷӯраева донишҷӯи Донишгоҳи Славиянии Тоҷикистону Россия сазовори ҷои дуюм ва Нозанин Самадова донишҷӯи Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.Осимӣ сазовори ҷои скеюм гардиданд. Ҳамчунин барои «Таҳқиқоти амиқ» донишҷӯи Филиали донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.Ломоносов дар шаҳри Душанбе Сирошенко Елизавета ва барои «Таҳқиқоти эҷодӣ» Муҳаррама Шафиева донишҷӯи Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон бо диплом сарфароз гардонида шуданд.

Ба ҳамаи иштирокчиёни озмун диплом, шаҳодатномаҳои иштирок ва тӯҳфаҳои хотиравӣ супорида шуд.

Экспедитсияи илмӣ дар шаҳри Панҷакент ва ҳудудҳои атрофи он

Дар доираи фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ, ки мониторинги радиатсионии тамому шаҳр ва ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирад, санаи аз 8 то 12 июли соли равон дар шаҳри Панҷакент ва ҳудудҳои атрофи он таҳти роҳбарии академик Улмас Мирсаидов ҷамъоварии намунаҳои хок, об ва хаво сурат гирифт.

Бояд тазаккур дод, ки мақсади асосии экспедитсияи мазкур омӯзиши ҳолати радиатсионии дараи Шинг дар ноҳияи Пенҷикент, ки мавзеи "Ҳафт кӯл" низ дар ҳаминҷо ҷойгир аст, ба ҳисоб меравад. Инчунин, дар ҷараени экспедитсияи илмӣ заминаи радиатсионӣ дар бештар аз 30 км саҳро муайян карда шуда, 15 намунаи об, хок ва қабатҳои қаъри кӯлҳо гирифта шуданд.

Илова бар ин, дар даромадгоҳи экспедитсияи илмӣ арзёбии радиатсионии қадимтарин шаҳраки Саразм гузаронида шуд, ки он таърихи зиёда аз 5500 сола дорад. Дар ҷараёни ин сафари илмӣ ҳамчунин аз макони таърихӣ барои таҳқиқоти минбаъда намунаҳо гирифта шуданд. Аз рӯи натиҷаҳои экспедитсияи илмӣ харитаи радиатсионии минтақаи таҳқиқшаванда тартиб дода мешавад. Тибқи нақша чорабиниҳо гузаронидани мониторинги радиатсионӣ дар дигар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми сол дар назар аст.

Маҳфили илмӣ дар Маркази омӯзишии Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ

31-уми июли соли 2024 дар Маркази омӯзишии Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ бо иштироки академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон - Улмас Мирсаидов, ходимони илмии Агентӣ ва кормандони озмоишгоҳи коркарди комплексии маъдан ва партовҳои Институти химияи ба номи В. И. Никитини АМИТ, маҳфили илмӣ баргузор гардид.

Дар раванди маҳфил, ходими илмии Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ - Эшов Ҷурамурод дар мавзӯи «Синтез, хосиятҳои термикӣ ва термодинамикии пайвастагиҳои торий-урандор» ва ходими илмии Институти химияи ба номи В. И. Никитини АМИТ – Давлатов Абдураҳмон дар мавзӯи «Асосҳои технологии ба даст овардани маҳсулотҳои аз маъдани боросиликатии кони Ак-Архари Ҷумҳурии Тоҷикистон» баромад намуда, ҳамзамон мавзӯи омода намудани рисолаи номзадии онҳо баррасӣ гардид. Аз рӯи баромади номзадҳо байни иштирокчиёни маҳфил, саволу ҷавобҳо баргузор гардид ва пешниҳод гардид, ки рисолаи номзадии онҳо такмил дода шавад.

Ҳамзамон, академик Улмас Мирсаидов қайд намуданд, ки барои омода намудани маводҳои илмӣ, таҷрибаҳои озмоиширо зиёд намудан зарур аст ва донистани забони русӣ ва англисӣ барои кормандони илм талаби замон аст, зеро қисми зиёди адабиётҳои соҳавӣ бо забонҳои хориҷӣ ба нашр мерасанд.

Дар хотима илова карда шуд, ки байни ходимони илмии таҷрибадор ва мутахассисони ҷавон мактаби устоду шогирдӣ ба роҳ монда шавад.

Экспедитсияи илмӣ дар ноҳияи Дарвоз ва шаҳраки қадимаи Карон

Яке аз самтҳои асосии фаъолияти Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ ин гузаронидани мониторинги радиатсионӣ ва арзёбии тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад, ки мунтазам он аз ҷониби кормандони Агентӣ мавриди омӯзиш қарор мегирад.

Дар доираи як сафари экспедитсионӣ, ки дар ноҳияи Дарвоз ва атрофи он, ки аз 29 июл то 4 августи соли 2024 бо мақсади омӯзиши ҳолати радиатсионӣ аз ҷониби кормандони Агентӣ идома дорад. Ҳамзамон, мутахассисон намунаҳои об, хок ва ҳаворо ҷамъоварӣ намуданд, ки он барои санҷиш ва муайянкунии ҳолати радиатсионии ин минтақа арзёбӣ мегардад.

Ҳамчунин дар доираи ин сафар дар заминҳои шаҳраки қадимаи Карон низ корҳои экспедитсионӣ гузаронида шуда, кормандони Агентӣ аз вазъ ва ҳолати радиатсионӣ дар ин минтақаи таърихӣ шинос гардиданд. Дар ҷараёни ин сафари илмӣ, инчунин аз макони таърихӣ барои таҳқиқоти минбаъда, намунаҳо гирифта шуд.

Бояд таъкид намоем, ки аз рӯи натиҷаҳои экспедитсияи илмӣ, харитаи радиатсионии минтақаи таҳқиқшаванда тартиб дода мешавад, ки он тибқи нақша-чорабиниҳои тасдиқгаридаи роҳбарияти Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ вобаста ба гузаронидани мониторинги радиатсионӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми сол дар назар аст.

Экспедитсияи илмӣ дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои он

Дар баробари дигар самтҳои фаъолият, ходимони илмии Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ ба таҳқиқотҳои илмӣ ва гузаронидани мониторинг ва арзёбии ҳолати радиатсионии мантақаҳои ҷумҳурӣ машғул гардида, дар ин замина пояи илмӣ ва фаъолияти худро таҳвият мебахшанд.

Аз ҷумла дар таърихи 5 августи соли равон дар шаҳри Хоруғи Вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшон ва ноҳияҳои он аз тарафи кормандони Агентӣ, таҳти роҳбарии Ҳамидов Фарҳод - мудири шуъбаи илмӣ таҳқиқотӣ, таълиму омӯзиш ва хизматрасониҳои техникӣ, экспедитсияи илмии навбатӣ оғоз гардид, ки он то 10 августи идома меёбад. Дар рафти экпедитсия илмӣ, мутахассисон ба ҷамъоварии намунаҳои хок ва об машғул шуда, ҳолати имрӯза ва вазъи радиатсионии ин минтақаро дар пояи илм ва технология мавриди санҷиш қарор медиҳанд.

Зимни сафари экспедитсионӣ, ҳамзамон кормандони Агентӣ аз мавзеъи табобатии Гармчашма, ки дар ҳудӯди шаҳри Хоруғ воқеъ гардидааст, дидан намуда, ҳолати имрӯза ва вазъи радиатсионии он бо истифода аз усулҳои пешбинигардида, барои муайянкунӣ ва таҳияи харита дар ин самт мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода шуд.

Дар идома кормандони Агентӣ, ҳамчунин ба ноҳияи Рушон сафар намуда, бо мақсади омӯзиш ва ҳолати радиатсинии ин минтақа, бо истифода аз усулҳо ва таркиби намунаҳо, аз ҷумла об, хок, ки барои санҷишу муайянкунӣ истифода бурда мешаванд, гирифта шуд.

Тибқи нақша чорабиниҳо гузаронидани мониторинги радиатсионӣ дар дигар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми сол дар назар аст.

Экспедитсияи навбатии илмии кормандони Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар ноҳияи Нуробод

Мутахассисони Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии АМИТ дар баробари дигар самтҳои фаъолияти худ, ҳамчунин ба омӯзиш ва муаян намудани ҳолати радиатсионӣ дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ пайваста ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва экспедитсионӣ машғул мебошанд.

Экспедитсияи навбатии илмии кормандони Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар ноҳияи Нуробод аз санаи 12 то 16 август, таҳти роҳбарии Ҳамидов Фарҳод - мудири шуъбаи илмӣ-таҳқиқотӣ, таълиму омӯзиш ва хизматрасониҳои техникӣ бо муваффақият идома гардида истодааст.

Дар доираи ин экспедитсияи илмӣ – таҳқиқотӣ, мониторинги радиатсионии тамоми минтақаҳои ноҳияи Нуробод гузаронида шуд, ки дар раванди он кормандон ба ҷамъоварии намунаҳои хок ва об бо истифода аз таҷҳизотҳои наву замонавӣ барои таҳлили минбаъда ва арзёбии он машғул шуда истодаанд.

Тазаккур додан ба маврид аст, ки ҳадафи асосии экспедитсияи мазкур омӯзиш ва баррасии арзёбии ҳолати радиатсионии минтақаҳои ноҳияи Нуробод ва таҳияи харитаи радиатсионии ин минтақа маҳсуб меёбад.

Омӯзиши ҳолати радиатсионии ноҳияи Сангвор

Дар доираи сафари экспедитсионии илмӣ, ки бо мақсади арзёбии вазъи ҳолати радиатсионӣ, аз ҷониби кормандони шуъбаи илмӣ-таҳқиқотӣ, таълиму омӯзиш ва хизмтрасониҳои техникии Агентии амнияти химияавӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии АМИТ дар ноҳияи Сангвор, санаи 19-24 августи соли 2024 сурат гирифта истодааст, ки дар раванди он ҳолати радиатсионӣ ва ҷамъоварии намунаҳои хок ва об барои санҷиш ва муайянкунӣ гирифта шуд.

Лозим ба ёдоварист, ки мақсади асосии экспедитсияи илмии мазкур, ин омӯзиш ва баррасии арзёбии ҳолати радиатсионӣ дар мавзеъҳои номбурда ва дигар минтақаҳои ноҳияи Сангвор ба шумор рафта, дар таҳияи харитаи радиатсионӣ нақши муҳимро мебозад.

Ҳимояи рисолаи номзадии Баҳронов Соҷидхон дар мавзуи: “Асосҳои технологии коркарди маводҳои уранӣ ва баҳодиҳии хавфи радиатсионии минтақаҳои Тоҷикистон”

11 - уми сентябри соли 2024 дар маркази таълимӣ ва омӯзишии Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, корманди Агентӣ - Баҳронов Соҷидхон рисолаи номзадии худро зери унвони “Асосҳои технологии коркарди

маводҳои уранӣ ва баҳодиҳии хавфи радиатсионии минтақаҳои Тоҷикистон”, таҳти роҳбарии доктори илмҳои техникӣ, профессор, Илҳом Мирсаидзода - директори Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯи ихтисоси 05.17.01 – «Технологияи моддаҳои ғайриорганикӣ» ва 03.02.08.04 - «Экология ва соҳаи илмҳои техникӣ» бо муваффақият ҳимоя намуд.

Рисолаи диссертатсионии Баҳронов Соҷидхон фарогири мавзӯи муҳим буда, мақсади он, омӯзиши заминаҳои физикӣ, химиявӣ ва технологии коркарди маводҳои урандор ва арзёбии хатари радиатсионӣ ҳангоми коркарди маъданҳо ва партовҳои урандор, инчунин мониторинги радиатсионӣ дар минтақаҳои мухталифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазъияти радиатсионӣ ва таҳияи харитаи радиологӣ мебошад.

Навгониҳои илмии таҳқиқот низ қобили зикри хос аст, ки масалаҳои зеринро дар бар мегирад, аз ҷумла:
- асосҳои технологии коркарди маводҳои урандор таҳия карда шудаанд;
- арзёбии хатари радиатсионӣ ҳангоми коркарди маводҳои урандор ва хатари радонии баъзе минтақаҳои Тоҷикистон муайян гардидааст;
- муҳоҷирати радионуклидҳо дар муҳити зист омӯхта шудааст;
- таъсиррасонии дозаи афканишот ба аҳолӣ дар ҳудудҳои минтақаҳои хатарноки истиқомат омӯхта шудааст.

Аз ин рӯ, коркарди маводҳои дорои уран ва арзёбии хатари радиатсионӣ вазифаи таъхирнопазир мебошад. Зарурати гузаронидани тадқиқот оид ба коркарди маъданҳо ва партовҳои урандор аз ҳалли масъалаҳои муҳофизати муҳити зист бармеояд.

Ҳайати кормандони Агентӣ Баҳронов Соҷидхонро барои бо муваффақиятона ҳимоя намудани рисолаи номзадӣ табрику таҳнИят намуда, дар фаъолияти минбаъдаи илмиаш барору комёбиҳоро таманно менамоянд.

Омӯзиши вазъи радиатсионии баъзе ноҳияҳои ҷанубии Тоҷикистон

Дар доираи иҷроиши мавзӯи илмии Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии имҳои Тоҷикистон аз ҷониби кормандони шуъбаи илмӣ-таҳқиқотӣ, таълиму омӯзиш ва хизмтрасониҳои техникии Агентӣ дар ноҳияҳои гуногуни ҷумҳурӣ мониторинги радиатсионӣ гузаронида шуда истодааст. То ин замон мониторинги радиатсионии объекти таърихии “Аҷинатеппа”, “Ҳулбук”, “Саразм” ва “Карон” гузаронида шуда буданд.

Имрӯзҳо кормандони шуъба ба гузаронидани мониторинги радиоэкологӣ дар ноҳияҳои Қабодиён, Шаҳритус ва Носири Хисрав машғул мебошанд. Дар доираи ин экспедитсия мониторинги радиатсионии минтақаи таърихии “Тахти сангин” гузаронида шуд. Дар ин раванд тавоноии дозаҳои минтақаҳо чен карда шуда, намунаҳои хок, оби дарёҳо ва обҳои нушокии мавзеъҳои аҳолинишин барои санҷиш ва муайянкунӣ гирифта шуданд.

Ғайр аз ин дар минтақаҳои сайёҳии “Чилдухтарон” ва мамнуъгоҳи “Бешаи палангон” низ мониторинги радиатсионӣ гузаронида шуданд. Гузаронидани мониторинги радиатсионӣ дар маконҳои таърихӣ ва шаҳру ноҳияҳои Тоҷикистон идома дорад.

Натиҷагирӣ аз фаъолияти нӯҳмоҳаи Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар соли 2024

4-уми октябри соли равон дар маҷлисгоҳи Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон маҷлиси ҷамъбастӣ доир ба натиҷаҳои фаъолияти

Агентӣ дар нӯҳ моҳи соли 2024 баргузор гардид.

Дар кори ҷаласа ноиби Президенти АМИТ Амонзода Илҳом, директори Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроӣ, Илҳом Мирсаидзода, муовинон, мудирони шуъбаю бахшҳо ва директорони Филиалҳои Агентӣ дар вилоятҳои Суғд, Хатлон ва Бадахшон ба таври маҷозӣ иштирок намуданд.

Нахуст директори Агентӣ, Илҳом Мирсаидзода оид ба натиҷаҳои фаъолият дар нӯҳ моҳи соли 2024 ҳисобот дода, натиҷаҳои илми- таҳқиқотӣ зарфи нӯҳ моҳи соли ҷорӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифт.

Тавре зикр гардид, дар ин давра аз ҷониби ходимони Агентӣ 2 монография, таҳия гардида, 43 мақолаи илмию оммавӣ ба нашр расид.

Инчунин, дар нӯҳ моҳи сипаришуда ба як нафар унвони Профессорӣ дода шуда, 3 нафар номзадӣ ҳимоя намуданд.

Дар умум фаъолияти Агентӣ дар нӯҳ моҳи соли равон аз ҷониби Президенти АМИТ самарбахш арзёбӣ гардид.

Дар интиҳои маҷлис, ноиби Президенти АМИТ Амонзода Илҳом оид ба дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар вохурӣ бо аҳли илм ва маорифи кишвар 30 майи соли равон баргузор гардид, аз ходимон ва олимони ҷавони Агентӣ даъват намуданд, ки ҳарчи бештар дар пешрафти иқтисодиёт, павасти илм бо истеҳсолот ва татбиқи ҳадафҳои стратегии мамлакат саҳмгузор бошанд.

Инчунин ба ходимон ва олимони ҷавони Агентӣ тавсия дода шуд, ки ҳарчи бештар дар озмунҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ аз ҷумла “Илм фуруғи маърифат” иштрок намуда, донишу маҳорати худро сайқал диҳанд.

Баррасии вазъи бехатарии радиатсионӣ ва радиологии маконҳои таърихию сайёҳӣ дар семинари навбатӣ

Дирӯз дар Маркази таълимӣ ва омӯзишии Агентии амнияти ХБРЯ-и Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таҳти унвони “Вазъи бехатарии радиатсионӣ ва радиологии маконҳои таърихию сайёҳӣ”, семинари илмӣ-амалӣ доир гардид.

Семинари мазкур таҳти роҳбарии академики АМИТ, Улмас Мирсаидов баргузор гардида, дар он ходимони илмӣ аз Агентии амнияти ХБРЯ-и Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва озмоишгоҳи коркарди ашёи хоми минералии Институти химияи ба номи В.И. Никитини АМИТ иштирок намуданд. Дар чорабинии мазкур вазъи бехатарии радиатсионии маконҳои таърихию сайёҳӣ, аз ҷумла “Бешаи Палангон”, “Тахти Сангин”, “Ҳафткул” ва дигар маконҳои таърихию сайёҳии шаҳри Панҷакент мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор гирифт.

Сипас, дар ҷараёни семинар Ҳамидов Фарҳод - мудири шуъбаи илмӣ-таҳқиқоти, таълиму омӯзиш ва хизматрасониҳои техникӣ, Қурбонов Амиршо - директори Филилали Агентӣ дар вилояти Хатлон ва ходими калони илмии Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ - Муродов Шоҳин оид ба натиҷаҳои экспедитсионӣ ва ҳолати имрӯзаи вазъи радиатсионии маконҳои номбурда ва атрофи он дар назди ҳозирин баромад намуданд.

Дар идомаи Тағоев Муродбек - ходими пешбари илмии озмоишгоҳи Институти химияи ба номи В.И.Никитини АМИТ дар мавзӯи “Коркарди маъдан ва партовҳои истеҳсолӣ барои ба даст овардани маҳсулотҳои пуразриш ба монанди каогулянтҳо ва масолеҳи чинӣ (фарфор) аз ашёи хоми маҳаллӣ” муфассал суханронӣ намуд.

Дар интиҳо муҳокимаронӣ сурат гирифта, иштирокчиён ба суолҳои худ посух гирифтанд.

Семинари илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи “Мониторинги радиоэкологӣ” дар баъзе минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Имрӯз, дар Маркази таълимӣ ва омӯзишии Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон вобаста ба гузаронидани “Мониторинги радиоэкологӣ” дар баъзе минтақаҳои сайёҳӣ, семинари илмӣ-назариявӣ баргузор гардид.

Семинари мазкур таҳти роҳбарии академики АМИТ, Улмас Мирсаидов баргузор гардида, дар он унвонҷӯён, ходимони илмӣ ва кормандони Агентии амнияти ХБРЯ ва ва ходимони илмии Озмоишгоҳи коркарди ашёи хоми минералии Институти химияи ба номи В.И. Никитинаи АМИТ иштирок намуданд.

Чорабиниро академики АМИТ, Улмас Мирсаидов ифтитоҳ намуда, сараввал ҳамаи ҳозиринро бахшида ба Рӯзи Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон табрику таҳнинят гуфта, оид ба аҳамияти ин санади олӣ суханронии пурмуҳтаво намуданд.

Сипас, дар идомаи чорабинӣ унвонҷӯёни Агентӣ, Насруллоев Асомудин вобаста ба натиҷаи таҳқиқотҳои анҷомдода, дар мавзӯи “Хусусиятҳои хоси маъданҳои дорои уран дар кони Помири Шарқӣ” ва Раҳматшоев Самандар дар мавзӯи “Гузаронидани мониторинги радиоэкологӣ” дар маконҳои таърихӣ”, дар назди ҳозирин баромад намуда, мавзуи мазкурро шарҳу тавзеҳ доданд.

Дар ҷараёни семинар академик, Улмас Мирсаидов таваҷҷуҳи олимони ҷавонро ба омӯзиши илмҳои дақиқ ва забонҳои хориҷӣ ҷалб намуда, пешниҳод намуданд, ки чунин семинарҳои илмӣ бо забонҳои русӣ ва англисӣ низ гузаронида шаванд.

Дар интиҳои чорабинӣ вобаста ба мавзуи баррасишуда, суолу ҷавоб сурат гирифта, иштирокчиён посухҳои мушаххас гирфтанд.

Баҳри баланд бардоштани сатҳи илмии кормандони ҷавон семинари машвараті баргузор гардид

28 ноябри соли равон дар Маркази минтақавии бехатарӣ, амният ва кафолати ХБРЯ- и Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, баҳри баланд бардоштани сатҳу сифати илмии мутахассисони ҷавон, бо иштироки олимон ва

кормандони Марказ семинари машвараті баргузор гардид.

Ҳадафи семинари мазкур баланд бардоштани сатҳу сифати илм, тарбияи олимони ҷавон, инкишофи қобилияти эҷодӣ, ташаккули тафаккури илмӣ-техникӣ, рушди зеҳнӣ ва ҷалби ҷавонон ба фаъолияти илмию таҳқиқотӣ мебошад.

Дар кори семинар ходими пешбари илмии Агентӣ, номзади илмҳои физика Саломов Ҷаббор дар мавзӯи «Сохти атом» маъруза намуд.

Сипас, дар идомаи чорабинӣ мутахассисони ҷавон Маҳина Урунова дар мавзӯи «Усули реаксияи занҷири полимеразӣ» ва озмоишгари калони Марказ Асиламои Ашурмад дар мавзӯи усули дигари таҳлил, яъне «Таҳлили иммуносорбенти бо фермент», баромад карда моҳияти ин усулҳоро дар назди иштирокчиён шарҳу тавзеҳ доданд.

Дар фарҷоми чорабинӣ вобаста ба мавзӯъҳои баррасишуда, муҳокимаронӣ сурат гирифта, иштирокчиён ба суолҳои худ посухҳои мушаххас гирфтанд.

Бояд тазаккур дод, ки роҳбарияти Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар доираи «Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ барои солҳои 2021-2030›› тасмим гирфтааст, ки баҳри омода кардани мутахассисони сатҳи баланди илмӣ, ҳар ҳафта дар Маркази минтақавии бехатарӣ, амният ва кафолати ХБРЯ семинари машвараті баргузор намояд.

ИЛМӢ - ТАШКИЛӢ

info@cbrn.tj
www.cbrn.tj

ҶАЛБИ ЗАНОН ВА ҶАВОНОН БА КАСБИЯТҲОИ ТЕХНИКӢ

Дар сиёсати иҷтимоии давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи баланд бардоштани мақоми занон дар ҳаёти ҷомеа диққати ҷиддӣ дода мешавад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмӯи тадбирҳои мушаххасро бо мақсади баланд бардоштани мақоми занон дар ҷомеа, таъмини риояи ҳуқуқҳои конституцсионии онҳо, густариши фаъолияти ҷамъиятию меҳнатӣ, ташаккули тарзи ҳаёти солим, баланд бардоштани сатҳи маърифатнокӣ амалӣ гардонида истодааст.

Бахши Миллии “Хонуми ядрой” дар раванди фаъолияти худ масъалаҳои фароҳам овардани шароити мусоид барои иштироки фаъолонаи занон дар илм, фарҳанг ва фаъолияти ҷамъиятӣ, таҳкими нуфузи занон дар ҷомеа, мусоидат намудан ба занон дар болоравии касбӣ ва такмили ихтисос, мусоидат ба табодули дониш ва таҷриба диққати махсус дода истодааст.

Аъзои Бахши Миллии “Хонуми ядрой” доктори илмҳои техникӣ, профессор Ғайбуллоева Зумрат Ҳабибовна баҳри иҷроиши нақшаи кории Бахши Милии “Хонуми ядрой” оид ба корҳои ташвиқотии касбомӯзӣ, давоми ду моҳ аз 4 декабри соли 2023 то 23 январи соли 2024 дар курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзии тайёрии касбӣ, ки барои ҷалби занон ва ҷавонони ноҳияи Хатлон ба омӯзиши касбӣ, баланд бардоштани сатҳи тахассусии касб ва бо ҷои кор таъмин намудани онҳо, иштирок намуд.

Дар курсҳои касбомӯзӣ, ки дар назди корхонаи истеҳсолии ҶСК “АЗОТ” дар шаҳри Леваканди вилояти Хатлон ташкил карда шуданд 180 нафар шунавандагон иштирок намуданд, ки аксаран аз ҷавонон ва занон иборат буданд. Курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзии тайёрии касбӣ аз рӯи ихтисосҳои: операторони истеҳсолоти химиявӣ, монтери барқчӣ, кафшергари барқию газӣ, челонгари барқии асбобҳои назоратӣ, ченкунӣ ва автоматика, мошинисти таҷҳизотҳои насосию компрессорӣ, челонгар оид ба таъмири таҷҳизотҳо, ҳаррот, лабаранти таҳлили химиявӣ ташкил карда шуданд. Пас аз хатми бомуваффақонаи курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзии тайёрии касбӣ ба шунавандагон ҳуҷҷати ягонаи намунаи давлатӣ шаҳодатнома дар бораи касб дода шуд. Шунавандагон мутобиқи касби омӯхта шуда бо хоҳиши худ метавонанд дар ҶСК АЗОТ ва ё дигар корхонаи истеҳсолӣ бо ҷои кор таъмин шаванд.

Лексия дар мавзӯи «Синдроми сӯхташавии эҳсосӣ»

26 январи соли 2024 дар доираи фаъолияти Бахши миллии «Хонуми ядрой» оид ба табодули дониш ва таҷриба дар мавзӯи «Синдроми сӯхташавии эҳсосӣ» лексия баргузор гардид. Маърӯзачӣ Абиджанова Нигора Нафизовна, роҳбари филиал/намояндаи кишварии ICAP Global Health дар Тоҷикистон, н.и.ф. онкология ва тандурустии ҷамъиятӣ.

Нигора Нафизовна зикр кард, ки мафҳуми «сӯхташавии эҳсосотӣ» бори нахуст аз ҷониби Ҳерберт Фрейденбергер соли 1974 дар Ню-Йорк истифода шудааст. Ҳамааш аз мақолае оғоз ёфт, ки дар солҳои 1970 дар маҷаллаи иҷтимоӣ нашр шуда буд. Маҳз ҳамин мард бори аввал истилоҳи «сӯхташавиро» истифода бурд

ва дар соли 1974 китоби «Burnout: The High Cost of High Achievment» (Сӯхташавӣ: хароҷоти баланди дастовардҳои баланд)-ро навишт. Фрейденбергер дар ибтидо ин истилоҳро ба одамоне, ки дар соҳаи кӯмаки иҷтимоӣ кор мекарданд: ҳамшираҳои шафқат, муаллимон, кормандони иҷтимоӣ истифода бурд.
«Сӯхтани эмотсионалӣ» ҳолати хастагии ҷисмонӣ, эмотсионалӣ, равонӣ ва механизми муҳофизати равонӣ мебошад, ки аз ҷониби шахс дар шакли пурра ё қисман истисно кардани эҳсосот дар ҷавоб ба таъсири осеби равонӣ таҳия шудааст. Сӯхташавӣ як вокуниш ба фишори доимии эмотсионалӣ мебошад.

Дар рафти лексия омилҳое, ки метавонанд боиси сӯхташавии эмотсионалӣ гарданд:

- мушкилоти иқтисодӣ;
- мушкилоти иҷтимоӣ ва равонӣ;
- мавҷуд набудани шароит барои рушди касбӣ;
- афзоиши таҷрибаи умумии корӣ боиси паст шудани солимии равонӣ ва ҷисмонӣ мегардад.

Сӯхташавӣ ногаҳон рӯй намедиҳад. Ин равандест, ки бо мурури замон инкишоф меёбад, - таъкид кард Нигора Нафизовна. Марҳилаи аввал ин фаромӯш кардани баъзе нуктаҳо мебошад, ба забони ҳаррӯза, дар хотира гум мешавад (масалан, дар ҳуҷҷатҳо сабти зарурӣ ворид шудааст ё не). Дар марҳилаи дуюм, кам шудани шавқу рағбат ба кор ва зарурати муошират (аз ҷумла дар хона, бо дӯстон) мушоҳида мешавад: "Ман намехоҳам" онҳоеро, ки мутахассис бо онҳо аз рӯи хати кор муошират мекунад (мизоҷон, беморон, мактаббачагон). Марҳилаи сеюм ин худи сӯхташавии шахсӣ аст. Бо пурра гум шудани шавқ ба кор ва зиндагӣ, бепарвоии эмотсионалӣ, эҳсоси доимии қувват хос аст.

Дар баробари сабабҳои хастагии эмотсионалӣ чораҳои пешгирии он низ баррасӣ шуданд - бояд дар хотир дошт, ки кор танҳо як қисми ҳаёт аст ва шумо бояд мувозинати байни кор, оила, дӯстон ва саломатиро пайдо кунед!

Саҳми Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядрой-и Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар мубориза бо терроризм ва ифротгарой

Саҳми Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядрой-и Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

дар муборизa бо терроризм ва ифротгарой

Дар ҷаҳони муосир, терроризм ва ифротгарой ба амнияти ҷаҳон хатари ҷиддӣ эҷод мекунад. Солҳои охир ҷомеаи ҷаҳонӣ бештар ба таҳдидҳои терроризму ифротгарой рӯ ба рӯ шудааст, ки сарҳадро намедонанд ва талошҳои ҳамоҳангшударо дар сатҳи байналмилалӣ тақозо мекунанд. Вазъият дар Афғонистон, ки шароити душвори геополитикӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ барои густариши ғояҳои ифротгарой ва терроризм шароити мусоид фароҳам меорад, шоёни таваҷҷӯҳи махсус аст ва аз ин рӯ, нақши муассисаҳои илмӣ ва таълимӣ дар омода намудани сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муқовимати босамари ин таҳдидҳо дар хати сарҳад махсусан муҳим мегардад.

Дар ин росто, фаъолияти Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядрой-и Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон сазовори таваҷҷӯҳи махсус аст, зеро он ба баланд бардоштани самаранокии муборизa бо ин таҳдидҳо нигаронида шудааст. Дар ин раванд Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядрой-и Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон нақши пешбарандаро ба ӯҳда гирифта, барномаҳои фарогири омодасозӣ ва такмили ихтисоси сохторҳои қудратии кишварро амалӣ менамояд.

Таваҷҷуҳи асосӣ дар фаъолияти Агентӣ ба ташкил ва гузаронидани давраҳои омӯзишӣ, семинарҳо ва конфронсҳо барои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ равона карда шудааст. Ин чорабиниҳо ба баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ ва маҳорат дар ошкор, пешгирӣ ва вокуниш ба таҳдидҳои ХБРЯ, ки аз ҷониби гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистӣ истифода мешаванд, равона карда шудааст.

Барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо аз ҷониби Агентӣ фаъолона ҷалби грантҳо ва маблағҳои байналмилалӣ амалӣ карда мешавад, ки ин имкон медиҳад, ки на танҳо сатҳи баланди чорабиниҳо таъмин карда шавад, балки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо таҷҳизоти зарурӣ, либоси махсус ва мошинҳо таъмин карда шаванд. Ин муқаррарот дар баланд бардоштани омодагии кормандон барои вокуниши муассир ба таҳдидҳои эҳтимолӣ нақши муҳим мебозад. Ба таҳия ва ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ дар таҷрибаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад. Агентӣ дар доираи лоиҳаҳои байналмилалӣ ва ҳамкорӣ бо марказҳои илмии пешрафтаи ҷаҳон таҷриба ва технологияҳои пешрафтаро интиқол медиҳад, ки ба таҳкими амнияти миллӣ ва баланд бардоштани самаранокии муборизa бо терроризму ифротгарой мусоидат мекунад.

Баргузор намудани давраҳои омузишӣ ва семинарҳо

Яке аз самтҳои асосии фаъолияти Агентӣ омодагӣ ва омодасозии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон мебошад. Татбиқи давраҳои омӯзишӣ, семинарҳо ва конфронсҳо ба баланд бардоштани малакаи кормандон дар соҳаи эътироф ва пешгирии таҳдидҳои ХБРЯ мусоидат мекунад. Барномаҳои омӯзишии ҷанбаҳои гуногун, аз ҷумла усулҳои ошкор ва безараргардонии агентҳои химиявӣ, биологӣ ва радиатсионӣ, инчунин чораҳои пешгирии таҳдидҳои ҳастаӣ мебошанд.

Ҳамкории байналмилалӣ ва ҷалби грантҳо

Агентӣ бо шарикон ва созмонҳои байналмилалӣ ҷиҳати ҷалби кумакҳои молиявӣ ва грантҳо барои таҳкими сарҳад ва мубориза бо терроризм фаъолона ҳамкорӣ мекунад. Ин маблағҳо барои харидории таҷҳизоти зарурӣ, либоси махсус ва технологияҳои инноватсионӣ истифода мешавад, ки имкони сохторҳои ҳифзи ҳуқуқро дар таъмини амнияти давлат ба таври назаррас афзоиш медиҳад.

Таҷҳизоти техникӣ ва дастгирии инфрасохтор

Агентӣ бо ҷалби грантҳои байналмилалӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқро бо таҷҳизоти муосир, аз ҷумла детекторҳои ХБРЯ, либосҳои махсуси муҳофизатӣ ва таҷҳизоти алоқа таъмин менамояд. Илова бар ин, дар чаҳорчӯби барномаи таҳкими марз ба таҷдид ва муҷаҳҳазсозии гузаргоҳҳои марзӣ дар хати сарҳади Тоҷикистону Афғонистон, ки барои ҷилавгирӣ аз убури ғайриқонунии марз ва вуруди унсурҳои ифротӣ муҳим аст, таваҷҷуҳи хоса зоҳир мешавад.

Фаъолияти Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядрой-и Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар мубориза бо терроризм ва ифротгарой дар таъмини амнияти миллӣ ва минтақавӣ нақши муҳим дорад. Омӯзиши мунтазами сохторҳои қудратӣ, навсозии таҷҳизоти техникӣ ва таҳкими марз, бахусус дар хати сарҳади Тоҷикистону Афғонистон, дар муқобили паҳншавии таҳдидҳои ХБРЯ монеаи боэътимод эҷод мекунад. Ҳамкории байналмилалӣ ва ҷалби грантҳо дар татбиқи ин вазифаҳо нақши асосиро бозида, намунаи бомуваффақият муттаҳид шудани қувваҳоро дар муқовимат бар зидди баъзе мушкилоти ҷиддии замони мо нишон медиҳад.

Муаллиф: д.и.т. Илҳом Мирсаидзода - директори Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

Рӯзи байналмилалии занон ва духтарон дар соҳаи илм

Рӯзи байналмилалии занон ва духтарон дар илм, ки ҳамасола 11 феврал таҷлил мешавад, аз ҷониби Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид бо мақсади таъмини дастрасии комил ва баробарии занону духтарон ба илм ва иштироки онҳо қабул шудааст. Хотиррасон мекунем, ки дар ин рӯз занон ва духтарон дар ҷомеаи илму техника нақши муҳим доранд ва иштироки онҳо бояд зиёд карда шаванд. Таҷлили Рӯзи байналмилалии занон ва

духтарон дар соҳаи илм аз ҷониби ЮНЕСКО ва Созмони Милали Муттаҳид дар ҳамкорӣ бо ниҳодҳо ва шарикони ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки ба иштироки занон ва духтарон дар илм мусоидат мекунанд, ташкил карда мешавад.

Илм ва баробарии гендерӣ барои ноил шудан ба рушди устувор муҳим аст. Бо вуҷуди ин, занон ва духтарон аз иштирок дар илм хориҷ карда мешаванд: камтар аз 30% тадқиқотчиён дар саросари ҷаҳон занон мебошанд. Ҳалли баъзе мушкилоти асосии Рӯзномаи Рушди Устувор - аз беҳбуди соҳаи тандурустӣ то мубориза бо тағйирёбии иқлим - ба истифодаи истеъдодҳои ҳама такя мекунад. Ин маънои ба ин соҳаҳо ҷалб намудани ҳарчи бештари занонро дорад. Гуногунӣ дар пажӯҳишҳо тавассути ҷорӣ кардани дурнамо, истеъдод ва эҷодиёти нав шумораи муҳаққиқони боистеъдодро васеъ мекунад.

9 феврали соли 2024 бахшида ба Рӯзи байналмилалии занон ва духтарон дар соҳаи илм, Бахши миллии «Хонуми ядрой» лексияи «Асосҳои бехатарии биологӣ» баргузор гардид. Лектор Назарова Орзугул Домулоҷоновна - номзади илмҳои тиб, микробиологи Маркази ҷумҳуриявии мубориза бо бемориҳои карантинии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

Орзугул Домулоҷоновна дар маърузаи худ дар бораи манбаъҳои асосии хавфи биологӣ ба аҳолӣ, ҳайвонот ва муҳити зист сухан ронданд.

• микроорганизмҳои патогенӣ, прионҳо, ангезандаҳои бемориҳои паразитӣ (инфексияҳои хатарнок ва махсусан хатарнок, аз ҷумла фокуси табиӣ, стихиявӣ, нав ва «бозгашт»):

• омилҳои вайронкунанда – маҳсулоти партовҳои микроорганизмҳо (токсинҳо, ферментҳо, биорегуляторҳои сафедаҳо, суперантиген ҳо, мини-антителоҳо), микроорганизмҳои технофилӣ ва ғайра;

• организмҳои аз ҷиҳати генетикӣ тағйирёфта ва сохторҳои генетикӣ (векторҳои вирусӣ, РНК-и дуқабата, онкогенҳо, генҳое, ки сафедаҳои токсинҳоро рамзгузорӣ мекунанд);

• микробҳои патогенӣ ба доруҳои зиддимикробӣ тобовар;

• экопатогенҳо, ки ба объектҳои физикии муҳити зист зарар мерасонанд.

Қайд карда шуд, ки амнияти биологӣ татбиқи принсипҳо, технологияҳо ва таҷрибаҳои нигоҳдорӣ барои пешгирии дучоршавӣ ба микроорганизмҳо ва токсинҳо ё паҳншавии тасодуфии онҳоро дар бар мегирад. Орзугул Домулоҷоновна дар маърӯзаи худ ҳамчунин доир ба пайдоиши сироятҳои нав (Эбола, Зика, Коронавирус), сироятҳои такроршаванда (полиомиелит, сурхак) ва бемориҳои хатарнок аз қабили вабо, варача, лептоспироз, бруселлёз ва ғайра ва чӣ гуна дар Ҷумҳурӣ Тоҷикистон бо чунин таҳдидҳо мубориза бурданро фаҳмонданд. Дар охир зикр гардид, ки занон дар рушди илм саҳми бузург дошта, ҷавондухтарон барои пешбурд, рушд ва такмили технологияҳои илмӣ, ки аллакай ба нафъи Тоҷикистон ва шукуфоии Тоҷикистон саъй мекунанд, имкониятҳои бузург доранд.

Конференсияи 10-уми илмии ҷумҳуриявии «Саҳми занон дар рушди илми муосир»

21 феврали соли 2024 дар Маркази таълимии минтақавии Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии назди Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бахшида ба Рӯзи байналмилалии занон ва духтарон дар соҳаи илм Конференсияи Х илмӣ-

ҷумҳуриявии «Саҳми занон дар рушди илми муосир» баргузор гардид. Конференсияи мазкур дар доираи «Бистсолагии омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф барои солҳои 2020-2040» баргузор гардид.

Конфреренсия илмӣ-ҷумҳуриявӣ бо ташаббуси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бо дастгирии Агентии амнияти ХБРЯ ва Бахши миллии «Хонуми ядрой» ташкил карда шуд.

Дар кори конференсия муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ Мансурӣ Дилрабо, раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддинзода Бунафша, вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Саториён Матлубахон, Президенти Академияи илмҳои Тоҷикистон Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт, раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон Содиқї Насиба ва муовини раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон Хайринисо Юсуфӣ иштирок доштанд.

Раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддинзода Бунафша бо сухани ифтитоҳӣ доир ба нақши занон дар рушду такмили илм, фаъолияти занони тоҷик баромад намуда ба дастовардҳои занон дар соҳаҳои мухталифи илмӣ-амалӣ баҳои баланд доданд.

Зимни суханронӣ муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Мансурӣ Дилрабо дар баромади худ нақши муҳими занону духтаронро дар пешрафти илми муосири тоҷик қайд намуд. Ҳамчунин дар баромади худ қайд намуданд, ки бонувони олими тоҷик бо истифода аз усулу технологияҳои пешқадами тадқиқотҳои илмӣ-амалӣ пайваста барои баланд бардоштани сатҳи дониши худ саъю кӯшиш менамоянд ва тамоми нерӯи худро барои баланд бардоштани нуфузи илми тоҷик сарф менамоянд.

Дар идомаи кори конференсия Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт баромад намуда, қайд кард, ки дар даврони соҳибистиқлолӣ маҳз бо шарофати сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷой ва мақоми занон дар ҷомеа баланд гардид ва дар баромади худ оиди Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои беҳтар намудани вазъи занон дар ҷомеа», «Дар бораи кафолатҳои давлатии ҳуқуқҳои баробари мардон ва занон ва имкониятҳои баробари татбиқи онҳо»; Нақшаи миллии “Тадбирҳои баланд бардоштани мақом ва нақши

занон”; Барномаи давлатии «Самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробари мардону занон», «Таълим, интихоб ва аз ҳисоби занону духтарони соҳибистеъдод ҷо ба ҷо гузоштани кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» қайд намуданд.

Дар ҷаласаи пленарӣ доктори илмҳои техникӣ, профессор Ғайбуллоева Зумрат Ҳабибовна, аъзои Бахши миллии «Хонуми ядрой» баромад намуд. Дар баромад дар бораи фаъолияти «Хонуми ядрой» муфассал сухан ронда, самтҳои асосии кориро қайд намуд:

-фароҳам овардани шароити мусоид барои иштироки фаъолонаи занон дар илм, фарҳанг ва фаъолияти ҷамъиятӣ;
- таҳким намудани мавқеъи занон дар ҷомеа;
- мусоидат ба занони соҳибкасб дар фаъолият ва пешравии мансабӣ;
- мусоидат ба табодули дониш ва таҷриба;
- ташвиқ намудани шавқу рағбат ба илм, аз ҷумла технологияи ядроӣ, бехатарии ядрой ва радиатсионӣ ва ғайра, махсусан дар байни занон ва ҷавонон;
-хамкорӣ бо дигар ташкилотҳои илмӣ, фарҳангӣ ва ҷамъиятӣ;
- таҳкими ҳувияти миллӣ ва маънавӣ;
- дастгирии занон-олимон ба воситаи ахбори омма;

Ғайбуллоева З.Ҳ ҳамчунин дар баромади худ доир ба муҳимтарин рӯйдодҳои Бахши миллии «Хонуми ядрой», аз ҷумла Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Нақши занони олим дар рушди илм, инноватсия ва технология», озмунҳои ҳарсолаи таомҳои миллӣ «Дастархонӣ миллӣ» ва озмуни иншои ҷавондухтарон дар мавзӯи “Роҳбарии занони Тоҷикистон дар касбҳои илмию техникӣ” суханронӣ намуд. Дар рафти баромад оиди сафари иштирокчиёни Бахши миллии «Хонуми ядрой» ба корхонаи истеҳсолии ҶСК «АЗОТ» ва нерӯгоҳи барқи обии «Сарбанд»-и шаҳри Леваканди вилояти Хатлон гуфта гузашт. Махсусан, қайд карда шуд, ки кори Бахши милии “Хонуми ядрой” барои ҷалби ҷавондухтарон ба илм аҳамияти калон дорад ва он барои коҳиш додани фарқияти гендерӣ дар ин соҳа кӯмак мекунад ва баробарии имкониятҳоро барои ҳамаи олимон фароҳам меорад. Ҷалби ҷавондухтарон ба илм як қадами муҳими пешрафт ва навоварӣ дар таҳқиқотҳои илмӣ буда, фароҳам овардани имкониятҳои баробар барои ҳамаи олимон ба рушди кулли ҷомеа мусоидат мекунад.

Конференсияи илмӣ-ҷумҳуриявӣ дар се бахш: ҷаласаи пленарӣ, бахши илмҳои ҷомеашиносӣ ва бахши илмҳои дақиқ ҷараён гирифта, дар он дастоварду муваффақиятҳо ва пажӯҳишу ихтироотҳои илмии олимаҳои тоҷик муаррифӣ гардид.

Дар кори конференсия намояндагони вазорату идораҳо, занону бонувони олимаву ихтироъкор, аспирантону магистрон, устодону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии кишвар беш аз 100 нафар фаъолона иштирок намуданд.

Бешубҳа, гузаронидани чунин конфронсҳои илмӣ барои олимони ҷавон, аспирантҳо ва магистрҳо заминаҳои нави илмӣ фароҳам оварда, шумораи зиёди ҷавондухтаронро ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ роҳнамоӣ мекунад.

Дар ҷамъбасти кори конференсияи илмӣ-ҷумҳуриявӣ бо дарназардошти саҳми арзандаи олимаҳову ихтироъкорон дар рушди илми муосир ва муаррифии дастовардҳои илми тоҷик дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ як қатор занону бонувони соҳаи илму ихтироот бо Ифтихорномаи Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз карда шуданд.

Мусобиқаи варзишӣ бахшида ба муносибати 31 - солагии таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷу мҳурии Тоҷикистон

Санаи 22- юми феврали соли 2024 бахшида ба муносибати 31 - солагии таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар майдони маркази омӯзишии минтақавии Агентии амнияти химияӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон чорабинии варзишӣ бо иштироки ҷавонони ниҳодҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон баргузор гардид.
Бо ин мақсад дар сатҳи баланд баргузор намудани рӯзи таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамасола 23 феврал дар саросари Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷлил мегардад ва дар ин замина, баҳри баланд бардоштани ҷалби ҷавонон ба варзиш, ташфиқи солимии ҷомеа дар байни ҷавонони ниҳодҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон чорабинии варзишӣ баргузор гардид.

Дар ин чорабинии варзишӣ ниҳодҳои зерини Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз ҷумла, Институти астрофизика, Муассисаи давлатии илмӣ-таҷрибавӣ ва истеҳсол, Институти химияи ба номи В.И. Никитин, Институти математикаи ба номи А.Ҷӯраев, Институти геология, сохтмони ба заминҷунби тобовар ва сейсмология, Маркази омӯзишии пиряхҳо ва Агентии амнияти Агентии амнияти химияӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроиии АМИТ иштирок варзиданд.

Дар чорабинӣ ҷавонон аз намудҳои зерини варзишӣ бо монанди турниккашӣ, бандкашӣ, тениси руйи миз, бо ангушт бардоштани вазн ва ғайра қувваозмоӣ намуданд.

Ҳамин тариқ дар чорабинии варзишӣ Агентии амнияти химияӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии АМИТ сазоворӣ ҷои аввал, Институти химияи ба номи В.И. Никитини АМИТ сазоворӣ ҷои дуюм ва Маркази омӯзишии пиряхҳои АМИТ сазоворӣ ҷои сеюмро соҳиб гардиданд.

Дар хотима аз ҷониби доварон ба ғолибон ва иштирокчиёни чорабинӣ тӯҳфаҳои хотиравӣ тақдим гардид.

Вохӯрии кормандони Филиали Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии АМИТ дар вилояти Суғд бо донишҷӯёни Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон дар шаҳри Бӯстон

Бо мақсади шарҳу тавзеҳи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълон гардидани солҳои 2020-2040 “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” бо ташаббуси Филиали Агентии амнияти ХБРЯ-и Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар вилояти Суғд дар Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон дар шаҳри Бӯстон семинари илмӣ - назариявӣ зери унвони “Бехатарии радиатсионӣ” баргузор гардид.

Дар семинари мазкур Бегмурот Бобоев, муовини директори Филиали Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар вилояти Суғд ба ҳозирин оид ба нуқтаҳои асосии Паём, нақши калидии илму маориф дар рушд ва пешрафти ҷомеа, роҳҳои баланд бардоштан нақши ҷавонон дар рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ суханронӣ намуд.

Қайд намудан ба маврид аст, ки семинари мазкур дар асоси Қарори Раёсати АМИТ, №90 аз 22 январи соли 2024 ва тибқи Фармоиши директори Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ, №24 аз 23 январи соли 2024 баргузор гардид ва ҳамзамон баргузории дигар вохуриву чорабиниҳо тибқи нақша идома дорад.
Дар семинари мазкур мутахассисони Филиали Агентӣ дар вилояти Суғд, дар мавзуҳои “Маҳфузгоҳҳои радиактивӣ ва бехатарии радиатсионии аҳолии вилояти Суғд” ва “Ҳолати радиатсионӣ дар ҷаҳони муосир ва Тоҷикистон” баромад намуданд.

Инчунин, дар раванди семинар донишҷӯён ва омӯзгорон ба саволҳои худ ҷавобҳои пурра ва конеъкунанда гирифтанд.
Дар хотима аз ҷониби роҳбарияти Донишкада ба кормандони Филиали Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ изҳори сипосу миннатдорӣ баён карда шуд.

Ёдовар мешавем, ки маҳз бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд ба Филиали Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар вилояти Суғд таҷҳизотҳои замонавӣ дастрас гардидааст, ки онҳо барои пайваста гузаронидани мониторинг ва корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар маҳфузгоҳҳои радиоактивӣ истифода бурда мешаванд.

Ташаббуси Анҷумани “Занони пиряхшинос”-и Маркази омӯзиши пиряхҳои дар ҳамкорӣ бо Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Душанбе

Тибқи супориш ва дастгириҳои пайваста ва ҳамаҷонибаву башардӯстонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам, Эмомалӣ Раҳмон ва иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 31 августи соли 2023, № 407, дар бораи амалигардонии қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид оид ба эълон карда шудани “Соли 2025 - Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо”, инчунин ҷиҳати баланд бардоштани саҳми занҳо дар ҷомеа аъзоёни анҷумани “Занони пиряхшинос”-и Маркази омӯзиши пиряхҳо дар ҳамкорӣ бо Ассотсиатсияи кор бо ҷавонон ба номи “Атом”-и Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, санаи 28-уми феврали соли 2024, дар Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №55, шаҳри Душанбе, бо иштироки хонандагони синфҳои 6 - 11 дарси кушод гузарониданд.

Дар оғози дарси кушод роҳбари “Анҷумани занони пиряхшинос” Қаюмова Дилором баромадкунандагонро ба хонандагон муарифӣ намуд. Сипас ходимони илмии Марказ доир ба мавзӯъҳои “Муарифи намудани ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати эълон намудани “Соли 2025- ҳамчун соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо” ва “Корхои илми ва экспедитсионӣ дар пиряхоиТоҷикистон” баромад намуданд.

Роҳбари Ассотсиатсияи кор бо ҷавонон ба номи “Атом”-и Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон оид ба муҳим будани омӯзиши радиатсия дар ҳаёти инсон ва ҳамзамон баҳодиҳии таъсири радиатсионии обҳои нӯшокие, ки аз пиряхҳо манша мегиранд, маълумот дод.

Баъди ҷамъбасти дарси кушод хонандагон барои навиштани эссеҳо, наворгирии видеороликҳои худ ва пешниҳод намудани онҳо дар ҷамъомади бахшида ба рӯзи 21-уми март – Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо”, ки санаи 14 - уми марти соли 2024 дар толори

маҷлисгоҳи Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон баргузор мегардад, даъват карда шуданд.

“Ташаббусҳои ҷаҳонии Пешвои миллат дар масъалаи ҳифзи пиряхҳо”.
“Ман ифтихор аз сарзамини пиряхҳо дорам”.
“Ҳифзи пиряхҳо - ҳифзи Ватан аст”.
Мавзуи видеоролик:
“Дар таъмини бехатарии муҳити зист ва аҳолӣ ба мо ҳамроҳ шавед!”

Семинари миллӣ таҳти унвони “Татбиқи стандартҳо ва дараҷаи асосии бехатарӣ дар корхонаҳои саноати химияи Ҷумҳурии Тоҷикистон”

26 - 28 феврали соли 2024 дар Маркази таълимӣ ва омӯзишии минтақавии Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон семинари миллӣ таҳти унвони “Татбиқи стандартҳо ва дараҷаи асосии бехатарӣ дар корхонаҳои саноати химиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон” баргузор гардид.

Сухани ифтитоҳиро Илҳом Мирсаидзода - директори Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон оғоз бахшида, қайд кард, ки бехатарӣ дар ҳама марҳалаҳои истеҳсолот афзалияти асосӣ ба ҳисоб рафта, семинари мазкур ба табодули дониш ва таҷриба дар самти таъмини бехатарӣ дар корхонаҳои саноати химиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудааст. Инчунин номбурда зикр кард, ки чорабинии мазкур на танҳо як манбаи иттилоот, балки платформаи мубодила барои ҳамаи иштирокчиён хоҳад гашт. Танҳо дар муттаҳидӣ мо метавонем, ки дар самти рушди устувори бехатарии саноати химиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳмгузор бошем.

Бояд қайд намуд, ки ҳадаф аз баргузории семинар ин пеш аз ҳама омӯзиш ва роҳнамой намудани иштирокчиён доир ба таҷрибаҳои пешсафи самти идоракунии кимиёвӣ аз нигоҳи муҳофизати ҷисмонӣ, техникӣ ва киберӣ ва ҳамзамон эмин будан аз ин гуна хатарҳо равона гардидааст.

Ҳамин тариқ, мақсади асосии баргузории семинари мазкур ин арзёбии хатарҳо, муайян намудани амалҳои афзалиятнок ва андешидани тадбирҳо дар корхонаҳои химиёвӣ нигаронида шудааст. Семинари серӯза аз лексияҳо ва машқҳои амалӣ оид ба методология, баҳодиҳӣ ва арзёбии хатарҳои химиёвӣ иборат буд.

Дар анҷоми семинар иштирокчиён тавонистанд:
- тадбирҳои самарабахши бехатар нигоҳ доштани иншооти химиявиро кор карда бароянд;
- тачрибаҳои пешқадами самти идоракунии химиявиро аз нигоҳи муҳофизати ҷисмонӣ, техникӣ ва киберӣ истифода баранд;
- бо мақсади мубодилаи тачриба ва инчунин омӯзиши дониш бо дигар пешсафони соҳа ва муассисаҳои химиявӣ ҳамкории зич барқарор созанд, ҳамзамон ҳамоҳангсозӣ байни ин муассисаҳо ба роҳ монда шавад.

Дар рафти баргузории семинар намояндагон аз Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳифзи муҳити зисти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаҳои давлатии химиявӣ ва Агентии амнияти Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иштирок намуданд.

Чорабинии хайриявӣ дар Мактаб-интернати ҷумҳуриявии низомаш махсуси шаҳри Ҳисор

Дар сиёсати иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирии ятимону бепарасторон, маъюбону барҷомондагон, оилаҳои бесаробон ва ниёзманди ҷомеа мавқеи меҳварӣ дошта, таҳти ғамхорӣ ва таваҷҷуҳи пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад.

Дар партави ин ғамхориҳо 29 феврали соли равон аз ҷониби аъзоёни Бахши миллии “Хонуми ядрой” ва Ассотсиатсияи кор бо ҷавонон ба номи «Атом» дар назди Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядрой-и АМИТ фаъолият мекунанд, дар Мактаб-интернати ҷумҳуриявии низомаш махсуси шаҳри Ҳисор чорабинии хайриявӣ баргузор гардид.

Дар чорабинии мазкур ба тарбиятгирандагони кӯдакони дорои имкониятаашон маҳдӯд дар Мактаб-интернати ҷумҳуриявии низомаш махсуси шаҳри Ҳисор маводҳои лозима ва хурокворӣ тақдим гардид.

Дар рафти чорабинии хайриявӣ, роҳбарият ва таълимгирандагони муасиссаи номбурда ин иқдоми хайрхоҳонаро бо хушнудӣ пазируфта, миннатдорӣ ва сипоси бепоёни худро ба роҳбарият ва аъзоёни ташкилотҳои Агентӣ баён намуданд.

Бояд таъкид намуд, ки бо ташаббусти Бахши миллии “Хонуми ядрой” ва Ассотсиатсияи кор бо ҷавонон ба номи «Атом» дар назди Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии АМИТ чунин иқдомҳои хайрхоҳона идома меёбанд.

Ёдовар мешавем, ки дар Мактаб-интернати ҷумҳуриявии низомаш махсуси шаҳри Ҳисор асосан кӯдакони гирифтори бемории фалаҷи атфол, синдроми даун ва аутизм ба таълиму тарбия ва таҳсил фаро гирифта шуданд, ки таҳти ғамхорӣ ва таваҷҷӯҳи роҳбарияти давлат қарор доранд.

Ташаббусҳои Пешвои миллати тоҷикон- наҷотбахши сайёра

Дар шароити ҷаҳонишавиии муосир ва бархурди манфиатҳои миллӣ, ҳифзи муҳити солим ҳамчун заминае мебошад, ки ҳаёти наслҳои ояндаи инсониятро таъмин менамояд. Ба ин муносибат дар соҳаи муносибатҳои экологӣ ҳамаи проблемаҳои мавҷуда ба соҳаҳои алоҳида ҷудо карда мешаванд. Дар байни ин мушкилоти экологӣ, яке аз тамоюлҳои муосир ин проблемаи обшавии пиряхҳо ҳамчун манбаи асосии оби тозаи ошомиданӣ мебошад.

Таҷрибаҳои ҷаҳонӣ собит намуданд, ки дар ҷараёни ҳалли проблемаҳои мавҷудаи экологӣ ба мақсади устувории экологии танҳо як кишвари алохида ноил шудан имконнопазир аст. Дар ҳамин ҳол, барои ҷилавгирӣ аз мушкилоти экологӣ зарурат ба миён омад, ки якҷоя бо тамоми кишварҳои минтақа ва тамоми ҷаҳон корҳои ташаббускор анҷом дода шавад. Мо ин вазъиятро дар ҳалли масъалаи обшавии пиряхҳои калонтарини минтақа ва ҷаҳон равшан мушоҳида мекунем.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви Ассотсиатсияи байналмилалии онҳое, ки ба мушкилоти мавҷудаи экологӣ бетафовут нестанд, дар аудити дохилӣ ва берунии худ тадбирҳои гуногуни таъсири экологӣ ба таъсири инсон ба табиат муқаррар ва амалӣ менамояд. Аз ҷумла, масоили тағйири иқлим, камбуди оби ошомиданӣ, обшавии пиряхҳо ва таъмини амнияти экологии башар дар меҳвари паёмҳои солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад.

Бояд қайд намуд, давоми солҳои охир таъсири манфии гармшавии иқлим, тасодуфан обшавии пиряхҳо мушоҳида мегардад, ки метавонад оқибатҳои номатлуберо чун, тақсимоти нодурусти об дар обанборҳои сунъӣ, неругоҳҳои барқии обӣ, киштзорҳо, маҳалҳои ахолинишин ба миён орад. Дар Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 декабри соли 2021 таъкид шудааст: «Дар давоми чанд даҳсолаи охир дар кишвари мо қариб сеяки ҳаҷми умумии пиряхҳо аз байн рафт, ки зиёда аз 60 фоизи захираҳои оби минтақаи Осиёи Миёна аз он ташкил карда мешавад. Бо дарназардошти ин, кишвари мо дар якҷоягӣ бо шарикони байналмилалии худ барои эълони соли 2025 Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо, таҷлил намудани Рӯзи умумиҷаҳонии ҳифзи пиряхҳо ва таъсиси Хазинаи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо саъй дорад. Дар робита ба тағйирёбии иқлим, бесобиқа боло рафтани ҳарорати миёнаи сайёраи Замин ва оқибатҳои манфии ҳаёти инсон, олами набототу ҳайвонот ва пиряхҳои кишвар олимони моро зарур аст, ки дар ин минтақаҳо якҷо бо олимон тадқиқот, ва мониторинги доимиро ба роҳ монанд».

Ҷанбаи дигари муҳими тағирёбии ҷаҳонии иқлим таъсири он ба захираҳои оби тозаи ҷаҳон мебошад. Маълум аст, ки об манбаи ивазнашавандаи дорои аҳамияти бузург барои рушди устувор, таъмини ҳаёт дар сайёра, таъмини саломатӣ ва некӯаҳволии аҳолии сайёра мебошад.

Бинобар тағйирёбии иқлим, мушоҳидаҳои бесобиқаи ҳарорати миёнаи сайёраи

Замин ва муайян намудани окибатҳо барои ҳаёти инсон, олами набототу ҳайвонот ва пиряхҳои кишвар зарур аст, ки тадқиқотҳои муҳим анҷом дода шавад. Ҷанбаи дигари муҳими тағирёбии ҷаҳонии иқлим таъсири он ба захираҳои оби тозаи ҷаҳон мебошад. Маълум аст, ки об манбаи бебаҳоест, ки барои рушди устувор, таъмини ҳаёти сайёра, саломатӣ ва зиндагии мардуми сайёра зарур аст.

Дар айни замон дар шароити тағйирёбии иклим дар замин, махсусан дар ноҳияҳои хушки сайёра масъалаи бо об таъмин намудани соҳаҳои иктисодиёт, ки ба захираҳои оби ширин вобастаанд, хеле тезутунд аст. Ташвишовараш дар он аст, ки захираи оби тоза кам шуда, солҳои охир сифати он бад мешавад.

Дар ин замина Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ таъкид доштанд: «Дар баробари ин мамлакати мо ба масъалаи тағйири ҷаҳонии иқлим ва зарурати талошҳои муштарак барои рафъи оқибатҳои он ҳамчун мушкилоти ҷиддии замони мо таваҷҷӯҳи хоса дорад».

Дар робита ба масъалаҳои экологӣ, махсусан ҳифзи ғизо, токсикологияи ғизо мушоҳида мешавад. Бинобар ин алоқаҳои беруниро барои беҳтар намудани вазъияти ҳозираи захираҳои пиряххо, нигох доштан ва мухофизат намудани пиряххо пурзур намудан, аз аҳамият холӣ буда наметавонад.

Тоҷикистон низ дар ду даҳсолаи ахир барои пешбурди рӯзномаи ҷаҳонии об талошҳои қобили назар анҷом додааст. Бо ибтикори Тоҷикистон Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид ҳашт қатънома қабул кард ва кишвари мо борҳо анҷуманҳои сатҳи баланди ҷаҳонӣ оид ба масъалаҳои муҳими об баргузор намудааст. Ҳамзамон бо ибтикори кишвари мо, аз ҷумла дар соли 2016, Қатъномаи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» қабул гардид. Асоси ин талошҳо суръат бахшидан ба амалҳои соҳаи об барои ноил шудан ба ҳадафҳои устувор мебошад. Бояд афзуд, ки тамоми мақсадҳои мамлакати мо ҷиҳати рафъи оқибатҳои экологӣ барои рушди ҷомеаи ҷаҳони буда, характери олӣ доранд ва тамоми чорабиниҳо бо ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, дурнамои миёнамуҳлат ва пешбинишудаи ин бахшро фаро мегиранд.

Мутаассифона, масъалаҳои ҳалталаби муосир, аз ҷумла мушкилоти тағйирёбии иқлим ин равандро ба таври ҷиддӣ суст кардааст. Ин вазъият таваҷҷуҳи махсусро тақозо мекунад, зеро таъсири он ба захираҳои об, махсусан ба пиряхҳо хеле равшан ва ташвишовар аст.

Қобили зикр аст, ки ҳанӯз моҳи марти соли 2021 зимни ҷаласаи нахустини сарони давлатҳо оид ба иқлими об Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гуфта буданд, ки обшавии босуръати пиряхҳо дар муқоиса бо афзоиши истеъмоли об, ки ба афзоиши аҳолӣ ва рушди иқтисодӣ вобаста аст, метавонад боиси оқибатҳои манфӣ гардад.

Дар робита ба ин, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи Ҳамоиши чоруми оби кишварҳои минтақаи Осиё ва уқёнуси Ором (Душанбе, дар реҷаи виртуалӣ) 23 апрели соли 2022 таъкид доштанд, ки Тоҷикистон низ дар доираи таъсири таъсири тағйирёбии иқлим тайи чанд даҳсолаи охир беш аз ҳазор пиряхро аз даст дода, ҳамасола аз обхезӣ, хушксолӣ ва камшавӣ, ки бо ин раванд вобаста аст, азият мекашад.

Бо дарназардошти ин, Президенти кишвар пешниҳод намуданд, ки барои таваҷҷуҳ ба ин масъала дар сатҳи байналмилалӣ соли 2025 Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо ва Рӯзи

байналмилалии ҳифзи пиряхҳо муайян карда шуда, хазинаи махсуси байналхалқии муҳофизати пиряхҳо ташкил карда шавад. Дурустии андешаҳои болоро аз суханони Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон равшан дидан мумкин аст: «Қобили зикр аст, ки конфронси соли 2023 дар Ню-Йорк, ки таҳти раёсати Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мегардад. Интизориҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ин ҳамоиши ҷаҳонии об хеле баланд аст ва кишварҳои мо бо омодагии ҳамаҷониба талош доранд, то ин конфронс воқеан муассир гардад. Бовари дорам, ки дар иҷрои ин масъулияти бузург ҳамаи тарафҳои манфиатдор, аз ҷумла мамлакатҳои аъзои Ташкилоти Давлатҳои Муттаҳид моро дастгирӣ мекунанд».

Зимнан ҳамаи кӯшишҳои сарвари давлат ва ҳукумати кишвар натиҷа доданд. Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид Антони Гутерриш ба Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон барқия ирсол карда, дар он Пешвои Миллатро ба муносибати эълон шудани соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо шодбош намуда, афзуд, ки Тоҷикистон имрӯз дар пешбурди ҳифзи пиряхҳо дар сатҳи ҷаҳонӣ ва ҳамзамон ҷонибдори фаъоли ҳалли масъалаҳои таъмини мардум бо оби тоза ва мубориза бо тағйири иқлим мебошад.

Боиси хушнудист, ки дар асоси ин қатънома пешниҳодҳои Президенти кишвар аз ҷониби кишварҳои узви СММ дастгирӣ ёфтанд, аз ҷумла:

— Эълони 21 март Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо;

— Эълони соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо;

— Таъсиси фонди байналмилали дар СММ барои мусоидат ба ҳифзи пиряхҳо;

– Баргузории Конфронси байналмилалӣ оид ба ҳифзи пиряхҳо дар шаҳри Душанбе дар соли 2025.

Дар қатънома аҳамияти пиряхҳо ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи давраи гидрологӣ ва таъсири ҷиддии онҳо ба иқлим, муҳити зист, саломатии инсон ва рушди устувор таъкид шудааст. Дар он ҳамчунин таъкид шудааст, ки таъсири гармшавии глобалӣ омили коҳиши назарраси креосфера шуда, боиси коҳиши устувории минтақаҳои баландкӯҳ ва тағйири миқдор ва мавсими маҷро ва захираҳои об дар ҳавзаҳои дарёҳои барфу пирях шудааст. Ин омил ба коҳиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии маҳаллӣ, афзоиши норасоии об ва баланд шудани сатҳи миёнаи баҳр таъсир мерасонад.

Албатта, ишораҳои боло бар омӯзиш ва таҳлилҳо асос ёфта, вобаста ба ин барои ноил шудан ба ҳадафу вазифаҳои созанда оид ба ҳифзи муҳити зист ва махсусан захираҳои пиряхҳо ҳар як субъекти ин раванд бояд ташаббускорӣ нишон диҳад, то ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ин ҳадафҳои олии худ расида бошад.

Муаллиф: Бобоев К.О - ходими илмии шуъбаи илмӣ – таҳқиқотӣ ва хизматрасони техникии Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ.

Озмуни "Дастархони таомхои миллӣ"

7 марти соли 2024 бахшида ба рӯзи модарон дар Маркази таълимии минтақавии Агентии амнияти ХБРЯ-и Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар доираи фаъолияти Филиали миллии «Хонуми ядрой» ҷиҳати таҳкими ҳувияти миллӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои иштироки фаъолонаи занон ва духтарони ҷавон дар ҳаёти фарҳангӣ ва ҷамъиятӣ бо мақсади эҳё ва нигоҳ доштани анъанаҳои таомҳои

миллӣ, таблиғи ғизои солим ва тарзи ҳаёти солим, озмӯни ҳарсолаи «Дастархони таомҳои миллӣ» баргузор гардид.

Озмӯни мазкур байни магистрантҳои Академияи илмҳои Тоҷикистон таҳти роҳбарии мудири шуъбаи магистратура, аспирантура ва докторантураи АМИТ Азизхонова Рухшона доир гардида, аз омода намудани хӯроки миллӣ ва мурифии он иборат буд.

Дар суханронии ифтитоҳии худ Илҳом Мирсаидзода – директори Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ, доктори илмҳои техникӣ ба хамаи довталабон барои иштирок дар озмун ва муносибати эҷодкоронаашон ба ороиши таомҳо ташаккур баён кард. Ӯ ҳамчунин муҳим будани ҳифзи суннатҳои миллиро дар омода кардани таомҳо, бахусус насли наврас қайд кард. Ӯ дар остонаи ҷашни миллии Рӯзи Модар ва Наврӯзи баҳорӣ ҳамаи ҳозиринро табрик гуфта, ба иштирокчиён сулҳу саломатӣ, саодатмандӣ ва хонаободӣ таманно намуд.

Ғайбуллоева Зумрат Ҳабибовна — доктори илмҳои техникӣ, профессори Донишгоҳи техникии Точикистон ба номи М.Осимӣ ҳамчун аъзои ҳайати ҳакамон дар бораи шартҳои озмун байни иштирокчиён ва доварон мухтасар суханронӣ намуд. У ҳамаи штрокчиёнро бо идҳои дар пешистода муборакбод намуда, ба довталабон барори кор орзу намуд.

Иштирокчиёни озмун бахшҳои пешниҳодгардидаро сарбаландона иҷро намуда, кушиш намуданд, ки ҳайати ҳакамонро на танҳо бо таомхои болаззати миллии Тоҷикистон, балки бо либосхои миллии мантақаҳои гуногуни ҷумхурӣ баромадҳои шавқовар намуданд. Мусобиқа бо баромадҳои рангини эҷодӣ хотима ёфт.

Вохӯрӣ бахшида ба Рӯзи Модар ва чаҳорумин солгарди таъсиси Бахши миллии «Хонуми ядрой»

7 марти соли 2024 бахшида ба Рӯзи модарон ва чорсолагии ташкил ёфтани Бахши миллии «Хонуми Ядрой» чорабинии фарҳангӣ барпо гардид.

Аз номи дастаи мардонаи Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроиӣ Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон директори Агентӣ, доктори илмҳои техникӣ Илҳом Мирсаидзода, сухани ифтитоҳӣ намуданд: “Занони азиз, мо бо чанд сухан ба шумо муроҷиат карданӣем. Мо дар коллективи мардонаи худ саҳми бебаҳои ҳар яки шуморо ба ҳаёт ва кори умумии мо эътироф ва баҳои баланд медиҳем. Қувват, хирад ва сабри шумо ҷаҳони моро ҳар рӯз беҳтар мекунад. Мо мехоҳем, ки шумо бидонед, ки мо ҳамеша шуморо дастгирӣ мекунем ва ба шумо барои бартараф кардани ҳама мушкилот кӯмак хоҳем кард. Мо ба баробарӣ, ёрии ҳамдигарӣ ва қувваи руҳии команда боварӣ дорем. Мо боварии комил дорем, ки мо метавонем ҳама гуна монеаҳоро паси сар кунем ва ба ҳама қуллаҳо бирасем. Вақте ки мо якдигарро дастгирӣ мекунем, дастаи мо боз ҳам пурқувваттар мешавад». Илҳом Мирсаидзода ҳамагонро бо Рӯзи Модар табрик гуфта, қайд карданд: “Рӯзи модарон муҳимтарин ва ивазнашавандаи шахсияти ҳаёти ҳар як инсон – модарро ба ёд меорад. Модарон аз рузҳои аввали ҳаёти мо моро ҳифз мекунанд, ғамхорӣ мекунанд ва моро бечунучаро ва беандоза дӯст медоранд. Онҳо ба мо таълим медиҳанд, ки ҳаётро аз сар гузаронем, қавӣ, меҳрубон ва ростқавл бошем».

Сайфиева Зарина, президенти Бахши милии “Хонуми ядрой” дар маърӯзаи худ дар бораи фаъолият ва дастовардҳои ширкати “Хонуми ядрой” дар чор сол

сухан ронда, таъкид кард, ки роҳи тайкардаи ин солҳо бобарор ва илҳомбахш буд.

Инчунин баромадҳо инҳо буданд:
- Мамадҷонова Муҳиба, н.и.и. – Ҳамкории “ Хонуми ядрой ” бо Шӯрои занони АМИТ.

— Шарофова Мижгона Умедҷоновна, доктори илми тиб - Мавқеи зан дар ҳаёт ва илм

- Абиджанова Нигора Нафизовна, н.и.т. - Занон ва созмонҳое, ки таърихро тағир медиҳанд.

- Абиджанова Нигора Нафизовна, н.и.т. - Занон ва созмонҳое, ки таърихро тағир медиҳанд.

Мизи мудаввар дар мавзуи «Нақши занон дар илм»

14 марти соли 2024 дар ш. Маскав дар мавзуи «Нақши занон дар илм» ба сурати гибрид мизи мудаввар баргузор гардид. Дар он 16 намояндаи созмонҳои мухталиф дар соҳаҳо ва бахшҳои гуногуни фаъолият аз Федератсияи Русия (Маскав, Санкт-Петербург), Тоҷикистон ва Қирғизистон ширкат ва суханронӣ намуданд.

Дар нишасти илмии мазкур Ҷумҳурии Тоҷикистонро муовини президенти Бахши миллии «Хонуми ядрой», доктори илмҳои тиб, Аълочии тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мудири лабораторияи Маркази таҳқиқоти технологияҳои инноватсионии АМИТ – Мижгона Умедҷоновна Шарофова намояндагӣ кард.

Дар чорчӯби мизи мудаввар, ки ба гардонандагии Евгения Еншина – роҳбари бахши миллии «Занҳо дар соҳаи атомӣ» (WiN Russia), президенти Бунёди рушди ибтикороти ҳирфаии «Занон дар соҳаи атомӣ» баргузор гардид, масъалаҳои рушди тавоноиҳои занон дар илм, ташаккули моделҳои нақш ва рафтор барои наслҳои оянда, офаридани бренди шахсии олим, ҳифз ва интиқоли донишҳои интиқодӣ ва ҳамчунин, фароҳам овардани имконоти пешрафти ҳирфаии занон баррасӣ шуд. Муҳокимаи мавзуи пуштибонии афзори медиа ба таври фаъол сурат гирифт.
Ширкаткунандагони суханрон аз таҷрибаҳои худ нақл карданд ва аз воситаҳои муассире, ки барои ҷалби таваҷҷуҳ ба гурӯҳи корӣ ва ё шахсе, ки ба шаклгирии имиҷ ва обрӯ мусоидат мекунад, мисолҳо оварданд.

Шарофова Мижгона дар бораи афзоиши нақши занон дар илм дар даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва имконоти фарохе, ки барои занон фароҳамовардашуда, ба пешрафти чанд ҷонибаи онҳо мусоидати бештар менамояд, суханронӣ намуд. Вай афзуд, ки занон дар аксари муассисаҳо ва созмонҳои давлатию ғайридавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъол ҳастанд.

Мижгона Умедҷоновна зимни суханронии худ қайд намуд, ки дар Паёми ҳамасолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон

ба саҳми занон дар илм ва ҳаёти ҷамъиятии ҷумҳурӣ таъкид мегардад. «Тибқи маълумоти оморӣ, занон 49,3 дарсади аҳолии кишварро ташкил медиҳанд. Ҳоло 25 дарсади шумораи умумии хизматчиёни давлатӣ, аз ҷумла ҳайати роҳбарикунандаро занон ташкил медиҳанд». Шумораи занони муҳаққиқ ва коршиносони пажӯҳишгар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сол аз сол меафзояд. Шумораи бонувони муҳаққиқ ва коршиносони пажӯҳишгар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сол аз сол рӯ ба афзоиш мебошад. Бино ба тозатарин оморе, ки ба наздикӣ дар Конференсияи илмии «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф барои солҳои 2020-2040» дар пойтахти кишварамон ироа гардид, дар соҳаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон 993 номзади илм, 131 доктори илм, 84 профессор зан буда, 608 дотсент, 204 нафари дорои унвони илмӣ ва 1034 ассистент ба фаъолияти омӯзгорӣ ва илмӣ машғул ҳастанд.

Дар Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон 2 академик, 3 узви вобастаи Академия, 33 доктори илм, 109 номзади илм, 294 магистрант, 104 доктори PhD бонувонанд.

Яке аз самтҳои сиёсати давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро иштироки фаъолонаи занону духтарон дар таҳқиқоти илмӣ, барномаю лоиҳаҳои технологӣ, ихтироъкорӣ, навоварӣ дар илм ва рушди саноат ташкил медиҳад. Дар баробари гуфтаҳои боло, барои густариши фаъолияти соҳибкории занон грантҳои президентӣ ихтисос дода мешавад. Дар давоми се даҳсолаи охир барои донишҷӯён ва мутахассисони таҳсилкарда майдонҳои нави илмӣ-таҳқиқӣ фароҳам оварда шудаанд. Ин дастгирӣ ба шакли барномаҳои таълимии дохилӣ ва байналмилалӣ, квотаҳо, грантҳо ва стипендияҳо, таъмини моддию ҳуқуқӣ барои фаъолияти илмӣ амалӣ карда мешавад.

Корҳои иттилоърасонӣ миёни духтарону занон тавассути расонаҳо, созмонҳо ва платформаҳои занон, аз қабили «Хонуми ядрой»-и назди Агентии бехатарии ХБРЯ, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

Иштироки намояндагони Ассотсиатсияи ҷавонони “Атом”-и Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар Конференсияи илмӣ - амалӣ бахшида ба “Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо”

Тавре қаблан иттиллоъ додем, 14 - уми марти соли 2024 дар толори маҷлисгоҳи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бо ташаббуси Анҷумани “Занони пиряхшинос” -и Маркази омӯзиши пиряхҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Ассотсиатсияи кор бо ҷавонони “Атом”-и Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии АМИТ Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Тоҷикистон пешоҳанги ҳифзи пиряхҳо дар ҷаҳон» баргузор гардид.

Чорабинии мазкур бо иштироки мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Душанбе доир гардида, баромадкунандагон оид ба иқдомҳои созанда ва беназири Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар масъалаи обу иқлим ва таъмини бехатарии ҳифзи муҳити зист, суханронӣ намуданд.

Сафаралӣ Муминов - намояндаи Ассотсиатсияи ҷавонони “Атом”-и

Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар мавзуи “Усулҳои пешгуии обшавии пиряхҳо бо истифода аз технологияи ҳастаӣ” баромад намуда, оид ба муҳимияти омузиши радиатсия дар ҳаёти инсон ва ҳамзамон баҳодиҳии таъсири радиатсия ба обҳои нӯшокие, ки сарчашмаи онҳоро маҳз пиряхҳо ташкил медиҳанд, маълумоти ҷолибу муфассал пешниҳод намуд.

Ёдовар мешавем, ки чанде пеш аз ҷониби Ассосиатсияи ҷавонони “Атом” оид ба озмуни расмкашӣ бо сабти навори видео зери унвони “Дар таъмини бехатарии муҳити зист ва аҳолӣ ба мо ҳамроҳ шавед” эълон гардида буд. Бинобар дархости зиёди хоҳишмандон санаи ҷамъбастӣ озмун тамдид карда шуд.

Ҳамин тариқ хоҳишмандон метавонанд, наворҳои сабтгардидаи худро ба шабакаи иҷтимоии “Телеграм” бо рақамҳои +992 93 416 66 07 ва ё тавассути почтаи электронӣ ба суроғаи pird@cbrn.tj бо инъикоси пурраи ному насаб, шумораи телефонӣ ва суроғаи муассисаи таҳсилотӣ худ ирсол намоянд. Ғолибонро тӯҳфаҳои хотиравӣ ва диплому сипоснома интизор аст. Муҳлати охири пешниҳод наворҳо 20 апрели соли 2024.

Озмуни мазкур дар Рӯзи байналмилалӣ бахшида ба ёдбуди садамаҳои радиатсионии Чернобил, ки ҳамасола санаи 26 апрел баргузор мегардад, эълон карда мешавад.

Лексия дар мавзӯи: Принсипҳои асосии бехатарӣ ҳангоми сафар берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ

15 марти соли 2024 дар доираи фаъолияти Бахши миллии «Хонуми ядрой» оид ба табодули дониш ва таҷриба дар мавзӯи «Принсипҳои асосии бехатарӣ ҳангоми сафар берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ» лексия баргузор гардид. Маърузачӣ Нигора Нафизовна Абиджанова, роҳбари филиал/намояндаи кишвари Тоҷикистон дар ICAP Global Health.

Сафар берун аз кишвари худ чораҳои иловагии амниятро талаб мекунад. Нигора Нафизовна дар бораи якчанд принсипҳои асосии бехатарӣ, ки бояд ба инобат гирифта шаванд, сухан ронд, пеш аз ҳама:

- омодагӣ ва банақшагирӣ: сафари худро бодиққат ба нақша гиред, урфу одатҳо, қонунҳо ва қоидаҳои маҳаллӣ, инчунин маълумоти бехатариро дар кишваре, ки шумо боздид мекунед, омӯзед.

- сафоратхонаҳо ва консулгариҳо: суроғаи ва рақами телефони наздиктарин консулгарӣ ё сафоратро пешакӣ фаҳмед ва захира кунед. Ин ба шумо кӯмак мекунад, ки дар ҳолати фавқулодда тамос гиред.

- суғуртаи тиббӣ: харидани суғуртаи тиббие, ки хароҷоти тиббиро дар хориҷа, аз ҷумла эвакуатсия дар ҳолати заруриро мепӯшонад.

- машварат бо духтур: пеш аз сафар, шумо бояд бо духтур маслиҳат кунед ва боварӣ ҳосил кунед, ки ҳама ваксинаҳои зарурӣ гирифта шудаанд.

- ҳуҷҷатҳо ва маблағҳо: Ҳуҷҷатҳои муҳим ба монанди шиноснома ва раводид бояд нусхабардорӣ ва ҷудо аз асл нигоҳ дошта шаванд. Инчунин зарур аст, ки амнияти молиявиро бо истифода аз сейфҳои меҳмонхона таъмин кунед ва бо худ маблағи калон набаред.

- муошират: Бо касе дар хона тамос доштан, мунтазам дар бораи макони будубош ва нақшаҳои худ хабар додан лозим аст.

- релеф: минтақаро омӯзед ва кӯшиш кунед, ки аз минтақаҳо ё ҳолатҳои хатарнок канорагирӣ кунед.

- бехатарии шахсӣ: ҳангоми намоиш додани ашёи гаронбаҳо эҳтиёт шавед ва аз ҳолатҳое, ки ҷиноятқоронро таҳрик медиҳанд, канорагирӣ кунед.

- нақлиёт: танҳо навъҳои расмӣ ва боэътимоди нақлиётро истифода баред. Ҳангоми сафар ба бехатарӣ диққат диҳед.

Бо риояи ин принсипҳои асосии бехатарӣ, шумо метавонед сафари худро берун аз кишвари худ бехатар ва лаззатбахштар кунед.

Директори Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ – Илҳом Мирсаидзода бо ҷоизаи озмуни “100 – чеҳраи муваффақ” сарфароз гардонида шуд

18 - уми марти соли 2024 бо ташаббуси ташкилоти ҷамъиятии байналмилалии “Маркази рушди зеҳнӣ” дар толори “Кохи Суруш”-и шаҳри Душанбе маросими ҷоизасупориии озмуни “100 – чеҳраи муваффақ” баргузор гардид.

Дар маросими ҷоизасупорӣ намояндагон аз мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе, вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳурӣ, аз қабили шоирону нависандагон, олимону муҳаққиқон, сиёсатшиносону ҳуқуқшиносон, ихтироъкорону барномасозон ва дигар чеҳраҳои муваффақи ҷумҳурӣ иштирок доштанд.

Директори ташкилоти ҷамъиятии байналмилалии “Маркази рушди зеҳнӣ” иброз дошт, ки ҳадаф аз таъсис ва баргузории озмуни “100 - чеҳраи муваффақ” ин пеш аз ҳама, дарёфти чеҳраҳои нави эҷодкорон ва муаррифии онҳо дар ҷумҳурӣ ва дар арсаи байналмилалӣ мебошад.

Бояд гуфт, ки озмӯни мазкур аз рӯи ёздаҳ нониминатсия баргузор гардида, ғолибон дар самти илм ва иноватсия, ихтирокорӣ ва барномасозӣ, санъати тасвирӣ ва дизайнерӣ, инчунин дигар бахшҳо бо диплому ҷоизаҳо сарфароз гардонида шуданд.
Дар маросими ҷоизасупорӣ, директори Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон – Илҳом Мирсаидзода дар самти ихтирокорӣ ва барномасозӣ бо диплом ва нишони сарисинагӣ сарфароз гардонида шуд.

Тантанаҳои Наврӯзӣ дар Академия миллии илмҳои Тоҷикистон

19 – уми марти соли 2024 дар Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бо иштироки кормандон ва ниҳодҳои зертобеи он Наврӯзи байналмилалӣ бо тантанаҳои ба худ хоси аҷдодӣ ҷашн гирифта шуд.

Дар Чорабинии Наврӯзӣ, Президенти Академияи милли илмҳои Тоҷмикистон ҳамаи ҳозиринро бахшида ба ҷашни байналмилалии Наврӯзи хуҷастапай

табрику муборакбод намуда, иброз дошт, ки ҷашни Наврӯз аз эҳёи табиат, ғалабаи гармӣ бар сардӣ, баробаршавии шабу рӯз, оғози кори деҳқон ва ҳазорҳо амали неки дигар дарак дода, ҳамагонро ба покию меҳнатқаринӣ, ки баракати рӯзгор аст, даъват менамояд.

Дар идомаи чорабинӣ ҳамзамон баҳри болидахотирии иштирокчиёни Наврӯзи байналмилалӣ барномаи ҷолиби консертӣ пешниҳоди меҳмонон ва тамошобинон гардонида шуд. Ҳамзамон аъзоёни ташкилоти ибтидоии “Афканишот”-и КИИ “Хирадмандон”-и ҲХДТ дар АМИТ фаъолона дар гирди дастархони густурда, ки бо нозу неъматҳои ба ин ид хос ороста, баҳри сазовор ҷашн гирифтан ва намоиш додани анъанаҳои неки аҷдодӣ шодию сурур намуданд.

Унвони Профессорӣ муборак!

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №49 аз 15 – уми марти соли 2024, Илҳом Мирсаидзода – директори Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бо унвони илмии «Профессорӣ” сарфароз гардонида шуд.
Бояд тазаккур дод, ки номбурда зиёда аз 25 – соли собиқаи корӣ дар самти амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядрой дорад.

Ҳамзамон аз ҷониби Илҳом Мирсаидзода барои гузаронидани силсилакорҳо дар мавзӯи “Физикавию химиявии консентратҳои урандор аз ашёҳои хоми маҳаллӣ” дар давоми фаъолияти илмиаш вобаста ба ин мавзӯъ 260 мақола ва фишурдаи мақолаҳо чоп шуда, зиёда аз 13 патенти ихтироот ва 8 монография ба чоп расидааст.

Илова бар ин, Илҳом Мирсаидзода қариб дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти олии мамлакат ва хориҷи кишвар дар конфренсияҳо, симпозиум ва дигар

чорабиниҳои сатҳи байналмилалӣ дар мавзуъҳои гуногуни марбут ба “Амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ, ядрой” ва дигар мавзуъҳо баромад намуда, сиёсати пешгирифтаи давлатро дар ин самт пеш мебарад.

Ҳайати кормандони Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ муҳтарам Илҳом Мирсаидзодаро барои шарафёб гардидан ба унвони “Профессорӣ” табрику муборакбод гуфта, ба ӯ дар фаъолияти минбаъдаашон барору комёбӣ ва музафариятҳои навро орзуманд аст.

Мизи мудаввар дар мавзуи “Амнияти иттилоотӣ, ташкилотҳои экстремистию террористӣ дар интернет: пешгирӣ ва ҷавобгарӣ”

29 – уми марти соли 2024 дар доираи Стратегияи муқовимат ба терроризм ва экстремизм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025 дар толори Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бо иштироки Ассотсиатсияи ҷавонони “Атом”- и Агенти амнияти ХБРЯ, мизи мудаввар дар мавзуи “Амнияти иттилоотӣ, ташкилотҳои экстремистию террористӣ дар интернет: пешгирӣ ва ҷавобгарӣ” баргузор гардид.

Зикр гардид, ки мақсади муқовимат ба экстремизм ва терроризм ин ҳифзи асосҳои сохтори конституцсионӣ, тамомияти арзии давлат, қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, амнияти ҷамъиятӣ, ҳифзи аҳолӣ ва ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз таҳдидҳои экстремистӣ ва террористӣ мебошад.

Дар чорабинӣ иброз гардид, ки амали шудани чорабиниҳои хусусияти ташкилӣ-ҳуқуқӣ, профилактикӣ ва ҳуқуқтатбиққунӣ баҳри баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ, таҳкияти ҳамкориҳои онҳо бо ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои байналмилалӣ дар самти коҳиш додан, кам ва паст намудани хавфу таҳдиди терроризм, инчунин таҳкияти ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва таъмини волоияти қонун мусоидат менамояд.

Дар интиҳои чорабинӣ байни иштирокчиён мубодилаи афкор сурат гирифта, ҷавонон ба суолҳои худ посухҳои қаноаткунанда гирифтанд.

Таҳкими корҳои таълимию тарбиявӣ ва ташвиқотӣ, яке аз роҳҳои пешгирӣ аз терроризиму экстремизм

Вазъи мураккаби геополитикии ҷаҳони муосир ва паҳншавии зуҳуроти номатлуб ва даҳшатовар дар мисоли терроризм ва экстремизм, ки барои ҷомеаи башарӣ, сулҳу субот, амнияти давлат ва рушди устувори ҷомеа таҳдиди бевосита

менамояд, на танҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки сайёраро ба ташвиш овардааст. Таҳлилҳо собит сохтаанд, ки терроризм яке аз ҷиноятҳои хатарнок буда, дар содир намудани кирдорҳои бадқасдона, аз қабили таркиш, оташ задан, тирпарронӣ аз силоҳи оташфишон, нобуд кардани молу мулк, халалдор сохтани амнияти давлат, ҷамъият, фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва сохторҳои низомӣ, тарсонидани шумораи зиёди аҳолӣ ва расонидани зарари ҷисмонӣ ба аъзои ҷамъият ё намояндаи ҳокимият бо мақсади суст кардани асосҳои сохтори конституционӣ, амнияти давлат ва дигар кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, зоҳир мегардад.

Агар ба таърихи зиндагию рӯзгори инсоният назар афканем, мебинем, ки дар баробари рушду пешрафти ҷомеаҳо ва падидаҳои гуногуни иҷтимоӣ, ҳамчунин омилҳои хатарзо ҳам арзи ҳастӣ кардаанд ва дар шаклу усулҳои гуногун содир мешуданд. Аммо дар охири асри ХХ дар қатори дигар мушкилот, терроризм ва экстремизм ба зуҳуроти хатарноки умумибашарӣ табдил ёфтанд. Болотар дар бораи терроризм зикр кардем, вале дар радифи ин зуҳуроти манфии ҷомеа экстремизм низ яке аз ҷиноятҳои хавфнок мебошад ва дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» №1655 аз 2-уми январи соли 2020 мафҳуми экстремизм ба тариқи зайл шарҳ дода шудааст: «Экстремизм – ин изҳори фаъолияти ифротии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ба даъвати нооромӣ, дигаркунии сохти конституционӣ дар давлат, ғасби ҳокимият ва тасарруфи салоҳияти он, ангезонидани нажодпарастӣ, миллатгарой, бадбинии иҷтимоӣ, мазҳабӣ равона карда шудааст».

Хабару гузоришҳои дар воситаҳои ахбори омма ба нашр расида, шаҳодат медиҳанд, ки тайи солҳои охир амалҳои террористиву экстремистӣ харакатери нав касб карда, боз ҳам даҳшатовару бераҳм гардида, паёмадҳои хатарзоро ба раванди зинадгии мардум ва асосҳои сохтори конституцсионии кишварҳои ҷаҳон ба вуҷуд овардааст.

«Вазъи мураккабу ташвишовари минтақа ва хатарҳои муосир, терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ, ҷиноятҳои киберӣ ва ҷаҳон, аз ҷумла торафт шиддат гирифтани раванди аз нав тақсимкунии дунё, яроқнокшавии бошитоб, «ҷанги сард», таҳдиду дигар ҷиноятҳориҳои муташаккили фаромиллӣ моро водор месозад, ки барои таъмин намудани амнияти мудофиавии ҷумҳуриамон тадбирҳои иловагӣ андешем». Ин матлаб дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 декабри соли 2023 таъкид гардид.

Воқеан, чунин таъкидҳои пайвастаи Пешвои миллат шаҳодат аз он медиҳанд, ки мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм вазифаи танҳо хадамоти махсус ва давлатҳои алоҳида набуда, балки вазифаи тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад. Аммо новбаста аз ин Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сафи пеши мубориза бар зидди терроризм ва эктремизм қарор дошта, онро ҳамчун вазифаи муҳимтарини таъмини амнияти миллии худ ва ҷаҳон медонад

Ба таъкиди олимону донишмандон, вобаста ба пешгирӣ намудани чунин зуҳуроти номатлуби ҷомеа, бояд корҳои таълимию тарбиявӣ ва ташвиқотӣ, шуруъ аз оила то мактабу дигар ташкилоту муассиса ва идораҳои ҷамъиятӣ пурзӯр карда шаванд, зеро шароити ҷаҳони имрӯз тақозо мекунад, ки бештару беҳтар ба масъали баланд бардоштани таълиму тарбия ва бедории ҳисси миллию дарки хештаншиносӣ аҳамияти ҷиддӣ додан лозим аст. Ҳарчанд мафҳуми «терроризм» имрӯз дар фаҳмиши мардум бо шаклҳои гуногун шарҳу баён дода

мешавад, аммо маънои асосӣ ва моҳияти он даҳшатафканӣ буда, муқобили зиндагии осоиштаи мардум аст, ки бо дигар мафҳумҳои номатлуб ба монанди «террор», «фаъолияти террористӣ» ва «ҳаракати террористӣ» алоқамандӣ дорад.

Бояд тазаккур дод, ки экстремизм ва терроризм, ки имрӯз хусусияти ба истилоҳ "интернатсионалӣ" пайдо кардааст, баҳри решакан кардани ин падидаи манфӣ, ҳамкориҳои байни давлатию байналмилалиро тақозо менамояд.

Тибқи таҳлили коршиносон терроризм яке аз воситаҳои амалӣ кардани мақсадҳои сиёсии гурӯҳҳои муташаккил мебошад, ки бо ин роҳ мехоҳанд харитаи иқтисодию сиёсии сайёраро ба манфиати худ мувофиқ созанд. Илова бар ин мақсади асосии терроризми байналмилалӣ дар ин ё он давлат сарнагун кардани низомҳои конституцсионӣ ва барпо кардани низомҳои иртиҷоии ҷаҳолатпеша ва бештар ба идеологияи экстремистӣ асосёфта мебошад, ки ин албатта бо роҳи таъсир расонидан ба мафкуари ҷавонони ноогоҳ, иваз намудни ирода ва ҷалби онҳо сурат мегирад.

Аз ин ру, ҷавонони бо нангу номус ва ояндасози миллатро мебояд, ҳамеша зиракии сиёсиро аз даст надода, баҳри ҳифзи манфиатҳои миллӣ, махсусан Истиқлоли давлатӣ ва Ваҳдати миллиро чун гавҳараки чашм эҳтиёт ва ҳифз намоянд.

Дар охир бояд таъкид намоем, ки Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии АМИТ ҳамчун мақоми танзимгари давлатӣ дар самти маводҳои химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроӣ, ки дар замони имрӯз бо истифода аз усулҳои муосир аз ҷониби созмонҳои террористӣ ва ашхоси ҷиноятпеша баҳри ҳадафҳои нопоки худ истифода бурда мешаванд, дар доираи ҳамкориҳои судбахш бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар, баҳри решакан намудани ин вабои аср-терроризм ва экстремизм муборизаи беамон мебарад.

Олимҷон АЗИЗОВ, *мудири шуъбаи муносибатҳои байналмилалӣ ва робита бо ҷомеаи Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ, номзади илмҳои техникӣ*

Заробудин ШИРИНОВ, *мутахассиси шуъбаи муносибатҳои байналмилалӣ ва робита бо ҷомеаи Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ*

Тақвияти ҳамкориҳо дар мубориза бо терроризму экстремизм дар маҷлиси васеи кормандони Агентии амнияти ХБРЯ - и АМИТ

Ҳафтаи сипаришуда дар толори Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бо иштироки роҳбарият ва ҳайати кормандони ин ниҳод маҷлиси васеъ баргузор гардид. Дар маҷлис таваҷҷӯҳи асоси ба масъалаи терроризму эктремизм, шомилшавии ҷавонон ба гуррӯҳҳои ифротгаро ва террористӣ, пайдоиши шахсони манфиатҷӯ, масхусан гурӯҳҳои ифротӣ дар шабакаи ҷаҳонии интернет ва дар маҷмуъ вазъи пурпечутоб ва геополитикии минтақа ва ҷаҳон зоҳир карда шуд.

Илҳом Мирсаидзода - директори Агентии амнияти ХБРЯ – и АМИТ зимни

суханронии худ бо таваҷҷӯҳ ба ин масъала изҳор дошт, ки раванди тағйирёбии таҳавуллоти ҷаҳонӣ ба таврест, дигар на панҷ солаву даҳ солаҳо, балки моҳҳо ва ҳатто рӯзҳо нақш мебозанд. Аз ин рӯ, моро зарур аст, ки дар якҷоягӣ бо тамоми қишрҳои ҷомеа бахусус ҷавон робитаи зич дошта бошем, онҳоро ба донишомӯзӣ ва корҳои созандагиву бунёдкорӣ баҳри рушд ва пешрафти кишвари азизамон – Тоҷикистон ҳидоят намоем. Бо дахли ин мавзӯъ, директори Агентии амнияти ХБРЯ – и АМИТ ба масъалаи фарҳанги истифодабарии интеренти мобилӣ афзуд, ки ҷавононро мебояд ба ҳар гуна саҳифаҳои иҷтимои дар интернет сар назананд ва бо ашхоси ношинос, ки тавассути онҳо гурӯҳҳои ифротӣ ба мафкураи инсон таъсир расонда, баъдан ба тарафи худ ҷалб менамоянд, ҷавонон бояд ҳамеша ҳушёр бошанд.

Тавре Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми имсола ба Маҷлиси Олии ҷумҳурӣ, ки 28 – уми декабри соли 2023 ироа гардид, баён доштанд: “Вазъи мураккабу ташвишовари минтақа ва ҷаҳон, аз ҷумла торафт шиддат гирифтани раванди азнавтақсимкунии дунё, яроқнокшавии бошитоб, «ҷанги сард», таҳдиду хатарҳои муосир – терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷиноятҳориҳои муташаккили фаромиллӣ моро водор месозад, ки барои таъмин намудани амнияти мудофиавии кишварамон тадбирҳои иловагӣ андешем”.

Воқеан, ин гуфтаҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар собит менамоянд, ки вазъи сиёсии ҷаҳон пешгӯинашаванда буда, аз ҳар як фарди бо нангу номус зиракии сиёсиро беш аз пеш талаб менамояд.

Дар интиҳои маҷлис ҳамзамон аз ҷониби роҳбарият ба муттахассисон ва кормандони Агентии амнияти ХБРЯ – и АМИТ вобаста ба баланд бардоштани малакаи касбӣ, забономӯзӣ ва ҷалби онҳо ба илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ супоришҳо дода шуд.

Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ - назариявӣ дар Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ

11-уми апрели соли 2024 дар Маркази таълимии минтақавӣ ва омӯзишӣ дар соҳаи амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ, ядрой ва муқовимат бо терроризм бо истифода аз силоҳи қатли ом -и Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ - назариявии олимон ва ходимони илмии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бахшида ба «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф солҳои (2020-2040)», «Даҳсолаи байналмилалии «Об барои рушди устувор, 2018-2028 ва «Соли маърифати ҳуқуқӣ» баргузор гардид. Дар ҳамоиши мазкур олимону муҳаққиқон ва намояндагони воситаҳои ахбори омма иштирок намуданд.

Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ - назариявиро академики АМИТ, Улмас Мирсаидов оғоз бахшида, иштирокчиёни чорабиниро табрику муборакбод намуда ва ба онҳо барору комёбӣ орзу намуд. Номбурда иброз дошт, ки баргузории ҳафтаи илм дар АМИТ, ин таваҷҷуҳи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон

ба соҳаи илм ва ба ин васила, баланд бардоштани мавқеи илми тоҷик дар арсаи байналмилалӣ мебошад.

Зикр гардид, ки чорабинии мазкур фурсати хубе барои табодули андешаву дастовардҳои илмӣ дар ростои машғул шудан ба пажуҳишҳои илмии АМИТ буда, дар ин замина ба рушди тафаккури техникӣ ва ҷаҳонбинии олимони ҷавон такони ҷиддӣ мебахшад.

Сипас, дар идомаи чорабинӣ як зумра олимони ҷавон аз ҷумла, Баротов Бахтиёр - муовини директори Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар мавзуи «Мониторинги радиатсионии Тоҷикистон», Бобоев Комрон дар мавзуи «Асосҳои техникии Ҷудокунии уран аз маъданҳои урандори маҳаллӣ», Баҳронов Соҷидхон дар мавзуи «Асосҳои технологии коркарди маъданҳои урандор ва баҳодиҳии хавфи радиатсионии минтақаҳои Тоҷикистон» ва Эшов Ҷурамурод дар мавзуи, «Синтез, хосиятҳои термодинамикии пайвастагиҳои торий ва уран», бо маърузаҳои пурмуҳтавои худ дар назди иштирокчиён баромад намуданд. Дар чорабинии мазкур, ҳамчунин Мирзоев Далер корманди Филиали Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар вилояти Суғд дар мавзуи «Асосҳои физикию химиявӣ ва технологии ҳосил кардани композитҳои таъйиноти махсус аз маводи ашёи хоми маҳаллии Тоҷикистон», ба таври маҷозӣ иштирок ва суханронӣ намуд.

Аз рӯи натиҷаи конференсия баромади ходими илмии Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ, Бобоев Комрон зери унвони «Асосҳои техникии ҷудокунии уран аз маъданҳои урандори маҳаллӣ», ҳамчун баромади беҳтарин муайян гардид.

Дар интиҳои чорабинӣ мубоҳисаҳои илмӣ сурат гирифта, иштирокчиён ба суолҳои худ посухҳои қонеъкунанда гирифтанд.

Ташрифи Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба Филиали Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар вилояти Суғд

Санаи 11 апрели соли 2024 дар чорчубаи чорабинии «Ҳафтаи илм» бахшида ба иди касбии олимон – Рӯзи кормандони илм ва бо мақсади шиносоӣ бо кор ва фаъолияти кормандон, президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Қобилҷон Хушвахтзода дар ҳамроҳии директории Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Илҳом Мирсаидзода ба Филиали Агентӣ дар вилояти Суғд, воқеъ дар шаҳри Бӯстон ташриф оварданд.

Сараввал, президенти АМИТ ва ҳамроҳони ӯ бо кори озмоишгоҳҳо, таҷҳизоти замонавии арзёбии вазъи радиатсионӣ, муайян кардани таркиби радионуклидҳо дар намунаҳои масолеҳи сохтмонӣ – санг, шағал ва рег, дастгоҳҳои таҳлили газӣ радиоактивии радон дар обҳо, маркази матбуотӣ ва омӯзишии Филиали Агентӣ ва шароити корӣ дар утоқҳои хизматии кормандон аз наздик шинос шуданд.

Сипас, дар толори маҷлисгоҳи Филиали Агентӣ машварати кории роҳбарни АМИТ бо кормандони муассисаи мазкур баргузор гардид.

Аз ҷониби президенти АМИТ - Қобилҷон Хушвахтзода оид ба амалишудани фармонҳо, дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар соҳаи илм, хосатан васеъ намудани доираи баргузории корҳои илмӣ–

таҳқиқотии ҷавобгӯи талаботҳои муосир дар муассисаҳои илмӣ, устувор кардани заминаи моддӣ-техникии озмоишгоҳҳо, пайвасти дастовардҳои олимон бо истеҳсолот, омода намудани кадрҳои баландихтсоси олимони ҷавони тоҷик ва тавсеаи муносибатҳои илмӣ бо ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ ва давлатҳои тараққикардаи ҷаҳони имруза, ба таври васеъ маълумот дода шуд.

Қайд карда шуд, ки ҳамаи кормандони низоми Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар роҳандозӣ намудани фармонҳо ва супоришҳои сарвари давлат оид ба рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар солҳои 2020-2024, дар бораи омӯхтани на кам аз 2 забони хориҷӣ ва ҷиҳати пешгирӣ намудани гаравидани ҷавонон ба ҳаракатҳои ифротгарой, экстремистӣ ва террористӣ бояд саҳми арзандаи худро гузоранд.

Дар хотима, Қобилҷон Хушвахтзода оид ба нақшаҳои рушди дурнамои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар назди ҳозирин суханронӣ намуда, ҳамаи онҳоро бо иди касбии олимони тоҷик муборакбод намуда, ба онҳо дар соли таҷлили 20-солагии таъсисёбии Филиали Агентӣ дар вилояти Суғд тансиҳатӣ, комёбиҳои навини илмӣ ва хушиҳои зиндагиро таманно намуд.

Дар интиҳо, директори Филиали Агентӣ дар вилояти Суғд - Холмурод Назаров суханронӣ намуда, роҳбарияти АМИТ ва Агентии амнияти ХБРЯ АМИТ-ро изҳори боварӣ кард, ки ҳайати кормандони Филиали Агентӣ дар соли таҷлили 20 - солагии таъсис додани Филиали Агентӣ дар вилояти Суғд, тамоми кушишу ғайрат ва дониши заковати худро баҳри амалӣ гардонидани сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти рушди илми тоҷик, равона месозанд.

Маҷлиси тантанавӣ бахшида рӯзи илм дар АМИТ

16-уми апрели соли равон бахшида ба Рӯзи илм дар толори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бо иштироки олимону муҳаққиқон ва кормандони ин ниҳоди илмӣ маҷлиси тантанавӣ баргузор гардид. Дар ҳамоиши мазкур намояндаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини Вазири маориф ва илм, раиси Комиссияи олии аттестатсионӣ, намояндаи Академияи илмҳои кишоварзӣ иштирок суханронӣ намуданд.

Қобилҷон Хушвахтзода - Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон зимни ифтитоҳи ҳамоиши илмӣ иброз дошт, ки *«Воқеан, илм дар ҳама давру замон кафили рушди бомарому босуботи ҷомеа ба шумор меравад. Бо*

назардошти аҳамияти хоссаи ин самти афзалиятнок ва заминавии ҷомеа дар партави сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон корҳои зиёду мондагор дар амал татбиқ мешаванд».

Зикр гардид, ки яке аз масъалаҳои муҳиме, ки Сарвари давлат борҳо зимни пешниҳоди паёмҳо ба Мачлиси Олии ҷумҳурӣ, инчунин дар вохӯрию суҳбатҳо бо олимон ва дигар намояндагони аҳли зиёи мамлакат гузоштаанд, ин масъалаи пайвастани илм ва татбиқи дастовардҳои олимон дар истеҳсолот мебошад. Пешвои миллат ҳамеша таъкид менамоянд, ки олимон ба рушди минбаъдаи илмҳои дақиқ ва табиатшиносиву техникӣ ба талаботи ҷомеа равона сохтани неруи илмӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда, фаъолияти худро дар самти ихтироъкориву навоварӣ, ҳамчунин ҷалби ҷавонон ба илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, инчунин ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва ихтироъкорӣ боз ҳам тавсеа бахшанд.

Қобилҷон Хушвахтзода тазаккур дод, ки «Дар айни замон яке аз мушкилоти асосӣ дар муассисаҳои илмию таҳқиқотии АМИТ, ки ба рушди минбаъдаи илми академикӣ дар ҷумҳурӣ мусоидат карда метавонад, ин камтар будани муҳаққиқони ҷавон дар ин самт мебошад. Барои ба таҳқиқоти бунёдӣ ва амалӣ ҷалби хатмкунандагони зинаи магистратура ва докторантураи PhD, албатта, муҳайё намудани шароити хуби иҷтимоиву иқтисодӣ хеле муҳим буда, роҳбарияти Академия барои беҳтар намудани шароит кӯшиш ба харҷ медиҳад. Зикр гардид, ки роҳбарияти АМИТ нақша дорад, ки минбаъд олимони дараҷаи илмидоштаи соҳаҳои гуногун, бахусус фанҳои дақиқ, табиатшиносӣ ва техникиро аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ интихоб карда, онҳоро ба рушди илми академикӣ ҷалб намояд.

Таъкид гардид, ки бо мақсади рушду инкошофи ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ ва маънавии ҷомеа таваҷҷуҳ ба илм беш аз ҳар вақта аҳамияти муҳим пайдо намудааст, ки дар ин замина Ҳукумати мамлакат ба илм ҳамчун омили пешбарандаи ҷамъият ва ба олим ҳамчун сарвати бебаҳои ақлонӣ муносибат менамояд. Ҳамин аст, ки бо таваҷҷуҳ ба ин масъала Сарвари давлат барои рушди минбаъдаи илм ва беҳтар намудани шароити иҷтимоиву иқтисодии олимон тадбирҳои зарурӣ меандешанд, зеро рушди босуботи соҳаи илму маориф ва омода намудани кадрҳои ҷавобгу ба талаботи бозори меҳнат самти афзалиятноки пешрафти ҷомеа ва давлат маҳсуб мешавад.

Дар интиҳои чорабинӣ як қатор олимону кормандони АМИТ бо диплом ва ифтихорномаҳо, медали «50 соли фаъолияти бефосила дар АМИТ» ва

унвони «Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон» сарфароз гардонида шуданд, ки дар баробари онҳо ба Илҳом Мирсаидзода - директори Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ аз тарафи Президенти АМИТ Дипломи “Профессорӣ” тақдим карда шуд.

Конфронси байналмилалии «Мероси урании Иттиҳоди Шӯравӣ дар Осиёи Марказӣ: мушкилот ва дурнамо» бахшида ба ҳафтаи илм

16 апрел – дар шаҳри Душанбе Конфронси байналмилалӣ зери унвони “Мероси уранӣ Иттиҳоди Шӯравӣ дар Осиёи Марказӣ: мушкилот ва дурнамо” бахшида ба ҳафтаи илм баргузор гардид. Конфронси мазкур аз ҷониби Иттиҳоди байналмилалии собиқадорони нерӯи атомӣ ва саноат, Созмони собиқадорони Тоҷикистон ва Агенти амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳом Тоҷикистон ташкил гардидааст.

Дар конфронси мазкур намояндагони Иттиҳоди байналмилалии собиқадорони Нерӯи ҳастаи ва саноат, Ташкилоти асосии давлатҳои иштирокчии ИДМ дар соҳаи муомилот бо партовҳои радиоактивӣ, сӯзишвории истифодашудаи ҳастаӣ ва аз истифода барповардани абъектҳои хатарноки радиатсионии ҳастаӣ, Шурои ҷамъиятии Корпоратсияи давлатии «Росатом», ташкилотҳои ветеранҳои Кирғизистон, Белоруссия, Узбекистон ва Агентии амнияти ХБРЯ-и Академияи илмҳои Тоҷикистон иштирок намуданд.

Дар маросими ифтитоҳи Конференси нахуст Академик, профессор, мушовир, ходими пешбари илмии Агентии амнияти ХБРЯ-и Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон - раиси ташкилоти собиқадорони Тоҷикистон Улмас Мирсаидов баромад намуда, табрикотии Президенти Академияи илмҳои Тоҷикистон Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахтро ба ҳозирин расонид. Ҳамчунин зимни сухани ифтитохи раиси «Иттиҳоди байналмилалии собиқадорони энергетика ва саноат» Ипатова. Р., баромад намуд.

Раиси ташкилоти собиқадорони Тоҷикистон академик Улмас Мирсаидов зимни сухани ифтитоҳии худ қайд кард, ки: «Конференсияи мазкур барои кишвари мо воқеан муҳим аст. Зеро мушкилоти воқеии партовҳои саноати уран мухокима карда мешаванд. Тавре маълум аст, дар қаламрави Тоҷикистон миқдори зиёди партовҳои уран боқӣ мондааст, ки барои беҳбуди вазъи экологӣ ва пешгирии офатҳои экологӣ тадбирҳои барқарорсозӣ лозим аст». Номбурда илова намуд, ки «Мехоҳам таъкид намоям, ки дар Тоҷикистон як қатор чорабиниҳои барқарорсозӣ бо иштироки «Росатом» бомуваффақият анҷом ёфтаанд ва мо нақш ва талошҳои «Росатом», кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ва Агентии байналмилалии нерӯи атомӣ-ро дар

ҳалли мушкилоти мероси урани Тоҷикистон баҳои баланд медиҳем».

Сипас, муовини раис, котиби масъули «Иттиҳоди байналмилалии собиқадорони энергетика ва саноат», Виталий Тихонович Лебеденко баромад намуда, таъкид кард, ки “Ҳаракати собиқадорони мо мунтазам чорабиниҳои байналмилалиро бахшида ба энергияи атомӣ мегузаронад, вале Конференсияи имрӯза махсус аст. Ин нахустин Конференсияи Иттиҳоди собиқадорон аст, ки чунин як масъалаи мубрами барои кишварҳои Осиёи Марказӣ, ба мисли ҳалли масъалаҳои мероси уранро баррасӣ мекунад. Соли гузашта мутахассисони ширкати «Росатом» дар чаҳорчӯби тарҳи азнавсозии як қатор иншооти мавзеи саноатии Табошари Тоҷикистон корҳоро пеш аз мӯҳлат анҷом доданд. Фаъолият пас аз миёнаравӣ дар мавзеъҳои собиқ саноати истихроҷи уран идома хоҳад ёфт, зеро онҳо аҳамияти хоса доранд, ки бевосита ба рушди иҷтимоию иқтисодии маҳалҳои аҳолинишини ҳамшафати ин мавзеъҳо иртибот доранд”.

«Созмони асосии ИДМ оид ба идоракунии партовҳои радиоактивӣ инвентаризатсияи объектҳои мероси ҳастаӣ анҷом дод. Барои зиёда аз 150 объект шаҳодатнома тартиб дода шудааст. Дар Феҳристи таъсисдодаи объектҳо натиҷаи тадбирҳо оид ба таъмини амнияти экологӣ дар давоми 10 соли охир ба назар гирифта шудаанд. Ҳадафи он баҳри ҳалли таҳияи лоиҳаи рафъи зарари ҷамъшуда, ташаккули дақиқи стратегияи истифодаи ояндаи иншоот мебошад, ки аз ҷониби мақомоти миллӣ муайян карда мешавад. Чунин стратегия бояд мувозинати байни интихоби технология ва ноил шудан ба дархостҳои аҳолӣ, сармоягузорони эҳтимолӣ ва ташкилоте, ки иншоотро истифода мебарад, ифода кунад», - шарҳ дод Михаил Литвинов, котиби масъули мақомоти машваратии Созмони асосии ИДМ оид ба идоракунии хароҷоти сарфшуда, сузишвории ядрӣ, партовҳои радиоактивӣ ва барҳам додани партовҳои ядрӣ ва радиоактивӣ.

Дар рафти Конференсияи байналмилалӣ иштирокчиён масъалаҳои муҳим, аз қабили арзёбии вазъи мероси уран ва таъсири он ба саломатии аҳолӣ ва муҳити зист, таҷрибаи беҳтарини ҷаҳонӣ оид ба беҳсозии минтақаҳои бо партовҳои уран олудашуда ва таҳияи стратегия ва нақшаҳои амал оид ба ҳалли мушкилот вобаста мероси уран алоқамандро мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор доданд.

Маълумотнома:
Иттиҳоди байналмилалии иттиҳодияҳои ҷамъиятии «Иттиҳоди байналмилалии собиқадорони энергия ва саноат» (IUOO MSVAEP) соли 2010 дар заминаи иттиҳодияҳои ҷамъиятии собиқадорони кишварҳои Аврупои Шарқӣ, ки энергияи атомиро инкишоф медиҳанд, таъсис дода шудааст. Дар айни замон ба Иттифок 13 ташкилоти чамъиятии ветеранҳои ядроии ёздаҳ мамлакат дохил мешаванд. «Иттиҳоди байналмилалии собиқадорони энергия ва саноат» (MSVAEP), ягона ташкилоти собиқадорон мебошад, ки аз ҷониби Конфронси генералии Агентии байналмилалии энергияи атомӣ (МАГАТЭ) аккредитатсия шудааст.

Дар соли 2021 бо қарори Шӯрои иқтисодии ИДМ ҶСК ТВЭЛ (шӯъбаи сӯзишвории Росатом) ташкилоти асосии кишварҳои узви ИДМ оид ба идоракунии сӯзишвории атомӣ, партовҳои радиоактивӣ ва аз кор андохтани силоҳи ҳастаӣ ва партовҳои радиоактивӣ таъин карда шуд. Ташкилоти базавӣ ба кишварҳои узви ИДМ дар чаҳорчӯби ҳамкориҳои бисёрҷониба ва дуҷониба бо мақсади ҳалли ҳамаҷонибаи мушкилот дар соҳаи идоракунии сӯзишвории атомӣ, партовҳои радиоактивӣ ва барҳам додани партовҳои радиоактивӣ ва татбиқи лоиҳаҳои мушаххас кумак мерасонад.

Соли 2024 Россия раёсати ниҳодҳои ИДМ-ро бар душ хоҳад дошт ва дар ин замина корҳоро дар самти таҳкими минбаъдаи Иттиҳод ҳамчун иттиҳодияи ҳамгирой ва афзоиши нуфузи байналмилалии он пурзӯр хоҳад кард. Дар баробари ин «Росатом» ва воҳидҳои он ҳамкориро бо корхонаву созмонҳои кишварҳои ИДМ густариш медиҳад.

Рушди тарғиботи ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: механизмҳо, муваффақиятҳо ва чолишҳо дар роҳ ба соли 2030

Муқаддима
Ҷомеаи муосирро бе қонунҳо ва меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки муносибатҳо миёни одамон, давлатҳо ва институтҳои ҷамъиятиро танзим мекунанд, тасаввур кардан ғайриимкон аст. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба устуворӣ қонун ва тартибот ҳамталош аст, барномаҳои тарғиботи ҳуқуқиро байни шаҳрвандонаш

фаъолона ҷорӣ мекунад. Дар ин раванд, аҳамияти махсус ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2019, №599 "Барномаи тарбия ва таълими ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030" дода мешавад.

Мақсадҳо ва вазифаҳои асосии барнома

Барномаи тарбия ва таълими ҳуқуқии шаҳрвандон як маҷмӯи тадбирҳои равонашуда ба баланд бардоштани сатҳи донишҳои юридикӣ миёни аҳолӣ мебошад. Аз ҷумлаи мақсадҳои асосии барнома метавон ишора намуд ба:

• Таъмини дастрасӣ ба иттилооти ҳуқуқӣ барои ҳамаи қишрҳои аҳолӣ.

• Шаклгирии фарҳанг ва шуури ҳуқуқӣ.

• Баланд бардоштани саводи ҳуқуқӣ, ки имкон медиҳад шаҳрвандон ба таври самаранок аз ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунӣ истифода баранд.

Тибқи банди 5-и Барнома, таваҷҷӯҳи махсус ба эҷоди шароит барои истифодаи шаҳрвандон аз ҳуқуқ ва озодиҳои худ дода мешавад, ки калидӣ барои расидан ба адолати иҷтимоӣ ва баробарӣ мебошад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ ва истифодаи он дар Тоҷикистон

Таҷрибаи кишварҳои пешрафта нишон медиҳад, ки самаранокии тарғиботи ҳуқуқӣ ба таври мустақим вобаста ба усулҳо ва шаклҳои гузаронидани он мебошад. Масалан, дар кишварҳои Скандинавӣ таъкиди зиёд ба усулҳои интерактивии омӯзиши ҳуқуқ, мисли маҳфилҳо, симулятсияҳои машқӣ барои маҷлисҳои судӣ ва дарсҳои онлайн зиёд мешавад. Тоҷикистон, ба навбати худ, чунин роҳҳоро фаъолона истифода бурда, онҳоро мутобиқи хусусиятҳои миллӣ ва талаботҳои маҳаллӣ мепазирад.

Ҳамчунин, ҷузъи муҳими таълими ҳуқуқӣ дастрасии ба манбаъҳои ҳуқуқӣ мебошад. Дар ин замина, корҳои Ҳукумати Тоҷикистонро дар васеъ кардани дастрасӣ ба иттилооти ҳуқуқӣ тавассути порталҳои расмӣ ва системаҳои иттилоотӣ, ки ҳамгом бо таҷрибаи ҷаҳонӣ дар сохтани додаҳои кушода мебошанд, қайд кардан мумкин аст.

Чолишҳо ва дурнамоҳо

Бо вуҷуди муваффақиятҳои назаррас, чолишҳое ҳастанд, ки барои расидан ба ҳадафҳои муқаррарӣ бояд бартараф шаванд:

•**Сатҳи камшиносии ҳуқуқӣ миёни аҳолӣ**, алахусус дар минтақаҳои дурдаст.

•**Дастрасии маҳдуд ба технологияҳои муосир**, ки паҳн шудани шаклҳои электронии таълимро мушкил месозад.

•**Масъалаҳои интегратсияи меъёрҳои ҳуқуқӣ** дар ҳаёти рӯзмарраи шаҳрвандон. Барои ҳалли ин мушкилот, кори ҳамоҳангшудаи ҳамаи сатҳҳои ҳокимият зарур аст, ҳамчунин фаъол будани ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ муҳим мебошад. Ҷалби экспертҳои байналмилалӣ ва истифодаи таҷрибаҳои хориҷӣ метавонад раванди интегратсияи Тоҷикистонро ба системаи фарҳангҳои ҳуқуқии ҷаҳонӣ тезонад.

Хулоса

Барномаи тарбия ва таълими ҳуқуқӣ стратегӣ муҳим барои Тоҷикистон аст. Он на танҳо ба шаклгирии фарҳанги ҳуқуқӣ мусоидат мекунад, балки асоси амалӣ кардани ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандонро, ҳамчунини муқарраршуда дар меъёрҳои миллӣ ва байналмилалӣ фароҳам меорад. То соли 2030, кӯшишҳои назаррас ба васеъ кардани имкониятҳои ҳуқуқӣ барои ҳамаи қишрҳои аҳолӣ равона карда шуда, ки ин имкон медиҳад кишвар қадамҳои қотеъ ба сӯи дохил шудан ба сафи кишварҳои

рушдёфтаи ҷаҳонро бардорад. Бо таваҷҷӯҳи махсус ба рушди тарғиботи ҳуқуқӣ, Тоҷикистон асосҳои ҷомеаи шаҳрвандиро мустаҳкам мекунад ва дастгирии устуворӣ ва тартиботро таъмин мекунад, ки дар ниҳоят ба расидан ба манфиатҳои миллӣ ва беҳбуди сифати зиндагии шаҳрвандонаш мусоидат мекунад.

Илҳом Мирсаидзода *- профессор, директори*
Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Конференсияи илмӣ-амалии “Илм аз дидгоҳи олимони ҷавон” дар партави “Соли маърифати ҳуқуқӣ” ва “20-солаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф

22 - апрели соли равон бахшида ба эълон гардидани соли 2024 – (Соли маърифати ҳуқуқӣ), дар толори Академия миллии илҳои Тоҷикистон Конференсияи илмӣ-амалии “Илм аз дидгоҳи олимони ҷавон” баргузор гардид.

Дар ҳамоиш роҳбарияти АМИТ, раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе, инчунин олимону муҳаққиқони ҷавони Институтҳои АМИТ иштирок намуданд.

Қобилҷон Хушвахзода – Президенти АМИТ зимни ифтитоҳи Конференсияи мазкур дар ҷаласаи Пленарӣ, ҳамаи меҳмонон ва иштирокчиёнро хайрамақдам гуфта, иброз дошт, ки воқеан таи солҳои охир бо таваҷҷуҳ ва дастгириҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳаи илм пеш рафта, дар ин замина нақши олимони ҷавон дар тамоми бахшҳои илм баръаъло эҳсос мегардад. Ҳамин аст, ки имрӯз шумораи олимони ҷавон дар АМИТ ба маротиб афзудааст. Ҳамзамон номбурда таъкид намуд, ки бояд ҳарчи бештар таваҷҷуҳи чавонон ба илмҳои дақиқ ва риёзӣ, инчунин пайвасти илм бо истеҳсолот ҷалб карда шавад, ки пешрафти ҳар як давлату миллат маҳз аз саводнокӣ ва маърифати баланди ҳар як сокини бо нангу номуси он вобастагӣ дорад.

Сипас бахши 3-юми Конференсияи мазкур дар толори Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии АМИТ, бо баргузории масъалаҳои мубрами илмҳои физика, математика ва техникӣ дар партави “20-солаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” бо иштироки як зумра олимони ҷавон аз Агентии амнияти ХБРЯ ва дигар институтҳои АМИТ идома ёфт, ки иштирокчиён дар бахшҳои гуногун баромад намуданд.

Дар ин чорабиниӣ олимони ҷавони Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ аз ҷумла, Баҳронов Соҷидхон, Бобоев Комрон, Муминов Сафаралӣ ва Эшов Ҷурамурод дар мавзуъҳои «Асосҳои технологии коркарди маъданҳои урандор ва баҳодиҳии хавфи радиатсионии минтақаҳои Тоҷикистон», «Синтез, ва хосиятҳои термодинамикии пайвастагиҳои торий ва уран» ва «Асосҳои техникии ҷудокунии уран аз маъданҳои урандори маҳаллӣ», бо презентатсияҳо ва мақолаҳои илмӣ дар назди ҳозирин маъруза намуда, соҳаи илмро дар башҳои мазкур, ки бо истифода аз

таҳқиқотҳо анҷом дода шудааст, шарҳу тавзеҳ доданд.

Дар интиҳои чорабинӣ мубоҳисаҳои илмӣ сурат гирифт, ки иштирокчиён ба суолҳои худ посухҳои мушахас гирифтанд.

Иштироки кормандони Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар Форуми байналмилалии ихтироъкорон ва навоварони Ҷумҳурии Тоҷикистон

Санаи 25 апрели соли 2024 бахшида ба “Рӯзи ихтироъкорон” Форуми байналмилалии ихтироъкорон ва навоварони Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти унвони «Ихтироот, аз ғоя то маҳсулот» дар меҳмонхонаи “Ҳаят реҷенси” бо ташаббуси Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

Ҳадафи асосии Форум мусоидат ба рушди ихтироъкорӣ, татбиқи ихтироъ дар истеҳсолот, рушди неруи инсонӣ, дарёфти механизми дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии ихтироъкорон ва навоварон мебошад.

Сухани ифтитоҳиро Дилрабо Мансурӣ - муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қобилҷон Хушвахтзода - президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва дигар меҳмонони қадрдон оғоз намуданд. Инчунин, дар форуми мазкур намояндагон аз вазорату идораҳо, муассисаҳои илмию таълимӣ, коршиносони соҳавӣ, соҳибкорон аз бахши хусусӣ ва ҳамзамон ихтироъкорони дохил ва берун аз кишвар, алалхусус аз Созмони ҷаҳонии моликияти зеҳнӣ, ташкилоти патентии Авруосиё ва намояндагон аз давлатҳои Русия ва Беларус ширкат варзиданд.

Кормандони Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар форуми мазкур бо маърузаҳои худ зери унвони «Ихтироот, навовариҳо ва нақши онҳо дар рушди иқтисодиёти мамлакат», «Омӯзиш ва оммавигардонии ихтироот», «Баҳогузории объектҳои моликияти зеҳнӣ ва имконияти тиҷоратикунонии ихтироот» баромад намуданд. Дар партаи форуми номбурда панҷ муассисае, ки солҳои охир шумораи зиёди патенти ихтироот гирифтанд, муаррифи гардид, ки ба он Агентии амнияти химияви, биологи, радиатсиони ва ядроии АМИТ шомил аст.

Маврид ба тазаккур аст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олӣ чунин суханронӣ намуданд: *“Яке аз роҳҳои рушди иқтисодиёти мамлакатро ташаккули соҳаи моликияти зеҳнӣ арзёбӣ намуда, қалби шахсони лаёқатманд ба навоварию ихтироъкорӣ, вусъати раванди ихтироъкорӣ, баланд бардоштани савияи дониш, иттилоотонии ҷомеа, татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ, таҳқиқи масъалаҳои иқтисоди рақамӣ, азхудкунии технологияҳои инноватсионӣ ва ҷорӣ кардани онҳоро дар истеҳсолот вазифаи аввалиндараҷа номиданд”.*

Конфронси байналмилалии илмӣ – амалӣ дар мавзӯи “Саноатикунонии рақамӣ ва рушди энергетикӣ аз нигоҳи олимону муҳаққиқон”

Санаи 25-апрели соли 2024 дар Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон конфронси байналмилалии илмӣ – амалӣ дар мавзӯи “Саноатикунонии рақамӣ ва рушди энергетикӣ аз нигоҳи олимону муҳаққиқон” бахшида ба таҷлили рӯзи илми тоҷик инчунин эълон гардидани солҳои 2020 - 2040 – «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» баргузор гардид.

Ҳадаф аз баргузории конференсия рушди нерӯи илмӣ ва эҷодии муҳаққиқони ҷавони соҳаи электроэнергетика, қалби коргарони ҷавон, донишҷӯен ва аспирантон ба фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ, рушд ва таҳкими робитаҳои илмии муассисаҳои таҳсилоти олӣ, ҳавасмандгардонии тафаккури эҷодии иштирокчиён, мубодилаи афкору пешравиҳои нав, инчунин ташаккули захираи кадрҳо барои соҳаи энергетика ва саноат мебошад.

Дар конфронси мазкур олимону муҳаққиқон аз давлатҳои Белоруссия, Россия, Қазоқистон ва Узбекистон иштирок намуданд. Аз ҷониби ходимони илмии Агентиии амнияти ХБРЯ –и АМИТ дар конфронси баршузоргардида 5 мақолаи илмӣ пешниҳод шуда буд. Дар ин чорабинӣ академик У.М. Мирсаидов иштирок намуда, дар мавзӯи “ Боргидриды металлов- Эффективные реагенты для водородной энергетики” баромад намуданд.

ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ- ХАТАРИ САРТОСАРИИ ҶОМЕАИ ҶАҲОНӢ

Терроризм ва экстремизм, аз як ҷониб, чун як вабои аср хатари глобалии ҷиддӣ буда, аз ҷониби дигар, аъмоли он гувоҳ аст, ки террорист ватан, миллат ва дину мазҳаб надорад. Ҳамзамон, як таҳдиде ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ба ҷони ҳар як сокини сайёра аст.

Эмомалӣ Раҳмон

Терроризм як навъ сиёсат, идеология ё амали иборат аз таҳдид, фишороварӣ, зурӣ нисбати шахсони алоҳида, гурӯҳи одамон, ҷомеа, ҳокимият, институтҳои ҳокимиятӣ, давлат ва низоми идоракунии он буда, баҳри расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иделогӣ ва геопалитикии таҳрезишуда равона гардидааст. Экстремизм бошад ин даъват ба ноорому, даъват ба ғасби ҳокимият аст.

Терроризм аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ чунин шарҳ доа шудааст: «Ин содир намудани амалҳое мебошад, ки ба одамон хатари марг ба миён меоварад ва истифодаи он бо роҳи ҷисмонӣ, бартараф кардани рақибони сиёсӣ, вайрон кардани бехатарии ҷамъиятӣ, тарсонидани аҳолӣ ё расонидани таъсир барои аз тарафи ҳокимият қабул кардани қарорҳо мебошад». Дар шароити ташаннуҷи рӯзафзуни авзои сиёсии ҷаҳон ва тағйиру таҳаввулоти босуръати он, торафт вусъат гирифтани низоъҳои байнидавлативу байнимазҳабӣ ва авҷи ҷиноятҳои муташаккили фаромарзӣ ҳимояи марзу буми кишвар ва ҳифзи амнияти давлату миллат барои мо масъалаи аввалиндараҷа ва ҳаётан муҳим ба шумор меравад.

Вазъи имрӯзаи минтақа ва ҷаҳон мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, амнияти миллӣ ва сохторҳои низомиро водор месозад, ки фаъолияти худро ба таври ҷиддӣ тақвият бахшида, барои иҷрои вазифаҳое, ки имрӯз дар назди онҳо карор доранд, ҳамеша омода бошанд. Рӯйдодҳои охири ҷаҳон, яъне боз ҳам тезутунд гардидани вазъ нишон медиҳанд, ки терроризм ва экстремизм ба хатарҳои аввалиндараҷаи ҷаҳони муосир табдил ёфтаанд. Доманаи фаъолияти созмонҳои террористон торафт васеъ шуда, фаъолшавии онҳо, аз ҷумла дар ҳамсоякишвари мо – Афгонистан вазъиятро боз ҳам мураккабтар гардонидааст. Имрӯз терроризм ва экстремизм хамчун вабои аср ба амнияти ҷаҳон ва ҳар як сокини сайёра таҳдид карда, барои башарият хатари на камтар аз силоҳи ядроиро ба миён овардааст.

Тавре Пешвои миллат таъкид доштанд: «Терроризм ва экстремизм чун вабои аср хатари глобалии ҷидди буда, аъмоли он гувоҳ аст, ки террорист Ватан, миллат ва дину мазҳаб надорад ва таҳдиде ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҷони ҳар як сокини сайёра аст. Ин зуҳуроти фалокатбор ҳеҷ умумияте ба дин, аз ҷумла ба дини мубини ислом надорад ва бо истифода аз номи ислом ба хотири ҳадафҳои сиёҳу ғаразноки сиёси содир карда мешавад». Барои тайёр намудани чунин шахсони худкуш ташкилотҳои махсус аз тамоми воситаю имкониятҳо истифода бурда, ҳисси бадбинӣ ва нафратро аз байн бурдани тарафи муқобилро дар дили он шахс ҷой мекунанд. Ҳатто ба дараҷае ба чунин шахсон таъсир мерасонанд, ки онҳо аз баҳри падар, модар, зану фарзанд ва ҳама дороияш гузашт карда, даст ба чунин кори зишт мезанад.

Коршиносон терроризмро ба се намуд ҷудо намуданд:

1.Сиёсӣ, 2. Миллӣ, 3.Динӣ. Мудҳиштарин ва фоҷиабортарин намуди онро терроризми динӣ ташкил медиҳад. Ин амали марговарест, ки дар зери ниқоби дин пинҳон шуда, зери ливои он муборизa мебарад. Намунаи барҷастаи онро муборизаи Фаластинҳо алайҳи Исроилиҳо арзёби карданд. Дар ин шакли терроризм тарафи «ҷабрдида» пайравони як дин ва тарафи муқобил пайравони динӣ дигар мебошанд, ки аксаран ин амалҳои нангин зери мафҳуми «Ҷиҳод» ба анҷом мерасад, аз ин рӯ фирефташудагон ва фирефта-мешудагонро огаҳи медиҳем, ки худро аз ин амалҳои хатарнок дур гиранд, чунки аз ин ҳеҷ манфиате ба даст намеоранд. Бояд донист, ки он аз ғаразу манфиати ташкилот ва шахсони алоҳида иборат мебошад. Онҳо зери ниқоби дини мубини ислом даромада, гӯё дар натиҷаи ваҳшиёна ба қатл расонидани «Кофирон» инсони биҳишти мешавад ва ғаразҳои барои хеш манфиатоварро амали мекунанд.

Ихтилофу зиддият, номуросоӣ, бартарӣ ва афзалият гузоштан дар миёни равия ва мазҳабҳои гуногуни динӣ яке аз сарчашмаҳои рух додани чунин амалу кирдорҳои ваҳшиёна гардида, дар ин миён масҷиду калисо, ибодатгоҳҳо ва ҷойҳои барои мардум муқаддас ҳадафи террористон қарор мегиранд. Таассуфовар аст, ки дар Покистон, Афғонистон, Ироқ, Сурия ва як қатор давлатҳои дигар, ки нобаробариҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ ва зиддияти мазҳабӣ зиёд авҷ гирифтаанд, гурӯҳҳои иртиҷоӣ бо истифода аз вазъи ба амаломада ҳадафҳои душманонаи худро алайҳи мардуми бегуноҳ анҷом медиҳанд. Содир намудани амалҳои террористӣ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, кӯчаву хиёбонҳо, бозорҳо ва маконе, ки издиҳоми мардум бештар ҷамъ меоянд, дар ин кишварҳо як амали маъмулӣ гардидааст. Дур шудани ҳиссиёти раҳму шафқат аз вуҷуди ашхоси бадсиришту ҷиноятпеша, аз фарҳангу маърифат ва муқаддасоту арзишҳои олии инсонӣ бехабар, боиси содир намудани сангинтарин амалу кирдорҳои разилона гардида, ҳуқуқи одамонро ба зиндагии осоишта маҳрум месозад. Дидани чеҳраҳои кӯдакони ятиму бенаво, занони аз шавҳар маҳрумгашта ва ҷавонони дар айни камолот ҷонбохта хеле риққатовару маҳзункунанда аст, ки дар натиҷаи амалҳои касифонаи гурӯҳҳои худхоҳу ҷоҳталаб рӯзи рӯшанро барои онҳо тира намудааст. Ба дунё омадани инсонҳо барои зистану аз ҳаёт баҳра гирифтан ва зиндагии шоистаро ба сар бурдан аст ва касе ҳуқуқ надорад ҳаётро аз онҳо рабояд, ба ҷуз офаридагор.

Вақти он расидааст, ки падару модарон фарзандонро доимо зери назорати қатъи гиранд. Аз ҳаргуна ҳизбҳои сиёсӣ-динӣ, гуруҳҳои ифротӣ ва иғвоангезу мазҳабҳои тафриқаангез эҳтиёт намоянд. Моҳияти динӣ мубини исломро дуруст дарк карда тавонистанро ба фарзандон омузонанд ва ҷавҳари динӣ исломро ҳамчун дини дустию рафоқат, на дини ҷангу ҷидолу хунрези ба онҳо фаҳмонанд. Дар охир ҳаминро таъкид менамоям, ки ҳар як фарди бо нангу номуси кишварро зарур аст, ки баҳри пешрафт ва рушду шукуфоии сарзамини аҷдодиамон бо гомҳои устувор, арзишҳои миллӣ, бахусус Истиқлоли давлатӣ ва Ваҳдати миллиро ҳамеша ҳифз намояд.

***Комрон Бобоев**– ходими илмии шуъбаи илмӣ – таҳқиқотӣ ва хизматрасонии техникии Агенти амнияти ХБРЯ-и АМИТ*

Имрӯз аз садамаи мудҳиши Чернобил 38 сол сипарӣ гардид

Имрӯз шаҳрвандони Иттиҳоди давлатҳои мустақил (ИДМ) ба хотираи онҳое, ки дар рафъи оқибатҳои офати табиӣ ҷони худро нисор кардаанд, ёдбуд мекунанд.

26 апрели соли 1986 дар блоки чоруми пуриқтидортарин Нерӯгоҳи ҳастаии Чернобил садама ба амал омад, ки мудҳиштарин садамаи ядроӣ дар таърих маҳсуб мешавад. Ин саҳифаи гузаштаи мо дар таърихи инсоният яке аз бадтарин фалокатҳои ҳастаӣ гардид, ки дар натиҷаи таркиш ба атмосфера миқдори зиёди моддаҳои радиоактивӣ паҳн шуда, барои саломатии инсон ва муҳити зист окибатҳои фалокатбори он то ҳол мушоҳида мегрдад.

Фалокати Чернобил на танҳо достони гузашта, балки дарси имрӯза ва оянда ҳам мебошад. Мо бояд табиати гирду атрофро қадр кунем ва ҳифз намоем, барои ояндаи осоишта ва бехатар кӯшиш ба харҷ дода, арзиши бениҳоят гарони муҳити зист ва саломатиро қадр намуда, ба беэҳтиётӣ роҳ надиҳем.

Аз садамаи Чернобил бахусус қаламравҳои Россия, Белорус ва Украина осеб диданд. Солгарди ин сана хотиррасон мекунад, ки ҳар яки мо барои сулҳу амнияти сайёра масъулем ва танҳо якҷоя метавонем ояндаи беҳтареро барои худ ва наздикони худ эҷод кунем, балки дар ҳамбастагӣ метавонем ба осоишта будани муҳити зистамон мусоидат намоем.

Таъмини амнияти иттиллоотӣ ва муҳимияти он дар шароити имрӯз

Асри XXI дар таърихи башарият бо таҳаваллуоти бузурги илмию техникӣ оғоз гардид ва ин раванд бо суръати баланд идома дорад. Ҳамарӯз аз кашф ва ихтирооти тозаи илмию фановарӣ, дар ҷомеаи ҷаҳонӣ маълумот пахш мешавад ва дастрасии мардум ба технологияи муосири иттилоотӣ боз ҳам бештар мегардад. Аз ин ҷост, ки асри XXI-ро асри иттилоот унвон кардаанд. Ин омил сабаб гардидааст, ки иттилоот ва расонаҳои иттилоърасон ба мафкураи ҷомеа бисёр амиқ ва нишонрас ба мушоҳида бирасад. Ҳатто расонаҳои иттилоотӣ ба майдони мубоҳисаҳои гуногун табдил ёфтаанд. Аз ин хотир таъмини амнияти иттилоотӣ дар замони муосир ба масъалаи асосии таъмини амнияти миллии давлатҳо мубаддал гардидааст.

Ба таҳлили коршиносон дар замони муосир, ки онро ҷаҳонишавӣ ном мебаранд, раванди таъсиррасонии омилҳои байналмилалӣ, аз қабили робитаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, иттилоотӣ ба ҳаёти иҷтимоии ҳар як мамлакати алоҳида маҳсуб мебошад. Аз ҳамин лиҳоз дар пойдории сулҳу суботи дилхоҳ давлат, амнияти иттилоотӣ ҳамчун қисми таркибӣ ба ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва густариши соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа нақши муҳим дорад. Вобаста ба ин ҳолат, ба паҳлуҳои таъмини амнияти иттилоотии давлат таваҷҷӯҳ намудан аз манфиат дур нест. Дар шароити муосир рушду пешрафт ва ҳатто мавҷудияту бақои давлатҳо ба устувории амнияти иттилоотӣ вобастагии

амиқ дорад. Тавре болотар қайд намудем, андешаи умумигардида ва эътирофшуда, ки мегӯянд: «Асри XXI – асри иттилоот аст» бесабаб нест. Албатта, ин воқеияти худро дорад ва идоракунии иттилоот дар ҷаҳони муосир ва шаклгирии равандҳо аҳамияти ҷиддиро касб намудааст. Дар баробари зарфиятҳои мусбати технологияи муосир, ки дар ҷаҳони иттилооти мавриди истифода қарор мегиранд, ҳамчунин ҷанбаи манфии он низ боиси ташвиш ва нигаронии ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор гирифтааст. Зеро ба воситаи паҳн намудани иттилооти нодруруст ва ба манфиати ин ё он гурӯҳ нигаронидашуда, амну суботи ҳар як давлат ва ҷомеа халадор гардида, оқибат ба бетартибӣ оварда мерасонад ва хусусан ҷавонони ноогоҳро метавонанд, бо бовар кардан ва пайравӣ намудан ба чунин таблиғот, ба доми ашхоси манфитаҷӯ афтонанд. Аз ҳамин лиҳоз, дар доираи илми сиёсӣ ва системаи амнияти миллӣ мафҳуми амнияти иттилоотӣ яке аз мафҳумҳои калидӣ ба шумор меравад. Амнияти иттилоотӣ ҳолат ва шароите мебошад, ки ҳар гуна хавфу хатар ба дилхоҳ маълумоти муҳим ва сарнавиштсози ин ё он давлат пешгирӣ ва бартараф карда шуда, дастрасӣ ва таъсиргузории гурӯҳҳои таҳрибкор ва ҷиноятпеша ба маълумот, ҳуҷҷатҳо ва ё афкори омма маҳдуд карда мешавад. Тибқи назари коршиносон, ҳадафи асосии таъмин намудани амнияти иттилоотӣ дар ҳар як давлат аз он иборат аст, ки бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ ва системаи таъмини амнияти иттилоотӣ дилхоҳ хатару таҳдиди воқеӣ, эҳтимолӣ ва имконпазир ба фазои иттилоотии давлат бартараф ва ба ин васила, якпорчагӣ, суботу оромӣ ҳифз ва рушди устувор дар ҷомеа таъмин карда мешавад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон чун узви комилҳуқуқи ҷомеаи башарӣ ба раванди ҷаҳонишавӣ ворид гашта, дар шароити мураккаб ва пуртазоди ҷаҳонӣ саъю кӯшиши хешро баҳри ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва ҳифзи истиқлол равона намудааст.

Имрӯзҳо, ки терроризм ва экстремизм бо тамоми зуҳуроташ ҳамчун вабои хатарнок доираи васеи кишварҳо ва минтақаҳои оламро фаро гирифтааст, зарурати дарки амиқ ва пешгирии ҳамаҷонибаро талаб менамояд, чунки пайравони ин гуруҳҳо бо василаҳои гуногун, амнияти иттилоотиро рахна намуда, барои пиёда кардани манфитаҳои ғаразноки худ, маълумоти бардурғро тавассути сомонаҳои иҷтимоӣ дар байни ҷомеа паҳн менамоянд.

Бо назардоштаи чунин омилҳои хатарнок аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ниҳодҳои дахлдори мамлакат пайваста тадбирҳои муҳиме роҳандозӣ карда мешаванд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша зимни пешниҳоди Паёмҳо ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мулоқоту суханрониҳояшон оид ба амнитяи иттилоотӣ, зиракии сиёсӣ ва афзоиши хатари терроризму экстремизм дар ҷаҳони муосир изҳори назар менамоянд. Аз ҷумла, Президенти мамлакат зимни пешниҳоди Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 декабри соли 2022 дар ин робита чунин таъкид намуданд: «Имрӯзҳо гурӯҳҳои террористиву эктремистӣ барои даъват ва ҷалб намудани шаҳрвандон ба сафҳои худ бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ роҳу усулҳои навро истифода карда, ҷавонони камтаҷрибаву ноогоҳро бо ғояҳои тундгарой гумроҳ месозанд. Аз ин лиҳоз, мақомоти дахлдорро зарур аст, ки ҳамоҳангсозии фаъолиятро дар самти ошкор ва пешгирӣ намудани хавфу хатарҳои террористиву экстремистӣ боз ҳам вусъат бахшида, бо роҳи тақвияти корҳои фаҳмондадиҳӣ пеши роҳи гароидани ҷавононро ба равияҳои ифротгаро гирифта, онҳоро дар рӯҳияи садоқат ба халқу Ватан ва эҳтиром ба арзишҳои умумиинсонӣ тарбия намоянд».

Тавре, мушоҳида мегардад, раванди инкишофи босуръати технологияи муосир дар баробари таъсири мусбат доштан ба кору рӯзгори мардум, ҳамчунин як қатор мушкилиҳоро низ ба бор овардаву сабаби ташвиш гардидааст. Ҳарчанд имрӯз ҷомеаи ҷаҳониро бе иттилоот ва технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст, вале истифодаи дурусти он ва ба манфиати давлату ҷомеа равона кардани он масъулияти бузурги ҳар як шаҳрвандро таҳозо менамояд. Ҳамарӯза дар фазои сомонаҳои иҷтимоӣ, миллиард ва аз он ҳам зиёд хабару иттилоот ворид мешавад, ки мутаасифона на ҳамаи онҳо санҷидашуда ва ба воқеият наздик аст ва ё ба манфиати тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ равона гардидааст. Аз ин хотир таъмини амнияти иттилотӣ, аз ҳар вақти дигар дида, муҳиму зарур мебошад. Дар ин замина баланд бардоштани ҳисси ватандӯстиву меҳанпарастии шаҳрвандон, пешгирии пайравии ҷавонони ноогоҳ ба ақидаҳои тундгаро̄й, баланд бардоштани ҳисси миллию дарки хештаншиносӣ, зиракии сиёсии ҷавонон ва албтта боз ҳам таъмини амнияти иттилоотӣ аз ҷумлаи вазифаҳои муҳим дар назди кулли ҷомеа ва ниҳодҳои дахлдор ба шумор меравад. Зеро ба воситаи таҳкими таъмини амнияти иттилоотӣ, тарғиби ғояҳои меҳанпарастӣ, тарбияи наврасону ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстӣ, ташаккули афкори созандаву бунёдкорона, метавон муҳимтарин арзишҳои миллиро ҳифз намуд ва дар муқовимат ба экстремизму терроризм қадамҳои устувор гузошт.

Олимҷон АЗИЗОВ, мудири шуъбаи муносибатҳои байналмилалӣ ва робита бо ҷомеаи Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ, номзади илмҳои техникӣ

Заробудин ШИРИНОВ, мутахассиси шуъбаи муносибатҳои байналмилалӣ ва робита бо ҷомеаи Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ

Чорабинӣ бахшида ба «Рӯзи Ғалаба»

6 майи соли 2024 тибқи дастуру супоришҳои Раиси КИИ “Хирадмандон”-и ҲХДТ дар АМИТ профессор Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт ва нақшаи чорабиниҳои ташкилоти ибтидоии “Афканишот” – КИИ “Хирадмандон” -и ҲХДТ бо иштироки муовини КИИ “Хирадмандон” ҲХДТ дар АМИТ - Қурбонова Ширин хониши сиёсӣ бахшида ба ҳафтаи поси хотироти иштирокчиёни Ҷанги Бузургӣ Ватанӣ дар толори Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии АМИТ баргузор гардид.

Дар чорабинӣ, аз ҷониби муовини КИИ “Хирадмандон” ҲХДТ дар АМИТ - Қурбонова Ширин ва муовини аввали директори Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ – Ахмедов Матин оид ба таърих, моҳият ва ҷоннисориҳои қаҳрамонони тоҷик дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ ироа гардид.

Қайд намудан ба маврди аст, ки Тоҷикистон ҳанӯз аз оғози ҷанг дар баробарӣ фиристодани зиёда аз 300 ҳазор сарбозони далеру шуҷоъ ба фронт, инчунин бо таъмин намудани артиши Шӯравӣ ба либосу хӯрока барои пирӯз омадан дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ нақши бузург гузоштааст. *"Мо имрӯз ва минбаъд низ бо ифтихор хотирнишон мекунем, ки барои таъмини ғалабаи таърихӣ дар баробари ҳамаи халқҳое, ки бар зидди истибдоди фашистӣ муборизa*

бурдааанд, ҷавонмардони бонангу номуси Тоҷикистон низ саҳми сазовор гузоштаанд" зикр намуда буданд, Пешвои муаззами миллат дар яке баромади худ бахшида “Рӯзи ғалаба”.

Дар раванди ин чорабинӣ ба Баротов Бахтиёр – муовини директори Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ барои ишғоли ҷои аввал дар озмуни ҷумҳуриявии “Илм фуруғи маърифат” ифтихорнома ва тӯҳафаи хотиравӣ сарфароз гардонида шуд.

Дар хотима аз ҷониби роҳбарият ва кормандони Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии АМИТ ба муовини КИИ “Хирадмандон” ҲХДТ - Қурбонова Ширин минадорӣ баён гардида ва қайд карда шуд, ки ватеранҳои Ҷанги Бузургӣ Ватанӣ ҳама сола дар арафаи ҷашну маросимҳо аз ҷониби Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ қадрдонӣ мегарданд.

Системаи байналмилалии иттилооти ҳастаӣ дар Тоҷикистон



Системаи байналмилалии иттилооти ҳастаӣ (International Nuclear Information System - INIS) яке аз бузургтарин маҷмӯаҳои нашрияҳои ҷаҳонро дар бораи истифодаи осоиштаи илм ва технологияи ҳастаӣ дар бар мегирад. Системаи байналмилалии иттилооти ҳастаӣ (СБИҲ) як манбаи беназир ва арзишмандест, ки ба Шумо имкон медиҳад, ки ба маълумоти ҳастаӣ аз тамоми ҷаҳон дастрасӣ пайдо намоед.

Макони нигоҳдории СБИҲ сабтҳои библиографӣ ва ҳуҷҷатҳои пурраи матнро дар бар мегирад, ки тавассути каналҳои анъанавии нашриёти тиҷоратӣ ва тавассути манбаъҳои ғайритиҷоратӣ, аз ҷумла ҳисоботи илмӣ-техникӣ, маводи конфронсҳо, маълумот дар бораи патентҳо ва диссертатсияҳо нашр шудаанд.

Системаи номбурда тамоми соҳаҳои фаъолияти Агентии байналмилалии нерӯи ҳастаӣ (АБНА), аз ҷумла техника ва технологияҳои ҳастаӣ, бехатарии радиатсионӣ, кафолатҳо ва паҳношавӣ, истифодаи усулҳои ҳастаӣ ва изотопӣ, физикаи ҳастаӣ, химияи ҳастаӣ ва радиатсионӣ, истифодаи технологияҳои ҳастаӣ дар илм, ҷанбаҳои ҳуқуқӣ, ҷанбаҳои экологӣ ва иқтисодии манбаъҳои энергияи ҳастаӣ ва ғайриҳастайро дар бар мегирад.

Системаи мазкур истилоҳи бисёрзабона буда, дар он забонҳои англисӣ, арабӣ, испанӣ, чинӣ, олмонӣ, русӣ, фаронсавӣ ва ҷопонӣ дастрас аст ва тарҷумаҳои ҳазорҳо истилоҳҳои техникиро пешниҳод мекунад, ки дар паймоиш ва ҷустуҷӯи нигоҳдорӣ кӯмак мекунанд.

Системаи байналмилалии иттилооти ҳастаӣ соли 1970 тибқи мандати Агентии байналмилалии нерӯи атомӣ (АБНА) таъсис ёфтааст, ки зарурати «мусоидат ба мубодилаи маълумоти илмӣ ва техникӣ дар бораи истифодаи нерӯи ҳастаӣ бо мақсадҳои осоишта» - ро пешбинӣ мекунад. Система аз ҷониби АБНА дар ҳамкорӣ бо зиёда аз 130 давлати дунё идора карда мешавад.

Илова бар ин, Агентии байналмилалии нерӯи атомӣ (АБНА) дар доираи ҳамкории техникӣ ба давлатҳо дар эҷод ва афзоиши иқтидор дар соҳаи иттилооти ҳастаӣ, аз ҷумла тавассути расонидани

кӯмаки техникӣ ба онҳо дар раванди сохтани махзани рақамии худ кӯмак мерасонад.

Соли 2003, аввалинбор системаи байналмилалии иттилооти ҳастаӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мусоидати Агентии байналмилалии нерӯи атомӣ таъсис дода шуд, ки он имконияти пешниҳод кардани хизматрасониҳои иттилоотро доир ба ҳама ҷанбаҳои истифодаи осоиштаи неруи атом бо мақсади дастгирии барномаҳои миллии ядроӣ дар бар мегирад. Ҳадаф аз таъсиси ин марказ аз он иборат аст, ки хидматҳои дахлдори иттилоотиро дар ҳама масъалаҳои истифодаи осоиштаи илм ва технологияи ҳастаӣ ба ходимони илм дастрас намояд ва ҳамзамон мақолаҳои илмии онҳоро дар ин самт ворид намоянд.

Айни замон, системаи байналмилалии иттлооти ҳастаӣ (СБИҲ) зери назорати Котиботи СБИҲ-и АБНА қарор дошта ва вазифаҳои зеринро иҷро менамояд:

- интихоби адабиёти дахлдор, ки дар самти бехатарии радиатсионӣ ва ядроӣ;
- воридоти мақола, адабиёт ва дигар маълумоти дар самти бехатарии радиатсионӣ ва ядроӣ ва пешниҳоди онҳо ба АБНА
- ҷамъоварӣ, гурӯҳбандӣ ва ворид намудани адабиёт ва маълумотҳои зиёд дар самти бехатарии радиатсионӣ ва ядроӣ;
- пешниҳоди матнҳои пурраи адабиёт дар сурати набудани маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ ва низомнокии онҳо аз ҷониби муаллиф;
- пешниҳод ва тавсияҳо ба Котиботи Системаи байналмилалии иттилооти ҳастаӣ оид ба фаъолият ва рушди ин низом;
- пешниҳоди маълумотҳо дар самти бехатарии радиатсионӣ ва ядроӣ барои истифодабарандагон (олимон, аспирантон, донишҷӯён ва ғайра);
- амалӣ намудани фаъолияти таълимию тағриботӣ;
- иштирок дар таҳқиқот ва таҳлилҳои маводҳои воридшуда ва машварати онҳо ва ғайра.

Қайд намудан ба маврид аст, ки аз рӯзи таъсиси маркази миллии Системаи байналмилалии иттилооти ҳастаии Тоҷикистон то имрӯз зиёда аз 8000 мавод воридот гардидааст, ки ба онҳо монографияҳо, мақолаҳои конфронси миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла рефератҳо, патентҳо ва дигар маълумотҳо дар самти бехатарии радиатсионӣ ва ядроӣ ворид гардидааст.

Тавре, Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар ҷаласаи якуми Шӯрои илм, маориф ва инноватсияи назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 15-уми апрели соли 2021 баргузор гардид, иброз доштанд: “Машғул шудан ба фаъолияти инноватсионӣ ва ба вуҷуд овардани маҳсулоти инноватсионӣ яке аз омилҳое мебошад, ки ба пайванди илм бо истеҳсолот мусоидат карда метавонад. Натиҷаи чунин фаъолият ба вуҷуд омадани донишҳои нави илмӣ ва амалисозии минбаъдаи онҳо дар технологияҳои нав ё маҳсулоти нави тавассути ин технологияҳо истеҳсолшуда мебошад. Навъҳои муосири технология ва маҳсулот навовариҳое мебошанд, ки самараи иҷтимоиву иқтисодиро танҳо баъди татбиқи амалӣ, яъне дастрас гардидан ба истеъмолкунанда таъмин менамоянд”.

Аз ҷумла дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ», «Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020» ва «Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011 – 2020» асосҳои ҳуқуқии фаъолияти инноватсионӣ муҳайё гардидаанд.

Имрӯз олимони соҳаҳои физика, химия, маводшиносӣ, биология ва дигар бахшҳои илмҳои табиӣ, дақиқ ва техникӣ дар доираи татбиқи «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» ба таҳияву татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ машғул мебошанд.

Чуноне, ки Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни боздид ва шиносоӣ аз Филиали Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар вилояти Суғд, ки моҳи августи соли 2022 сурат гирифт иброз доштанд: *“Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи илмҳои Тоҷикистон ҳамчун мақоми танзимгари давлатӣ дар таъмини бехатарии ядроӣ, радиатсионӣ ва ҳамоҳангози амнияти химиявӣ ва биологӣ нақши муҳим дорад”.* Дар ин раванд, кормандони Агентӣ сиёсати пешгирифтаи роҳбари давлатро ҳамаҷониба дастгирӣ намуда, фаъолият ва масъулияти хуро дар соҳаи номбурда дуруст дарк менамоянд ва кушиш ба харҷ медиҳанд, ки бо истифода аз корҳои илмию-таҳқиқотӣ ва эҷоди чунин Системаҳои иттилоотӣ Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ намоянд.

***Илҳом Мирсаидзода**, профессор, д.и.т,. директори Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии АМИТ*

***Зарина Сайфиева**, директори Маркази минтақавии таълимӣ ва омӯзишии Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ*

***Олимҷон Азизов**, н.и.т., мудири шуъбаи, амнияти иттилоотӣ, муносибатҳои байналмилалӣ ва робита бо ҷомеаи ХБРЯ-и АМИТ*

Лексия дар мавзӯи “Санъати суханварӣ”

3 майи соли 2024 дар доираи фаъолияти бахши "Хонуми ядроӣ" оид ба мубодилаи дониш ва таҷриба дар мавзӯи “Санъати суханварӣ” лексия баргузор шуд. Нигора Абиҷонова – раиси филиал - намояндаи суғуртаи Тоҷикистон ICAP Global Health, ҳамчун сухангӯ баромад намуд.

Номбурда изҳор дошт, ки санъати суханварӣ ин қобилияти сухан гуфтан бо эътимод ва зебоӣ барои таъсир расонидан ба фикрҳо, ҳисёт ва рафтори одамони дигар мебошад. Ин санъат решаҳои қадимӣ дошта, ҳамчун воситаи муҳим дар пешбурди фаъолият дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт аз ҷумла, маориф, ҳуқуқ ва дигар бахшҳо эътироф шудааст.

Ин санъат дар Юнони қадим пайдо шуда, он яке аз унсурҳои асосии таълим ва омӯзиш ба шумор мерафт. Файласуфони бузург, ба монанди Суқурот, Платон ва Аристотел, ба рушди суханварӣ ҳамчун воситаи муошират бо боварӣ ва далелҳо диққат дода, ба рушди он замина гузоштаанд”, - таъкид дошт Нигора Абиҷонова.

Зикр гардид, ки ҷанбаи муҳими санъати суханварӣ, ин қобилияти идора кардани садо ва имову ишора мебошад. Истифодаи тағйирёбии суръат, ҳаҷм, садо ва таваққуф ба эҷод ва эҳсосии нутқ барои ҷалби таваҷҷӯҳи аудитория кӯмак мерасонад. Инчунин истифодаи имову ишораи мувофиқ ва ифодаи чеҳра дар ифода кардани нуқтаҳои асосӣ ва изҳори эҳсосоти худ муҳим аст.

Ҷанбаи баробар муҳим омодагӣ ва амалия мебошад.
Ҳатто баромадкунандагони боистеъдод омода таваллуд намешаванд, онҳо маҳорати худро тавассути омӯзиш ва омӯзиши мунтазам инкишоф медиҳанд. Омодагӣ пеш аз суханронӣ, омӯзиши мавод, гузаронидани машқҳо ва гирифтани фикру мулоҳизаҳо ба беҳтар шудани сифати суханронӣ ва баланд бардоштани самаранокии он мусоидат мекунанд.

Тазаккур додан ба маврид аст, ки санъати суханварӣ воситаи муҳимест, ки метавонад барои ифодаи нутқ бо илҳом, ҷалби эътиқод ва расонидани иттилоот истифода шавад. Доштани ин санъат на танҳо ба муваффақият дар ҳаёти шахсӣ ва иҷтимоӣ мусоидат мекунад, балки ба шумо имкон медиҳад, ки дар ҷомеа шахси боэътимод муррифӣ гардед.

Аксияи «Тоҷикона мепӯшем!»

Дар доираи чорабиниҳо бахшида ба Рӯзи байалмилалии оила, ки ҳамасола 15 майи таҷлил мегардад бо дастгирии Президенти АМИТ - Қобилҷон Хушвахтзода ва ташаббуси Бахши миллии «Хонуми ядрой»-и назди Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии АМИТ дар ҳамкори бо Шурои занони АМИТ аксияи фарҳангӣ таҳти унвони «Тоҷикона мепӯшем» баргузор гардид.

Аксияи мазкур бо иштироки зиёда аз 80 нафар занон-олимон аз ҷумла, аз Агентии амнияти ХБРЯ, Шурои занон ва дигар институтҳои АМИТ дар яке аз мавзеъҳои зебоманзари шаҳри Душанбе – Маҷмааи боғи Истиқлол баргузор гардид. Ҳадафи ин иқдом тарғибу ташвиқи либосу анъанаҳои миллӣ миёни ҷавонон, таҳкими ҳувияти миллӣ ва арҷгузори ба фарҳанги ниёгон мебошад.

Занон-олимон ба аксия бо либосҳои миллӣ аз қабили атласу адрас, чакан ва минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ омаданд, ки баёнгари таъриху тамаддуни гузаштаи халқи хеш мебошад.
Либоси миллии тоҷикӣ, ҷӯзъи муҳими мероси фарҳанги ҷаҳон буда, таърихи бой, анъана ва ҳувияти мардуми тоҷикро инъикос мекунад, ки бо шакл, ранг ва ороишҳои гуногун вобаста ба минтақаҳо фарқ мекунад. Илова бар ин либоси миллӣ наслҳоро ба ҳам мепайвандад.
Тавре мушоҳида мегардад, вақтҳои охир таваҷҷӯҳ ба либоси миллӣ миёни ҷавонон аз нав эҳё шуда, тарроҳон унсурҳои анъанавиро дар либоси муосир ворид намуда, либосҳои нотакрору услубӣ меофаранд, ки на танҳо дар Тоҷикистон, балки берун аз кишвар маъмуланд.

Қобили зикр аст, ки Шурои занони АМИТ ва Бахши миллии «Хонуми ядрой» дар аксияи «Тоҷикона мепӯшем» фаъолона ширкат варзида, онро василаи муҳимтарини тарбия байни ҷавонон

медонад, зеро боварии комил дорад, ки намунаи ибрати ҷавонон ва тадбири муассиртарин дар тарғиби арзишҳои миллӣ, таҳкими ҳувияти миллӣ ва ҳифзи фарҳанг мебошад», - қайд кард Муҳиба Маҳмадҷонова, сарходими илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баховаддинови АМИТ, доктори илмҳои фалсафа, профессор, раиси Шурои занони АМИТ дар мусоҳиба ба шабакаи телевизиони «Тоҷикистон».

Ҳамчунин зимни баргузории аксияи «Тоҷикона мепӯшем» занон-олимони АМИТ таъкид намуданд, ки барои боз ҳам бештар муаррифии анъанаҳои миллӣ, фарҳанги либоспӯшӣ ва ҳифзи арзишҳои миллӣ, ҷалби ҷавонон ба илмомӯзӣ ва пешгирии онҳо аз гурӯҳҳои ифротӣ кӯшиш ба харҷ дода, баҳри ҳифзи Истиқлоли давлатӣ ва Ваҳдати миллӣ саҳм мегузоранд.

Бо ин ташаббус занон-олимони Тоҷикистон беҳтарин намунаҳои либосу заргарии миллии мардуми тоҷикро муаррифӣ намуда, ба фарҳанги нотакрори шарқ арҷ мегузоранд», - қайд кард Мичгона Шарофова, доктори илмҳои тиб, ноиби роҳбари Бахши миллии «Хонуми ядрой» дар мусохиба ба телевизиони «Ҷаҳоннамо».

Ёдовар мешавем, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба оила таваҷҷуҳи зиёд зоҳир гардида, барои устуворий он тадбирҳои зиёд андешида шудаанд. Аз ҷумла, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2015-ро Соли оила эълон намуда, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №801 аз 30 декабри соли 2015, “Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” низ тасдиқ гардид.

“ҶАВОНОН ҚУВВАИ БУЗУРГ, НЕРӮИ СОЗАНДА ВА ОЯНДАИ МИЛЛАТАНД” ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

Тибқи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи рӯзҳои ид” ҳамасола 23 май дар саросари мамлакат Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон бо шукуҳу шаҳомати хос таҷлил мегардад. Бо ин мақсад дар арафаи Рӯзи ҷавонон имрӯз дар шаҳраки академӣ бо иштироки Қобилҷон Хушвахтзода - президенти АМИТ, раёсат ва олимони ҷавони институтҳои АМИТ таҳти унвони “Ҷавонон - пайрави Пешвои миллат” роҳпаймоии осоишта баргузор гардид.

Дар чорабинии мазкур, ки бо иштироки шумораи зиёди ҷавонон доир гардид, кормандони Агентии амнияти химиявӣ,

биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии АМИТ фаъолона ширкат варзида, бо шукургузори аз фазои сулҳу субот ва таваҷҷуҳи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба ин қишри ояндасози миллат бо шиору овезаҳо ва аксҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ин аз ин чорабинӣ истиқбол намуданд.

Дар доираи роҳпаймоии осоишта, ҳамзамон дар саҳни бинои Маркази омӯзишии Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии АМИТ чорабинӣ идома ёфт. Қобилҷон Хушвахтзода - президенти АМИТ зимни сухани ифтитоҳӣ, тамоми олимони ҷавон ва ҳозиринро харамақдам гуфта, иштирокчиёнро ба муносибати Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон табрику муборакбод намуда, аз сиёсати ҷавонпарварона ва дастгириҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба ҷавонон ёдовар шуд. Таъкид гардид, ки дар ҷомеаи муосир нақш ва мақоми ҷавонони фаъол, донишманду ватандӯст бағоят муҳим буда, пешрафти давлат ва имкониятҳои зеҳнии ҷомеаро бидуни онҳо тассавур кардан ғайриимкон аст. “Рисолати шумо низ ҷавонони азиз аз он иборат аст, ки кору пайкори созандаи фарзандони барӯманди миллати тоҷикро, ки имрӯз дар хизмати халқу ватананд шарафмандона идома диҳед”,-иброз дошт Президенти АМИТ.

Дар интиҳои чорабинӣ, бахшида ба Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон як қатор олимони ҷавон ва фаъоли АМИТ бо “Ифтихорнома” ва “Сипосномаҳои” Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши шаҳри Душанбе ва Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон сарфароз гардонида шуданд.

Семинари «Мушкилоти экологии истеҳсоли уран»

23 майи соли равон бо ташаббуси Бахши миллии «Хонуми ядроӣ», ҷиҳати ҳавасмандгардонии ҷавонон ва ҷалби онҳо ба фанҳои дақиқ ва масъалаҳои экологӣ, аз ҷониби ходими пешбари илмии Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии АМИТ, н.и.х. Нодира Ҳакимова дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №20 ба номи А.С. Пушкини ш. Душанбе бо иштироки хонандагони синфҳои 9-и муассисаи мазкур семинар баргузор гардид.

Семинар ба мушкилоти экологии марбут ба партовҳои истеҳсоли уран дар вилояти Суғд, бахусус ш. Истиқлол бахшида шуда, ба хонандагон дар бораи таърихи саноати урани ш. Истиқлол (собиқ Табошар), усулҳои истихроҷи маъдани уран, хатарҳои радиоэкологӣ ба аҳолӣ ва муҳити зист, партовгоҳҳои уран ва тадбирҳои андешидашуда дар ин самт маъруза карда шуд.

Мақсади баргузории семинари мазкур васеъ намудани ҷаҳонбинии хонандагон ва ҷалби онҳо дар соҳаи радиоэкология ва фанҳои дақиқ, мусоидат ба ташаккули дарки амиқи моҳияти мушкилоти экологӣ, муносибати инсон бо табиат, инчунин ҷалби онҳо ба чорабиниҳои мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки намояндагони Бахши миллии «Хонуми ядрої», ки дар назди Агенти амнияти ХБРЯ-и АМИТ фаъолият менамояд, бо баргузории чунин чорабиниҳо дар амали намудани “20-солаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф”, ҷалби ҷавонон ва наврасон ба илмҳои дақиқ ва ба ин васила дар рушди соҳаи маориф дар мамлакат саҳм хешро мегузоранд.

Ба муносибати 30-солагии таъсисёбии Қӯшунҳои сарҳадии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикстон

Хизматчиёни Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон давоми 30-соли фаъолияти худ бо садоқату матонат ва ҷасорату далерӣ дар таъмини якпорчагӣ ва ҳифзи марзу бӯми Ватани ачдодиамон - Тоҷикистони соҳибистиқлол нақши арзишманд гузошта, рисолати худро баҳри пешгирӣ аз таҳдиду хатарҳои замони муосир, аз қабили терроризму экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, қочоқи силоҳ ва дигар ҷиноятҳои фаромиллӣ сарбаландона анҷом доданд.

Маҳз садоқат ва ҳиси баланди Ватандӯстии хизматчиёни Қӯшунҳои сарҳадӣ аст, ки дар шароити ниҳоят мураккаби вазъи минтақа ва ҷаҳон, шиддат гирифтани гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистӣ, ки сохти Конституционӣ ва оромии давлатҳоро халалдор сохтан мехоҳанд, ҳифзи сарҳади давлатӣ таъмин гардида, ин рисолати худро содиқона анҷом медиҳанд.

Тавре Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои мусаллаҳи мамлакат- Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар парди ҳарбӣ ба муносибати 30-юмин солгарди таъсисиёбии Қӯшунҳои сарҳадӣ баён доштанд:*“Ҳифзу ҳимояи сарҳади давлатӣ, тамомияти арзӣ ва соҳибихтиёрии давлат ба зиммаи Қӯшунҳои сарҳадӣ ҳамчун ҷузъи муҳимми Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистони соҳибистиқлол гузошта шудааст. Бо ифтихору қаноатмандӣ иброз медорам, ки хизматчиёни ҳарбии Қӯшунҳои сарҳадӣ ин масъулияти бузурги шаҳрвандӣ ва рисолату қарзи муқаддаси фарзандии худро аз оғози таъсисёбии ин сохтори низомӣ то имрӯз бошарафона анҷом дода истодаанд”.*

Бо дахли ин мавзуъ Пешвои миллат изҳор доштанд, ки *“Қӯшунҳои сарҳадии мо дар таърихи начандон тӯлонии мавҷудияти худ бо дастгирии Ҳукумати мамлакат ба яке аз сохторҳои неруманду муназзами Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар мубаддал гардида, ҳоло бо асосҳои мустаҳками моддиву техникӣ, шароити муосир ва муҳимтар аз ҳама, ҳайати фармондеҳӣ ва мутахассисони баландихтисоси низомӣ таъмин мебошанд”.*
Бояд гуфт, ки эҳсоси гарми ватандӯстиву ватанпарастӣ ва дӯст доштани ҳар вачаб хоки Ватан аз ҷумлаи арзишҳои муқаддас ва суннатҳои бостонии миллати тоҷик

мебошанд ва тамоми фарзандони қаҳрамони халқамон, ки мо имрӯз ному корномаи онҳоро бо ифтихор ба ёд меоварем, маҳз фидокорони роҳи ҳимояи марзу буми Ватан ва обу хоки сарзамини аҷдодӣ буданд.

Дар робита ба ин мавриди зикри хос аст, ки Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии АМИТ ҳамчун мақоми танзимгари давлатӣ дар соҳаи бехатарии радиатсионӣ ва ядроӣ баҳри ҳифзи марзу бум, истиқлоли давлатӣ ва Ваҳдати миллӣ аз хатарҳо ба монади терроризму экстремизм ва қочоқи маводҳои ядроӣ ва радиоактивӣ таввасути нуқтаи гузаргоҳҳои сарҳадӣ, фурудгоҳҳо ва дигар объектҳо дар ҳамкорӣ бо Қӯшунҳои сарҳадии ҚДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъмини таҷҳизот ба онҳо саҳми худро мегузорад.

Дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, № 54 аз 9 феврали соли 2016 дар бораи “Нақшаи миллии амали Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои қатъномаи 1540 Шӯрои амнияти Созмони Миллали Муттаҳид” дар соли сипаришуда як қатор чорабиниҳо, аз ҷумлаи интиқоли либос, зиреҳи тан, таҷҳизот барои гузаронидани амалиёт дар шароитҳои кӯҳӣ, шаклҳои махсуси муҳофизатӣ барои безараргардонӣ аз минаҳо, дастгоҳҳои биниши шабона, дурбинҳо, моноклҳо, дастгоҳҳои мухобиравӣ (радиоалоқавӣ), мошинҳои махсуси ҳарбӣ, воситаҳои нақлиёту автобусҳое, ки бо таҷҳизоти ҳассос барои муайян кардани ҳаракати ғайриқонунии маводи ядроӣ ва радиоактивӣ зарур аст, дар ҳамкорӣ бо Қӯшунҳои сарҳадии ҚДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуд.

Бо истифода аз фурсат роҳбарияти Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ тамоми хизматчиёни Қӯшунҳои сарҳадӣ ва дар симои онҳо ба хонадони онҳо 30-юмин солгарди таъсисиёбии ин ниҳоди муқаддасро табрик ва таҳнияти гуфта, бароятон сарбаландӣ ва далерию шуҷоат баҳри ҳифзи сарҳадӣ давлатӣ таманно менамояд.

Қадрдонии корманди Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ бо Сипоснома

Ҷавонон дар сиёсати ҷавонпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷойгоҳи махсус мегиранд. Ҳамин аст, ки бо таваҷҷуҳ ба ин масъала Сарвари давлат дар ҳама мулоқоту баромадҳояшон доир ба нақши ҷавонон, дастгириву ғамхорӣ нисбат ба онҳо, муҳайё намудани шароити зарурӣ, таъмини ҷавонон бо ҷои кори доимӣ, инчунин ба таҳсил фаро гирифтани онҳо ва нақши ҷавонон дар рушду пешрафти мамлакат изҳори назар менамоянд.

Ҷавонон дар пайрави ба сиёсати созанда ва бунёдкоронаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дар ҷавоб ба ғамхорӣ ва таъмини шароити зарурӣ баҳри пешрафти давлат ва тақдири хеш бе таваҷҷуҳ нестанд. Онҳо дар тамоми бахшҳои ҳаёти имрӯза ва соҳаҳои гуногун ҷомеа фаъолияти пурсама доранд.

Дар баробари дигар ҷавонони фаъоли кишвар кормандони Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, ки бештари онҳоро ҷавонон ташкил медиҳанд, бо бадаст овардани натиҷаҳои назарраси илмӣ - таҳқиқотӣ, ҳифзи Истиқлоли давлатӣ, ҷалби ҷавонон ба илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, ҳамзамон амали намудани стратегияву баромаҳои давлатӣ саҳми хешро мегузоранд.

Соҷидхон Баҳронов аз ҷумлаи ҷавонони фаъоли Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ ва аъзои ҲХДТ мебошад, ки бо талошу заҳматҳои шабонарӯзӣ дар пайи таҳқиқу омӯзиш қарор дорад. Заҳматҳо ва

натиҷаҳои назарраси фаъолияти ӯ аз тарафи Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба инобат гирифта шуда, барои саҳми арзанда гузоштан дар баргузории чорабиниҳои иттилоотиву маърифатӣ ва талоши созандагиву бунёдкорӣ дар ҳифзи Истиқлоли давлатӣ, бахшида ба Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон бо Сипоснома сарфароз гардонида шуд.

Натиҷагирӣ аз фаъолияти ташкилоти ибтидоии “Афканишот” – КИИ “Хирадмандон” – и ҲХДТ

18 июни соли равон дар толори Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академия миллии илмҳои Тоҷикистон бо иштироки муовини КИИ “Хирадмандон” ҲХДТ дар АМИТ - Қурбонова Ширин, директори Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ - Илҳом Мирсаидзода ва кормандони ин ниҳод маҷлиси васеъ баргузор гардид.

Дар чорабинӣ оид ба 2 масъала: натиҷагири аз фаъолияти ташкилоти ибтидоии “Афканишот” – КИИ “Хирадмандон” -и ҲХДТ дар нимсолаи якуми соли 2024 ва интихоби раиси ташкилоти ибтидоии “Афканишот” – КИИ “Хирадмандон” -и ҲХДТ дар назди Агентӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда шуд.

Оид ба масъалаи якум, яъне фаъолияти ташкилоти ибтидоии “Афканишот” – КИИ “Хирадмандон” дар давраи сипаришуда, муовини КИИ “Хирадмандон” ҲХДТ дар АМИТ - Қурбонова Ширин баромад намуда, фаъолияти онро самарабахш арзёби намуд.

Таъкид гардид, ки мо ҳизбиён зери сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳри рушду пешрафт ва зиндагии шоистаи мардум пайваста идеяҳои наву созандаро рӯи кор оварда, дар амалисозии ҳадафҳои оинномавӣ ва барномавии ҲХДТ ба дастовардҳои бузурги меҳнатӣ ноил гардида истодаем.

Тазаккур дода шуд, ки самти асосии кори ҳар як ҳизби сиёсиро фаъолияти идеологӣ ва мафкурасозӣ ташкил медиҳад ва рисолати ҳизби сиёсӣ низ дар он ифода мегардад, ки то кадом андоза мардумро дар роҳи созандагиву бунёдкорӣ ва пешрафту шукуфоӣ раҳнамо месозад.

Оид ба масъалаи дуюм, дар мавриди интихоби раис бошад бо ҷонибдории ҳамаи аъзоёни ташкилоти ибтидоии “Афканишот” – КИИ “Хирадмандон” Илҳом Мирсаидзода - директори Агентӣ раиси ташкилоти ибтидоии “Афканишот” – КИИ “Хирадмандон” интихоб гардид.

Дар идомаи чорабинӣ иштирокдорон доир ба Ваҳдати миллӣ ҳамчун падидаи беназири сиёсию ҷамъиятӣ, ки дар низоми рушди муносибатҳои миллӣ нақши калидӣ дорад, ибрози назар карда, ин падидаи фараҳбахши даврони соҳибистиқлолиро на танҳо асоси пойдории давлат, балки асоси мавҷудияти миллати тоҷик ҳамчун мардуми соҳибдавлат арзёбӣ намуданд.

БАЛАНД БАРДОШТАНИ МАҚОМИ ИЛМ-ҲАДАФИ АСОСИИ РОҲБАРИЯТИ ОЛИИ КИШВАР

Дар партави суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо аҳли илм ва маорифи кишвар, 30.05.2024)

Ҳадафи вохӯрии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо аҳли илм ва маорифи кишвар баррасии натиҷаҳои мулоқоти қаблӣ бо аҳли зиё, ҳолати кунунии рушди илм ва дурнамои он, масъалаҳои баланд бардоштани сатҳи омӯзиши илмҳои табиӣ ва риёзӣ, дастгирии ташаббусҳо дар самти ихтироъкорӣ, сифат ва самаранокии тарбияи кадрҳои илмӣ дар кишвар мебошд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ натиҷаҳои кори олимонро тайи солҳои соҳибистиқлолӣ таҳлили амиқ намуда, барои дарёфти роҳҳои ба талаботи замон ҷавобгӯ сохтани илми ватанӣ ва хизмат кардани он дар роҳи рушду пешрафти давлат дар назди Ҳукумати кишвар ва сохторҳои марбута вазифаҳои мушаххас гузоштанд.
Ҳамзамон дар мулоқоти мазкур қайд карда шуд, ки роҳбарияти давлату Ҳукумати кишвар ба масалаи маориф ва илм таваҷҷуҳи аввалиндараҷа дода, дар давоми беш аз 30 соли соҳибистиқлолӣ зиёда аз 3900 муассисаи таҳсилоти умумӣ, аз ҷумла муассисаҳои типи нав , яъне гимназия, литсею коллеҷ ва инчунин донишгоҳу донишкада бунёд карданд, ки ин раванд таъсири худро дар рушди илму маърифат дар кишвар расонид ва хонандагони ин муассисаҳо дар олимпиадаҳои ҷумҳурияви ва байналмилали ҷойҳои намоёнро ишғол намуданашон боиси ифтихор ва сарфарозии миллат аст.

Айни замон, дар кишвар 5900 нафар кадрҳои дорои дараҷа ва унвони илмӣ фаъолият менамоянд, ки 886 нафар ё 15,5% -и онҳо доктори илм (аз ин 146 нафар ё 16% занон), 4800 нафар номзади илм ва 158 нафар доктор аз рӯйи ихтисос мебошанд. Ҳоло дар муассисаҳои таҳсилоти оли кишвар беш аз 12000 омӯзгор фаъолият менамоянд қайд карданд Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон. Зиёда аз 5500 нафар, яъне 45%-и онҳо дорои дараҷаи илмӣ мебошанд.
Мо ҷавонон бояд илму дониш омӯзем, забонҳои хориҷиро аз худ кунем, шогирд тарбия намоем, наврасону ҷавононамонро соҳибмаърифат ва соҳибкасбу соҳибҳунар гардонем, ки онҳо дар оянда муҳтоҷи дигарон нашаванд. Имрӯз замоне расидааст, ки мо бояд беш аз ҳар вақти дигар зираку ҳушёр бошем, давлатдории миллии худ ва манфиатҳои давлату миллатамонро ҳимоя намоем, амнияти давлат ва ҷомеа, сулҳу субот ва ваҳдати миллиро ҳамчун пояи устувори давлати озоду соҳибихтиёрамон эҳтиёт ва ҳифз кунем.- дастур доданд Пешвои миллат.
Бардошт аз мулоқоти Президент бо зиёиён барои ҳар омӯзгор, муҳаққиқ, дурнамои фаъолияти омӯзгори ва пажӯҳишро муайян намуда, барои иҷрои касби пуршарафу пурмасъулият ҳидоят менамояд.

***Комрон Бобоев**- ходими илми шуъбаи илми тадқиқоти ва хизматрасонии техникии*
Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ

ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ ВА РУШДИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ

33-сол муқаддам, яъне дар таърихи 9-уми сентябри соли 1991 Ҷумҳурии Тоҷикистон Истиқлолияти давлатии худро ба даст овард. Имрӯз, ягон давлати миллиро бе доштани Истиқлолият тасаввур кардан

ғайриимкон аст. Истиқлолият барои мо имкони фароҳам овард, ки роҳи имрӯзу ояндаи миллат ва пешрафти минбаъдаи кишвари азизамонро ба суи ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва соҳибихтиёр таъмин намоем. Истиқлолият барои мо рамзи олии Ватану ватандорӣ, бузургтарин дастоварди давлатсозию давлатдории миллӣ, азму иродаи қави ва барои расидан ба дастовардҳои бузурги сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ шароит фароҳам оварда, меъёрҳои ҷомеаи демократӣ ва шаҳрвандиро таҳким бахшид.

“Хотирнишон месозам, ки роҳи дар муддати беш аз се даҳсола тайкардаи мо пур аз шебу фарозҳо буда, мардуми шарифи Тоҷикистон тавонистанд истиқлоли давлатии худро аз фитнаву дасисаи бадхоҳони дохиливу хориҷии миллати тоҷик ва давлати тоҷикон содиқона ҳифз намоянд, ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ хотима бахшида, сулҳу субот ва ваҳдати миллиро дар кишвар барқарор созанд”, - ин матлабро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни Паёми шодбошӣ ба муносибати 32-солагии Истиқлоли давлатӣ баён доштанд ва илова намуданд, ки “Тоҷикон ҳамчун миллати куҳанбунёд тавонистанд, ки монеаву мушкилоти эҷодкардаи душманони худро бо азми қавӣ ва иттиҳоду сарҷамъӣ бартараф карда, дар рӯзҳои хеле душвору сарнавиштсоз зери парчами истиқлолу озодӣ муттаҳид гардида, давлати хешро ба рӯзҳои осудаву обод расонанд”. Истиқлолият барои халқи шарафманди тоҷик нишони барҷастаи пойдории давлат, бақои миллат, рамзи асолату ҳувият ва шарафу эътибори он дар ҷаҳони мутамаддин мебошад. Дар ин радиф ҳодисаҳои солҳои навадуми асри гузашта ва вазъи муракабу ташвишовари минаҡа ва ҷаҳон моро водор месозад, ки оид ба масъалаи таъмини амнияти миллӣ, ҳифзи Ваҳдати миллӣ ва якпорчагии Ватани азизамон - Тоҷикистони соҳибистиқлол ва ҳифзи дастовардҳои он андеша намоем.

Аз ин рӯ, таъкидҳои пайдарпайи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон моро водор месозанд, ки дар ҳифзу нигоҳдошт ва таъмини Истиқлолу озодӣ дар кишвари худ камари ҳиммат бандем. Тавре, мушоҳида мегардад, дар даҳсолаи охир пешрафти босуръати илму техналогия ва раванди ҷаҳонишавӣ инсониятро ба муҳити комилан нав ворид намуда, боиси ташаккул ёфтани низоми фарогири равобити сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ ва иттилоотиву маънавӣ гардидааст. Дар чунин шароит, амиқ дарк намудани мақсад ва ҳадафҳои худ, таҳкими дастовардҳои таърихӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллии Ватани азизамон дар арсаи байналмилалӣ амри саривақтист. Ҳамин тариқ ҷои тазаккур аст, ки халқи тоҷик бо шарофати Истиқлолият ва Ваҳдати миллӣ таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба дастовардҳои назарраси сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ ноил гардида, имрӯз дар арсаи байналмилалӣ соҳибмақом ва дорои нуфуз баланд мебошад.
Имруз, Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ чун кишвари ташаббускор дар ҳалли масоили глобалӣ ва таъсиргузор дар танзими равандҳои сиёсии минтаҡа ва ҷаҳон мешиносанд. Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳон қадамҳои устувор гузошта, бо пешбурди сиёсати мантиқӣ ва пешниҳодҳои созандааш мавқеи худро мусаҳкам бахшид ва дар

оянда низ бо қадамҳои устувортар дар паҳнои олам нақшофарӣ хоҳад кард. Ҳамин тариқ маром ва мақсади ҳар як фарди ҷомеа бояд таҳкими ваҳдати миллӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ, масъалаи рушди ҷомеа, ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ, тарзи ҳаёти солим ва тарбияи насли наврас дар руҳияи инсондӯстӣ бояд бошад.

***Олимҷон АЗИЗОВ**- мудири шуъбаи муносибатҳои байналмилалӣ ва робита бо ҷомеаи Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ, номзади илмҳои техникӣ*

***Заробудин ШИРИНОВ**- мутахассиси шуъбаи муносибатҳои байналмилалӣ ва робита бо ҷомеаи Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ*

Либоси миллӣ ин нишони арҷгузорӣ ва эҳтиром доштан ба таъриху фарҳанг ва тамаддуни гузаштаи хеш мебошад

Дар тамоми давру замон либоси миллӣ ин нишони арҷгузорӣ ва эҳтиром доштан ба таъриху фарҳанг ва тамаддуни гузаштаи хеш мебошад. Давлатҳое ҳастанд, ки либосашон ягон нишонаи фарққунандаи миллӣ надорад. Мояи ифтихор ва сарбаландии мо, тоҷикон аст, ки дорои таърихи чандинҳазорсола, нақшу нигори миллӣ ва тахаюли созандаю рангинамон дар либоси миллиамон инъикос ёфтааст. Дар ин раванд дарк ва омӯзиши фазилат ва ҳикмате, ки либоси миллии ҳар як халқу миллат дар худ таҷассум менамояд, василаи муҳими нигоҳдошти он ба ҳисоб меравад. Ҳар фарде, ки ба дараҷаи худшиносӣ расидааст, дарк мекунад, ки нигоҳ дошта тавонистани арзишҳои миллӣ ҳам қарз асту ҳам нанг.

Тавре шоҳид ҳастем, бо мақсади арҷ гузоштан ба фарҳанги миллӣ, тарғиби либоси миллӣ ва муосиргардонии он бо ибтикори Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун мақоми ваколатдор тӯли шаш сол мешавад, ки иқдоми ҷумҳуриявии тарғиботӣ — ташвиқотии «Тоҷикона мепӯшем» гузаронида мешавад. Иқдоми мазкур имрӯзҳо дар саросари мамлакат бо баргузории чорабиниҳои гуногун, ки инъикоскунандаи либоси миллиамон мебшад, идома дорад.

Гуфта мешавад, ки мақсад аз баргузор намудани иқдоми мазкур ин арҷ гузоштан ба фарҳанг ва либоси миллӣ, тарбия намудани ҳисси зебопарастӣ дар ниҳоди ҷавондухтарон, баланд бардоштани шавқу ҳаваси онҳо ба либоси миллӣ, ҳамчунин пешгирӣ намудан аз фарҳанги бегона арзёбӣ мегардад.

Яке аз ҳадафҳои дигари баргузор намудани иқдоми ҷумҳуриявии «Тоҷикона мепӯшем» ин ҷалб намудани тарроҳону чеварон ба муосиргардонии либоси миллӣ мебошад. Имрӯз, ки ҳифз ва нигоҳдошти либосӣ миллӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад, ба воситаи ин гуна чорабиниҳои дохиливу байналмилалӣ мо метавонем либоси миллиамонро муаррифӣ намоем. Мушоҳидаҳо дар рафти баргузории ин гуна чорабиниҳо нишон медиҳад, ки аксари тарроҳон ва чеварон аллакай дарк намудаанд, ки дар замони имрӯз либосҳои миллиро бо кадом тарҳ бояд

пешниҳод кард. Онҳо либосҳоеро пешниҳоди омма мегардонанд, ки воқеан ҳам бо тарҳи муосир ва ҷавобгӯ ба хусусиятҳои хоси либоси миллии мардуми тоҷик аст.

Ёдовар мешавем, ки бо мақсади амалӣ намудани дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар асоси нақша — чорабиниҳои тасдиқгардида инчунин баргузор намудани иқдоми ҷумҳуриявии тарғиботӣ ташвиқотии «Тоҷикона мепӯшем», «Зан маҳзари покизагӣ» усули «Деҳа ба деҳа», «Маҳал ба маҳал» ва «Хона ба хона» ҷараён дорад. Дар доираи ин чорабиниҳо ба сокинон вазъи ҷомеаи ҷаҳонӣ, маданияти шаҳрнишинӣ, тозаву озода нигоҳ доштани маҳалли зист, дар як соати муайян партофтани партовҳо, сарфаю сариштакорона истифодаи қувваи барқ, ба роҳи дуруст монанди тарбияи фарзандон, иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», пешгирии зуроварӣ дар оила, падидаҳои номатлуб дар байни ҷавонон, аз қабили ҷиноятҳорӣ, шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои экстремистӣ, тарбияи ҷавонон дар руҳияи ватандӯстӣ ва сафарбар намудани фарзандон ба хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои фаҳмондадиҳӣ ҷараён доранд.

Дар доираи чорабиниҳо мазкур чанде пеш бо дастгирии Президенти АМИТ-Қобилҷон Хушвахтзода, Бахши миллии «Хонуми ядрой»-и назди Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии АМИТ дар ҳамкори бо Шурои занони АМИТ аксияи фарҳангӣ таҳти унвони «Тоҷикона мепӯшем» баргузор гардид. Аксияи мазкур бо иштироки зиёда аз 80 нафар занон-олимон аз ҷумла, аз Агентии амнияти ХБРЯ, Шурои занон ва дигар институтҳои АМИТ дар яке аз мавзеъҳои зебоманзари шаҳри Душанбе – Маҷмааи боғи Истиқлол баргузор гардид.

Дар охир ҳаминро бояд тазаккур дод, ки баргузор намудани чунин чорабиниҳо, вобаста ба арҷ гузоштан ба муқаддасотӣ миллӣ, ҳифз ва риоя намудани арзишҳои ниёгон, пешгирӣ намудани хурофот ва бегонапарастие, ки солҳои охир байни бархе аз занон роиҷ гардидааст, василаи хубе дар самти бедор намудани завқи

занону бонувон, тарбия намудани насли наврас дар руҳияи худшиносиву ходогоҳӣ, ҳифзу нигоҳдошти арзишҳои миллӣ, ба хусус истиқлоли давлатӣ ва сякпорчагии меҳан нақши бузург мебозад.

Сайфиева Зарина –
бахши хонуми ядрой

Рушди илму маориф дар даврони соҳибистиқлолӣ

Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дигаргуниҳои ҷиддиеро ба вуҷуд овард, ки ба тамоми ҷабҳаҳои ҳаёт, аз ҷумла ба илму маориф дахл доранд. Пас аз ба даст овардани соҳибихтиёрӣ, мамлакати мо ин соҳаҳои муҳимро фаъолона тараққӣ дода, дарк намуд, ки гул-гулшукуфоии ояндаи давлату миллат маҳз аз илму маориф вобастагӣ дорад.

Дар давоми 33 соли истиқлоли давлатӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон худро дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун ҷумҳурии демократӣ, мустақил, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ муаррафӣ намуда, бо аксар кишварҳои дунё ва созмонҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ муносибатҳои дипломатӣ ва ҳамкорӣ барқарор намудааст. Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои як қатор созмонҳои бонуфузи минтақавӣ ва фаромминтақавӣ ба монанди СММ, САҲА, Созмони Конфронси исломӣ, ЭКО, Созмони Паймони Амнияти Дастаҷамъӣ, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони Ҳамкориҳои Шанхай ва ғ. мебошад.

Падидаи муҳими дигар дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин қабул гардидани пешниҳодҳо дар сатҳи байналмилалӣ мебошад. Ин пешниҳодҳо бо сарварии Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва дарки баробариву ҳамкории судманд дар сатҳи байналмилалӣ манзур гардиданд. Махсусан, дар соҳаи об аз ҷониби Сарвари давлат ин ташаббусҳо – Соли байналмилалии оби тоза (соли 2003), Даҳсолаи амалиёти байналмилалии «Об барои ҳаёт» (солҳои 2005-2015), Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об (2013) ва Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», солҳои 2018-2028 пешниҳод гардиданд, ки Созмони Милали Муттаҳид онҳоро дастгирӣ ва доир ба онҳо қатъномаҳо қабул намуд. Бояд зикр кард, ки ташаббуси Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», солҳои 2018-2028 22 марти соли 2018 оғоз гардида буд. Ба ин муносибат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Иҷлосияи 72-юми СММ суханронӣ намуда, таъкид карданд, ки масъалаи об ва таъмини он яке аз масъалаҳои муҳими инсоният ба шумор рафта, фаъолияти дастҷамъона ва муносибати ҷиддиро тақозо менамояд. Илова бар ин соли 2025 эълон гардидани “Соли ҳифзи пиряхҳо” яке аз таббусҳои дигари ҷаҳони Пешвои миллат дар ин самт мебошад.

Даҳсолаи аввали истиқлолият давраи оғози лоиҳаҳои бузург оид ба навсозии инфрасохтори илмӣ буд. Институтҳои нави илмӣ-таҳқиқотӣ барпо карда, бо техника ва технологияӣ ҳозиразамон таъмин гардиданд. Ба масъалаи муҳайё кардани шароити кор барои олимони ҷавони умедбахш диққати махсус дода шуд. Ҳазорон нафар донишҷӯён барои идомаи таҳсил дар хориҷи кишвар грантҳои давлатӣ дарёфт карда, ба онҳо имкон дода шуд, ки таҷрибаи пешқадами ҷаҳониро аз худ кунанд ва ба ватан баргарданд ва онро ба манфиати Тоҷикистон татбиқ намоянд.

Маориф ва илм ба тараккиёт кишвар такони бузург бахшид. Ҳукумати мамлакат муҳимияти сармоягузорӣ ба насли наврасро дарк карда, ба ислоҳоти фаъол дар соҳаи маориф шурӯъ кард. Мактабҳо, донишгоҳҳо ва марказҳои нави илмӣ кушода шуданд, ки ҳазорон ҷавонон имкони таҳсили гирифтани таҳсили ва минбаъд дар пешрафти миллат саҳм гузоранд. Таҳқиқоти илмие, ки аз ҷониби Ҳукумати мамлакат дастгирӣ мешавад, боиси навоварӣ дар соҳаҳои гуногуни саноат гардида, ба таҳкими рақобатпазирии ҷумҳурӣ дар арсаи ҷаҳонӣ мусоидат намуд.

Дар системаи маориф ислоҳоти куллӣ ба амал омад. Барномаҳои таълимӣ нав карда шуда, ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ карда шудаанд. Дар ҷумҳурӣ якчанд донишкадаҳои нав пайдо шуданд, ки онҳо на танҳо дар миқёси кишвар, балки дар миқёси байналхалкӣ хам шуҳрат пайдо карданд. Ин муассисаҳои таълимӣ ба минбари таҳқиқотӣ инноватсионӣ ва конструкторӣ табдил ёфтаанд, ки ммлакати мо бо натичаҳои онҳо фахр карда метавонад.

Маблағгузорӣ ва ҳавасмандсозиҳои дигари давлатӣ барои соҳаи илм яке аз масъалаҳои асосӣ буда, Ҳукумати мамлакат ба он таваҷҷуҳи ҳамешагӣ зоҳир менамояд ва онро бо дарназардошти имкониятҳои буҷет сол ба сол зиёд карда истодааст. Агар маоши миёнаи кормандони Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар соли 2003-ум ҳамагӣ 45 сомонӣ буд, пас он дар соли 2023 ба 2438 сомонӣ расонида шуд, яъне қариб 54 баробар афзоиш дода шуд. Аз моҳи июли соли 2024 бошад, дар баробари дигар соҳаҳо маоши кормандони илм боз 40 фоизи дигар зиёд карда шуд, ки ин дастоварди бузурги истиқлоли давлатӣ мебошад.

Комёбиҳои миллӣ дар соҳаи илм дар арсаи байналмиллалӣ махсусан намоён гардиданд. Имруз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мубодилаи илмии умумиҷаҳонӣ фаъолона иштирок карда, бо донишгоҳҳо ва марказҳои илмии пешқадами чаҳон ҳамкорӣ мекунад. Ба шарофати чунин талошҳо дар кишвар лоиҳаҳои ояндадори марбут ба нанотехнология, биоинженерия, технологияҳои иттилоотӣ ва дигар соҳаҳои пешрафта ба вуҷуд омаданд.

Барномаҳои дастгирии олимони ҷавон ва стартегияҳои гуногун сазовори таҳсин мебошанд. Ҳукумати мамлакат барои таҳияи лоиҳаҳои инноватсионӣ грантҳо ва субсидияҳо медиҳад ва ташкили ширкатҳои наверо, ки дар соҳаи технологияҳои баланд кор мекунанд, ҳавасманд мекунад. Ин имкон дод, ки барои стартапҳо экосистемаи мусоид фароҳам оварда шавад, ки он дар навбати худ муҳаррики пешрафти минбаъдаи илмию техникӣ гардид. Бар замми ин, дар соли 2024 Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф, ҷоизаҳои давлатии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, ба номи Абӯалӣ ибни Сино дар соҳаҳои илм ва техника, Ҷоизаи давлатӣ барои олимону омӯзгорони фанҳои табиӣ ва риёзӣ, ҷоизаҳои давлатии ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ва Исмоили Сомонӣ барои олимони ҷавон низ таъсис дода шудаанд.

Дар соҳаи маориф ва мактаб ҳам муваффақиятҳои беназир ба даст оварда шуданд. Стандартҳои нави таълим ҷорӣ карда шуданд, ки ба рушди тафаккури интиқодӣ ва малакаҳои таҳлили мураккаб таъкид мекунанд. Таҳсилоти мактабӣ бештар ба амалия нигаронида шуда, ба омодасозии хонандагон ба ҳаёти воқеӣ ва фаъолияти касбӣ диққати махсус дода мешавад.

Саҳми истиқлолиятро дар эҳёи фарҳангӣ қайд кардан муҳим аст: дар муассисаҳои таълимӣ барномаҳои омӯзиши таърих, забон ва анъанаҳои миллӣ фаъолона ҷорӣ карда мешаванд, ки ба ҳифз ва рушди мероси фарҳангии ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунанд. Хулоса ҳаминро метавон таъкид намуд,

ки дар умум Истиқлолияти давлатӣ уфуқҳои нав кушод ва ба кулли сокинони кишвар имкон дод, ки аз иқтидори мавҷуда самаранок истифода бурда, бо боварии қатъӣ ба нерӯву имкониятҳоямон ба оянда қадамҳои устувор гузорем.

Ҳакимҷон Тиллобоев– *ходими калони илмии*
Филиали Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар в.Суғд

ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ – ПАДИДАҲОИ НОМАТЛУБ ДАР ҶОМЕАИ МУОСИР

«Мо терроризмро дар ҳама шаклҳои зуҳураш маҳкум менамоем ва зарур мешуморем, ки тамоми қувваҳои солими ҷаҳонро баҳри барҳам додани ин хатар дар сатҳи ҷаҳонӣ, минтақавӣ ва дараҷаи миллӣ сафарбар намоем». Эмомалӣ Раҳмон.

Яке аз зуҳуроте, ки дар ҷаҳони муосир ба мушкилоти рӯзмарра табдил ёфтааст ва ба сулҳу суботи ҷомеа хатари ҷиддӣ эҷод мекунад, ин терроризм ва экстремизм ба ҳисоб меравад.

Ҳануз, 16 ноябри соли 1999 аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди Терроризм» имзо гардид. Мақсади асосии ин қонун аз он иборат аст, ки тадбиқ ва пурзӯрнамоии сиёсати давлатӣ ва уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи мубориза бар зидди терроризм ва ҳуқуқу муносибатҳо вобаста ба мубориза бар зидди терроризм танзим карда шавад.

Дар айни замон фаъолияти созмонҳо, гурӯҳҳои террористӣ васеъ шуда истодааст, ки ин хатари ҷидди рӯзмарра мебошад. Чуноне, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон дар яке аз суханронии хеш қайд намуда буданд: «Терроризм ва эксремизм, аз як ҷониб чун вабои аср хатари глобалии ҷиддӣ буда, аз ҷониби дигар, аъмоли онҳо гувоҳ аст, ки як таҳдиде ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҷони ҳар як сокини сайёра ҳаст». Таҳқиқи падидаи экстремизм ва махсусан терроризм бисёр мушкил аст, вале маълум аст,ки терроризм ва экстремизм ин як зуҳӯроти манфии умумӣ, моҷароҷӯй, зуроварӣ ва хушунат аст. Маъмулан террор ва иҷрокунандагони амали террористӣ эътироф мекунанд, ки террор ин зуроварӣ (ба фикри онҳо зуровари ин ба даст овардани ҳақу ҳуқуқ) аст.

Тибқи таҳлилҳои коршиносон, гурӯҳҳои террористӣ бар он ақидаанд, ки ҳақиқатро талабгоранд, вале ин фикри онҳо ғалат аст. Ҳақиқат бо роҳи қатлу куштор, ғорату зуроварӣ талаб карда намешавад, балки ҳақиқат бо роҳи сулҳу субот бояд талаб карда шавад.
Мафҳуми экстремизм аз лотинии «extremus» гирифта шуда, маънои аслиаш ифротгарой, тундравӣ, аз ҳад гузаштан ва фикру андешаҳои тундравона доштан аст. Терроризм аз калимаи лотинӣ «terror» гирифта шуда, маъноях тарс ва ваҳму даҳшатафкнӣ мебошад.
Таърих гувоҳ аст, ки инҳо падидаҳои нави раванди сиёсӣ набуда, ҳамчун шаклҳои муборизаи сиёсӣ дар таърихи инсоният дар намудҳои гуноун ҳама вақт вуҷуд дошт. Имрӯзҳо терроризм проблемаи аз ҳама таҳдидовари байналмиллалӣ мебошад, ки ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш оварда аст. Рӯз то руз ташкилотҳои террористию экстремисти бо ҳар роҳу

восита амнияти марудми баъзе аз кишварҳоро зери хатар қарор медиҳанд. Ин зуҳуроти номатлуб боиси ноамнӣ, таҳдид ба ҳаёти инсоният, расонидани зарар, тағйири сохти Конституцсиони ғасби ҳокимиятҳо ва дар байни мардум барангехтани кинаю адоват, амали намудани ҳадафҳои зишти нопоки худ мебошад.
Ҳамагон шоҳиди онанд, ки ин гурӯҳҳои номатлуб даст ба чи ҷиноятҳои ваҳшиёна мезананд барои онҳо инсон, зиндагии осудаю ором, падар модар ва аз ҳама муҳим Ватан ҳеҷ арзише надорад. Борҳо Ассогузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин зуҳуроти номатлубро хатари байналмиллали эълон намуда, ин фаъолияти ба инсон зарароварро маҳкум карда зикр намудаанд, ки терроризм амнияти ҷомеаҳоро халалдор кардааст. Бар асари даҳшатафканиҳои ин гурӯҳҳои террористӣ дар солҳои охир ҳазорон нафар занону кӯдакони ноболиғ, ҷавонон ва пиронсолон ваҳшиёна ба қатл расонида шудаву даҳҳо ҳазор тани дигар бехонаву ҷой монда, фирорӣ гардидаанд.

Бо назардошти гуфтаҳои дар боло зикргардида, ҳаминро таъкид менмоям, ки дар шароити кунунӣ ва авзои печидаи минтақа ва ҷаҳон ҳифзи истиқлолу озодӣ, ваҳдати миллӣ ва якпорчагии мейҳан барои ҳар фарди худогоҳ ва бо нангу номус аз ҳама арзишҳо боло буда, ҳамчун унсури таъмини амният, карзи имонӣ ва виҷдонӣ ба ҳисоб меравад. Дар охир ҳаминро бояд тазаккур дод, ки чун дар арафаи ҷашни умумимиллӣ – яъне ҷашни Истиқлоли давлатӣ қарор дорем, бо ба даст овардани ин неъмати бебаҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як қатор дастовардҳои бузургу назаррас ноил гаштааст, ки арзишмандтарини онҳо Ваҳдати миллӣ ва сулҳу суботи комил маҳсуб меёбад.

Мо миллати тоҷик нисбат ба тақдири имрӯзу фардои давлати тозаистиқлол бояд бетараф набошем, дар атрофи сиёсати хирадмандонаи Роҳбари давлат муттаҳид шуда, ватанамонро обод созем ва баҳри ояндаи неки худ ва фарзандонамон аз имрӯз замина гузорем.

Комрон Бобоев – *ходими илмии шуъбаи илмӣ –таҳқиқотӣ, таълиму омӯзиш ва хизматрасониҳои техникии Агенти амнияти ХБРЯ-и АМИТ*

“Ҳифзи муҳити зист аз партовҳои маъдан”- таҳти ин унвон дар Маркази таълимии Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ, маҳфили илмӣ-амалӣ баргузор гардид

8 августи соли равон дар Маркази таълимии Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии АМИТ бо иштироки васеъи ходимони илм аз Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ ва кормандони озмоишгоҳи коркарди комплексии маъдан ва партовҳои Институти химияи ба номи В. И. Никитини АМИТ таҳти унвони “Ҳифзи муҳити зист аз партовҳои маъдан”, маҳфили илмӣ - амалӣ баргузор гардид.

Маҳфили илмӣ - амалӣ таҳти роҳбарии академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон - Улмас Мирсаидов баргузор гардида, мавсуф дар ифтитоҳи ин чорабинӣ, оид ба нақши илм дар рушди ҷомеа ва ҳифзи муҳити зист суханронии пурмуҳтаво намуд. Ҳамзамон, академик Улмас Мирсаидов иброз дошт, ки барои омода намудани маводҳои илмӣ, зарур аст, ки таҷрибаҳои озмоиширо зиёд карда шавад ва дар ин замина донистани забонҳои русӣ ва англисиро барои кормандони илм талаби замон ва пешравии соҳа унвон намуданд. Таъкид гардид, ки дар шароити муосир, таваҷҷӯҳ ба илмҳои дақиқ бештар гардид, ки он имкон медиҳад соҳаҳои муҳими ҳаёт ба пешравиҳои назаррас дар соҳаи илм ноил бигарданд.

Дар чорабинии мазкур корманди Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ, Эшов Ҷӯрамурод дар мавзуи "Синтез, хосиятҳои термикӣ ва термодинамикии пайвастагиҳои торий уран” баромад намуда, мавзуи мазкурро дар назди ҳозирин бо далелҳои илмӣ шарҳу тавзеҳ дод.

Дар рафти маҳфили илмӣ ҳамчунин Ғафорзода С., корманди институти химия, дар мавзуи "Асосҳои физикию химиявии коркарди маъданҳои алюмосиликатии Тоҷикистон бо усулҳои кислотагӣ ва гудозиш”, маъруза намуда, мавзуи макурро дар назди иштирокчиён шарҳ дод.

Зикр гардид, ки яке аз масаъалаҳои муҳиме, ки 30 май дар мулоқоти Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо аҳли илм ва маорифи кишвар мавриди баррасӣ қарор гирифт, маҳз омода намудани мутахассисони ҷавон дар ҳамкорӣ бо устодон мебошад, ки дар робита ба ин байни ходимони илмии таҷрибадор ва мутахассисони ҷавон мактаби устоду шогирд ба роҳ монда шавад.

Дар интиҳои чорабини байни иштирокчиён мулоҳизаронӣ сурат

гирифта, ҳозирин ба суолҳои худ посухҳои мушаххас гирифтанд. Ёдовар мешавем, ки баргузории чунин маҳфилҳои илмӣ дар татбиқи амали намудани “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” нақши бориз хоҳад дошт.

Истиқлолият неъмати бебаҳост

Зиндагиро дар ҳар давлат бидуни Истиқлолият тасаввур кардан имконнопазир аст. Истиқлол орзуву ормони ҳар миллату халқ аст, ки тамоми муборизаҳо ва талошҳои башарият баҳри ба даст овардани он сурат гирифтааст. Халқи тоҷик дар таърихи тамаддуни ҷаҳонӣ аз ҷониби бузургтарин чеҳраҳои сиёсату илм, маърифату ҷомеашиносони дунё ба ҳайси як миллати соҳибхирад ва ватандӯсту озодхоҳ эътироф ва шинохта шудааст, ки дар тамоми марҳилаҳои тараққиву пешрафти ҷомеа барои озодӣ ва бунёди давлати соҳибистиқлоли худ пайгирона талош меварзад.

Истиқлолият нишонаи ҳувият ва озодӣ, ифтихор ва номус, рамзи саодат ва шарти бақои миллати соҳибихтиёру соҳибдавлати тоҷик мебошад. Барои тоҷикон танҳо пас аз солҳои тӯлонӣ, 9-уми сентябри соли 1991 муяссар гардид, ки ба ҷаҳониён аз оғози марҳилаи нави сарнавиштсозу таърихии худ, яъне: эълон шудани соҳибистиқлолии давлати воқеӣ башорат диҳанд. Бинобар ин, ин рӯз ба ҳар сокини мамлакат азизу муборак маҳсуб меёбад ва ин рӯзест, ки ҷашни бузургу муқаддаси тоҷикон Рӯзи Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо рӯҳияи бесобиқаи идона, шодмониву сурури мимиллӣ, тантанаҳои самимонаи васеъ ва хотирмон бо шукургузорӣ аз даврони соҳибистиқлолӣ ва озодии миллӣ истиқбол мегардад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки барҳақ наҷотдиҳанда ва меъмори воқеии истиқлолият мебошанд, ин падидаи нодири таърихиро чунин арзёбӣ менамояд: “Истиқлолият волотарин ва боарзиштарин дастоварди миллати тоҷик дар масири даҳ асри охир мебошад. Даврони Истиқлолият бароямон имкони воқеӣ фароҳам овард, ки роҳи имрӯзу ояндаи миллат ва пешрафти минбаъдаи кишвари азизамонро ба сӯи ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ интихоб намоем. Соҳибистиқлолӣ имкон фароҳам овард, ки давлат масъалаҳои марбут ба имрӯзу фардои худро ҳаллу фасл намуда, ба марҳалаи созандагию бунёдкорӣ қадам гузорад». Бо ташаббус ва иқдомҳои бузурги Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар солҳои соҳибистиқлолӣ Ватани мо симои наву замонавӣ гирифта, дар тамоми манотиқи кишвар, аз ҷумла Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, Суғд ва Хатлон корҳои созандагию бунёдкорӣ авҷи тоза пайдо кард. Истиқлолият рамзи олии ватандорӣ, бузургтарин неъмати давлатсозию давлатдории мустақил, созандагӣ, азму талошҳои фидокоронаи расидан ба истиқлолияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро омӯзонда, меъёрҳои ҷомеаи шаҳрвандиро таҳким бахшид ва дар як вақт ҳаёти озодонаи ҳар фард ва олитарин дараҷаи бахту саодати воқеии миллатро таъмин намуд. Истиқлолият нишонаи барҷастаи пойдории давлат,

бақои миллат, рамзи асолату ҳувият, идеалу ормонҳои таърихӣ, шиносномаи байналмилалӣ ва шарафу эътибори ба ҷаҳони мутамаддин пайвастани кишвари соҳибистиқлоли Тоҷикистон мебошад.

Тоҷикистон маҳз ба шарофати истиқлолият ҳамчун узви баробарҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардид ва дар харитаи сиёсии ҷаҳон бо ҳама хусусиятҳои давлатдории муосир арзи ҳастӣ намуд. Истиқлолиятро давлати Тоҷикистон чун меросбари тамаддуни бузург, ганҷинаи бебаҳои илму маърифат, макони неъматҳои моддӣ ва боигариҳои табии истиқбол мекунанд, ки ҳамаи ин мояи сарфарозию ифтихори ҳар як соҳибватан аст. Бо шукри соҳибистиқлолӣ мо ба арзишҳои олии инсонию шаҳрвандӣ ба монанди дӯстию ҳамдилӣ, ваҳдати миллӣ, созандагию сулҳ арҷ мегузорем ва онро чун гавҳараки чашм ҳифз менамоем. Истиқлолият, ифтихори бузурги соҳибватанӣ, масъулияти бузурги ватандорӣ, сарчашмаи хушбахтию хушрӯзӣ ва сарбаландиву сарсабзии тамоми мардуми кишвар аст.

Кормандони Филилали Агентии аминяти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар ВМКБ, бо истифода аз фурсат, тамом мардуми шарифи Тоҷикистонро ба муносибати 33-умин солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон табрик ва муборакбод менамоянд.

***Хурсанд Илолов**-директори Филиали Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар ВМКБ*

ЛИБОСИ МИЛЛӢ – МУАРРИФГАРИ ФАРҲАНГИ ТОҶИКОН

Зану духтари тоҷикро дар ҳама давру замон бо либоси зебову шинами тоҷиконаи атласу адрас ва чакан мешинохтанду мешиносанд. Дар радифи дигар арзишҳои фарҳангию таърихӣ, либоси миллии тоҷикӣ чун муаррификунанда ва баёнгари фарҳанги миллии халқи тоҷик маҳсуб ёфта, бо шарофати сиёсати хирадмандона, табъу завқи баланд, ояндаигарии поянда ва меҳанпарастии беҳамтои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар арсаи чаҳонӣ муаррифӣ гардида истодааст. Далели арзиши воло доштани либоси миллии мо дар он зоҳир мегардад, ки соли 2018 чакани тоҷикӣ ба Феҳристи меросии ғайримоддии ЮНЕСКО шомил гардид. Арзиши атласу адрас низ, ки дар тӯли таърих вижагиву унсурҳои худро нигоҳ дошта омадааст, аз ин кам нест.

Имрӯзҳо миллати моро дар ҷаҳон бо либоси зебои миллӣ, ба монанди атласу адрас ва чакан, ки ҳамчун сарвати нодир ва бебаҳои фарҳанги мардуми тоҷик, муаррифӣ гардидааст, мешиносанд. Либоси миллӣ, хусусан, чакану чаканпӯшӣ ҳамчун рамзи ифодагари фарҳанги миллӣ, таърихи куҳан дошта,

имрӯз низ бонувони тоҷик онро бо ифтихору қаноатмандӣ бо нигораҳои хосси тоҷикӣ медӯзанду мепӯшанд.

Либоси миллии тоҷикӣ як ҷузъи фарҳанги бою ғании миллати соҳибтамаддуни мо ба шумор меравад. Он ёдгор аз аҷдодони соҳибхирад ва таърихофарамон буда, дар тӯли қарнҳо зебоӣ ва ҷаззобияти худро гум накардааст. Хушбахтона, баъди ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ бо таваҷҷуҳи роҳбарияти кишвар ба эҳёи ҳунарҳои мардумӣ ва ташвиқу тарғиби либоси миллӣ, бори дигар ин ғановати фарҳангӣ ва таърихии миллати тоҷик дар кишвар ва берун аз он маҳбубият пайдо намуд.

Имрӯзҳо миллати тоҷикро дар ҷаҳон маҳз фарҳанги воло ва таърихи пурғанавваташ муаррифӣ месозад. Фарҳанги волои тоҷикон дар либосҳои рангоранги мардуми он, хусусан бонувони зебо ва зебопарасташ таҷассум ёфтааст. Либоси миллии тоҷикӣ ифодагари назокату малоҳати бонуи тоҷик буда, дар ақсои олам маҳз бо атласу адрас ва чакан симои занҳои тоҷик мондагор шудааст.

Бояд гуфт, эҳтироми либоси миллӣ, ки ҷузъи асосии фарҳанги оламшуламон мебошад, қарзи ҳар як шаҳрванд, махсусан бонувон ба ҳисоб меравад. Мо, тоҷикон хушбахт аз он бояд бошем, ки дорои таърихи чандинҳазорсола ҳастем ва нақшу нигори миллии мо дар либоси мо низ инъикос ёфтааст.

Занону модарони тоҷик дар ҳама давру замон посдори оину анъанаҳои муқаддаси халқу миллат ба шумор мераванд. Вақте сухан аз либоси миллӣ меравад, ҳатман пеши назар симои занон бо сару либоси хосса пеши назар меоянд. Дар кишвари мо нафареро пайдо намудан душвор аст, ки мафтуни сеҳру ҷаззобияти атласу адраси Суғд, чакани Хатлон, гулдӯзиҳои нотакрори минтақаи Рашт, алочаву шоҳии водии Ҳисор, рангҳои пурҷилои куртаву тоқӣ ва ҷӯробҳои Бадахшон набошад. Либоси миллии мо маҳз бо ҳамин рангу ҷило дар ҷаҳон муаррифӣ гардидааст.

Ногуфта намонад, ки ташаккул ва ривоҷ додани фарҳанги миллӣ дар худшиносӣ ва руҳияи ватандӯстии мо нақши муҳимму калидӣ дорад. Тарғибу ташвиқи либоси миллӣ низ чун ҷузъи асосии фарҳанг дар руҳияи ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ ва худшиносию худогоҳии насли ҷавон нақши созгор мегузорад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз баромадҳояшон таъкид намуданд, ки мрӯзҳо миёни занону духтарон майл ба бегонапарастӣ зиёд мушоҳида мешавад ва бояд пеши роҳи он, ки хатари азбайнравии фарҳанги миллиро ба вуҷуд меорад, гирифта шавад. Мутаассифона, имрӯзҳо ин рукни фарҳанги миллиро бархе аз ҷавонон, махсусан занону бонувон ба назар намегиранд ва ба фарҳанги бегона тақлид менамоянд.

Пас, чаро мо бояд либоси бегонаро, ки ҳеҷ умумияте ба фарҳанги мо надорад, ба бар намоем ?. Набояд фаромӯш кард, ки либоси миллӣ муаррифгар ва инъикосгари фарҳанги миллии аҷдодии мост. Дар раванди ҷаҳонишавӣ бо таъриху фарҳанг ва либоси миллии хеш тоҷикона худро ба ҷаҳониён муаррифӣ намоем.

Хурсанд Илолов –
директори Филиали
Агентии амнияти
ХБРЯ-и АМИТ дар ВМКБ

Ташаккули маърифати ҳуқуқӣ - омили рушди ҷомеа

Ба тасвиб расидани фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 30 декабри соли 2023 №668 дар бораи “Соли маърифати ҳуқуқӣ” эълон намудани «Соли 2024” хеле бамаврид буда, барои рушди ҳамаҷонибаи кишвари соҳибистиқлоли мо ҳамчун қутбнамо хизмат менамояд. Чунончӣ, сарвари давлат дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар ” аз 28 декабри соли 2023 қайд карданд: “Дар раванди бунёди ҷомеаи пешрафта ва адолатпарвар масъалаи ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон нақши калидӣ дорад ”.

Имсол, ки аз қабули Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 30-сол сипарӣ мегардад, бояд аз нақши ин санади олии ҳуқуқӣ дар таъмини сулҳу субот, барқароршавии сохти Конституционӣ ва нуфузи давлат дар арсаи байналмилалӣ ёдовар шуд. Воқеан ин санади олӣ ва шиносномаи миллат тавонист давоми фаъолияти хеш ҷомеаро ба маҷрои осоишта ва баробарҳуқуқиро дар кишвар таъмин намояд. Дар ин замина барои рушди соҳаҳои иқтисодиёт, иҷтимоиёт ва фарҳангу маънавиёт шароити мусоид фароҳам овард. Аз ин рӯ, баҳри ҳифзи ин санади ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ба таври мунтазам ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ бо аҳолӣ яке аз шартҳои асосӣ мебошад, то ки шаҳрвандон ба моҳият ва нақши ин санади олии ҳуқуқӣ, яъне Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷомеаи эътибори ҷиддӣ бидиҳанд.

Тавре Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни таҳияи лоиҳаи Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон борҳо изҳор доштанд, ки ҳуқуқи инсон бояд яке аз қисмҳои муҳимтарини Конституцияи нави мо бошад. Сарвари давлат таъкид карданд, ки ҳуқуқи инсон масъалаи муҳим аст ва "ҳоло онҳо дар маркази таваҷҷӯҳи тамоми ҷаҳон қарор доранд, бахусус дар таъсиси кишварҳои мутамаддин ва пешрафта".

Дар Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар арзишҳои умумиинсонӣ, аз ҷумла гуногунандешии сиёсӣ низ муқаррар карда шудаанд. Зимни суханронӣ Дар Иҷлосияи XVIII Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нуқтаи муҳимро дар робита ба ин масъала таъкид намуданд: "Гуногунандешии сиёсӣ - яке аз арзишҳои мост". Бинобар ин, ҳар қадаре, ки мо дар самти ташккулёбии маърифати ҳуқуқӣ ба таври амиқ муқаррароти Конституцияро омӯзем, ҳамон қадар маъно ва ҳувияти он барои фаъолияти ҳаррӯзаи мо аҳамияти бештар касб хоҳад кард.

Боиси қайди махсус аст, ки Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лиҳози мазмуни ҳуқуқӣ, дарбар гирифтани ҳалли масоили ҷанбаҳои гуногуни сохти давлатдорӣ, ҳуқуқ ва манфиатҳои ҳар як шахс дар ҷомеа, дар миқёси ҷаҳон яке аз намунаҳои санадҳои олии ҳуқуқии пешқадам ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз, ҳар як шаҳрванди бо нангу номуси миллатро зарур аст, ки сатҳи маърифати ҳуқуқи худро баланд бардошта, дар татбиқи ин иқдом ва рушди мамлакат саҳмгузор бошад.

Олимҷон АЗИЗОВ, мудири шуъбаи муносибатҳои байналмилалӣ ва робита бо ҷомеаи Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ, номзади илмҳои техникӣ

Заробудин ШИРИНОВ, мутахассиси шуъбаи муносибатҳои байналмилалӣ ва робита бо ҷомеаи Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ

ИСТИҚЛОЛИЯТ РАМЗИ СОҲИБДАВЛАТӢ

Истиқлолу озодӣ, истиқрори сулҳу суботи сартосарӣ ва ваҳдати миллӣ роҳи моро ба сӯи амалӣ гардонидани дигаргуниҳои бунёдии ҷамъиятиву сиёси боз намуд. Истиқлоли миллӣ, ҳамчунин, ба ҳайси омили муттаҳидсозандаи халқи Тоҷикистон имкони таърихие пеш овард, ки мо дар кишварамон бо такя ба арзишҳои аз ҷониби умум пазируфташуда таҳкурсии ташаккули ҷомеаи шаҳрвандиро гузорем.

Эмомалӣ Раҳмон

Имсол мардуми шарифи Тоҷикистон 33-юмин солгарди ҷашни муқаддаси миллӣ-Истиқлолияти давлатиро дар фазои сулҳу оромӣ бо шукургузорӣ аз ин неъмати бебаҳо таҷлил менамоянд. 33-соли соҳибистиқлолӣ ва хусусан солҳои нахустини он барои миллати куҳанбунёди мо давраи бисёр мушкил ва пур аз лаҳзаҳои ниҳоят сахту сангин буд. Яъне расидан ба ин рӯзи пурсаодат, ки мардуми шарифи Тоҷикистон як марҳалаи нави таърихи навинӣ худро бо амалӣ намудани нақшаҳои азими созандагӣ ҷамъбаст менамоянд, барои миллати сарбаланди тоҷик ба осонӣ ба даст наомадааст.

9 сентябри соли 1991 дар таърихи миллати тоҷик рӯйдоди бузургу фараҳбахш ба вуқуъ пайваст. Яъне дар ин рӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқлолияти давлатии худро эълон намуд ва ҳамчун давлати ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона вориди саҳнаи сиёсии ҷаҳон гардид. Маҳз аз ҳамин давра сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун муҳимтарин давраи ҳаёти сиёсӣ ба шакл гирифтан оғоз намуд.

Маҳз бо шарофати ба даст даровардани Истиқлолияти давлатӣ ба наврасону ҷавонони мо имконият фароҳам омад, ки дониш, қобилият ва маҳорати хешро дар ҳамаи самтҳо инкишоф диҳанд, ватани худро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ намоянд, пешсаф бошанд ва ба сӯи ояндаи нек усуворона қадам гузоранд. Дар давраи соҳибистиқлолӣ, сарзамини бузурги мо дар тамоми самтҳои ҳаёти ҷомеа аз қабили илму маориф, сиёсат, иқтисод, фарҳанг ва варзиш ба пешравиҳои зиёд ноил гардид.

Шукргузори онам, ки миллати бузурги тоҷик имрӯз соҳиби давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, ягона ва соҳибистиқлол гардидааст. Акнун халқи тоҷикро зарур аст, ки Ваҳдати миллиро баҳри ҳифзи Истиқлоли давлатӣ чун гавҳараки чашм эҳтиёт ва ҳиёз намояд. Чун Ваҳдати миллӣ аст, ки Истиқлолӣ давлатӣ ҳифз хоҳад шуд. Танҳо бо Ваҳдат ва меҳнати якдилона мо метавонем, Истиқлолияти худро ҳифз намоему ватани азизамонро ободу зебо гардонем. Бешубҳа оромиву шукӯҳи ҳар як давлату миллат бар дӯши ҳар як шаҳрванди он вобаста аст, махсусан насли ҷавон ва ояндасози миллат. Мо ҷавонон бояд хуб дарк намоем, ки оянда тақдири халқу давлати Тоҷикистони соҳибистиқлол бар дӯши мо гузошта мешавад. Ин рисолати бузург, яъне ҳифзу обод кардан ва ба наслҳои оянда ба мерос гузоштани сарзамини аҷдодӣ ва Ватани азизи хеш масъулияти бузург дорад, ва ҳар яки моро вазифадор

менамояд, ки ҳамеша ба хотири таҳкими Ваҳдати миллӣ, пойдориву устувории давлати соҳибихтиёри худ, густариши худшиносиву худогоҳӣ ва ватандӯстиву ватанпарастӣ кӯшишу талош намоем. Инчунин барои устувор намудани пояҳои Истиқлолияти миллӣ ва бунёди давлати пуриқтидори демократӣ ва эҳёи дурахшонтарин арзишҳои тамаддуни бузурги ниёгонамон масъулияти бузурге бар дӯш дошта бошем.

Комрон Бобоев – ходими калони илмии
шуъбаи илмӣ-таҳқиқотӣ, таълиму омӯзиш ва хизматрасониҳои техникии Агенти амнияти ХБРЯ-и АМИТ

Бегонашавии одоб ва расму ойини либоспӯшӣ – бегонашавии фарҳангист

Либос маҷмӯи маҳсулотест, ки одамон барои пӯшонидани бадани худ мепӯшанд. Бояд қайд кард, ки намуди либос одатан ба ҷинси пӯшанда мувофиқат мекунад. Аз ин рӯ, аксар вақт шумо метавонед мард ё занро бо шакли либос муайян кунед. Мақсади либос дар умум, ин муҳофизат аз сармо, гармо, пӯшонидани бараҳнагӣ ва дар умум зебогии шахс мебошад. Вақте, ки сухан дар бораи либос меравад, дар зери мафҳуми он либоси миллӣ ҳамчун як рукни муҳими фарҳанги миллӣ дар назар дошта мешавад, ки бояд арзишмандии маънавии онро ҳифз кунад, то наслҳои оянда низ ба он арҷгузору меросбар бошанд.

Агар ба давраҳои гуногуни таърихӣ ва тарзи либоспӯшии муфассалтар назар кунем, мебинем, ки ҳар як давраи таърихӣ ба либос, шакл, мавод, ранг ва намунаи матоъ, услуби хоси худро доштааст. Дар фарҳанги маъмули имрӯза ҳамаи миллатҳо дори фарҳанг ва либоси миллии худ мебошанд, ки дар ин миён тоҷикон низ меросбари ин фарҳанг хоҳанд буд. Либоси миллӣ дар байни қавму миллатҳои гуногун яке аз рукнҳои асосие мебошад, ки тавассути он мансубияти миллию нажодию ва эътиқоди одамон инъикос мегарадад. Ҳамин аст, ки либоси миллӣ аз давраи пайдоши қабила, миллат ва давлатҳо вобаста ба тағирёбии иқлим, шароити иқтисодӣ, инкишофи илм ва пешрафти он ташаккул ёфта, ба насли имрӯза ҳамчун меросу анъанаи миллӣ ва фарҳангӣ дастрас гардидааст.

Тавре Асосогузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни баромади худ ба муносибати “Рӯзи модарон” таъкид карданд: “Вақтҳои охир тамоюли бегонапарастӣ ва ба фарҳанги бегона майл намудани занону духтарони кишвар, ташвиқи либосҳои бегона дар баъзе шаҳру ноҳияҳои мамлакат низ ба як раванди ташвишовар табдил ёфтааст. Ҳисси бегонапарастӣ ва тақлидкорӣ дар мавриди сару либос ва рафтору гуфтор дар байни занону духтарон метавонад ба устувории рукнҳои фарҳанги миллӣ таъсири манфӣ расонад. Агар иддае ба хотири тақлид ба ин тарзи либоспӯшӣ завқ пайдо карда бошанд, баъзеҳо бо мақсади таблиғи ақидаҳои таҳмилӣ ин либосро миёни занону духтарони мо паҳн карда, мехоҳанд дар кишвар боз як ҷараёни нави ифротиро ҷорӣ намоянд”.

Воқеан, вақтҳои охир пайравӣ ба фарҳангӣ бегона, яъне тарзи либоспӯшии баъзе чавонон, ба хусус духтарон, боиси нигаронӣ ва таасуфовар аст, ки бо сатру ҳиҷоби ғайриторикӣ ва тақлид ба ғарб ба

назар мерасад, ки боиси коста гардидани фарҳанг ва тамаддуни хеш мегардад. Ин тарзи либоспӯшӣ аз чорчӯбаи ахлоқӣ берун буда, ба тафаккури ҷавонон ва ахлоқу тарбияи онҳо таъсири манфӣ мерасонад. Бегонашавии одоб ва расму ойини либоспӯшӣ – бегонашавии фарҳангист, ки истиқлоли фикрӣ, ҳувияти миллӣ ва фарҳанги миллиро зери суол мебарад.

Дар воқеъ, рафтори нохушоянд ва тақлид ба фарҳанги бегонаи як идда занону духтарон, агар аз як тараф, ба ноогоҳии онҳо аз анъанаҳои суннатии либоспӯшии гузаштагони мо далолат кунад, аз тарафи дигар, бемасъулиятии комил зоҳир намудани волидай дар интихоби либосро нишон медиҳад. Аз ин ру, пешниҳоди дастурамали либосҳои тавсиявӣ барои духтарон ва занон, ки аз ҷониби Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле бамаврид, қобил қабул ва дастгирист. Амри зарури мешуморам, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ин иқдом амалӣ гардад.

Боиси ифтихор аст, ки тоҷикон аз қадимулайём бофарҳанг, бомаданияту зебопараст буданд, ки онҳо бо пӯшидани либосҳои миллии худ ҳам тамаддун ва ҳам фарҳанги миллати тоҷикро дар таърихи башарият маъруфу машҳур намудаанд.

Ғафуров Бобомурод
– ходими илмии Филиали Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар в.Хатлон

Семинари илмӣ-амалӣ зери унвонӣ “Мушкилоти таҳияи усулҳои синтез, рудҳои уран, торий ва коркарди маъданҳои боросиликатӣ”

29 августи соли ҷорӣ дар Маркази таълимӣ ва омӯзишии Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таҳти унвони “Мушкилоти таҳияи усулҳои синтези уран, торий ва коркарди маъдани боросиликат, ҳамчун мавод барои муҳофизат аз нейтронҳо” баргузор гардид.

Семинари илмӣ-амалӣ аз ҷониби шуъбаи илмӣ-таҳқиқоти ва хизматрасониҳои техникии Агентӣ дар ҳамкорӣ бо озмоишгоҳи коркарди ашёи хоми минералии Институти химияи ба В. И. Никитини АМИТ баргузор гардид.

Зикр гардид, ки баргузории чунин семинарҳои илмӣ имконияти хубест барои мубодилаи таҷриба ва дастовардҳои илмӣ бо мақсади анҷом додани таҳқиқотҳои илмӣ дар АМИТ, ки

дар ин замина ба рушди ҷаҳонбинии олимони ҷавон такони ҷиддӣ мебахшад. Дар ҷараёни семинари илмӣ масъалаҳои экспедитсия ба минтақаҳои ҷумҳурӣ ва омодасозии мавод барои нашрияҳо дар ин самт зарур шумурда шуд. Сипас, дар идомаи семинари илмӣ як қатор кормандони Агентӣ оид ба бехатарии маводҳои химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядрой, инчунин фаъолияти лабораторияи коркарди ашёи хоми минералӣ дар Институти химияи ба номи В.И.Никитини АМИТ баромад намуданд.
Ҳамзамон корҳои ченкунии радон дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, муайян кардани он дар манбаъҳои об, аз ҷумла обҳои минералӣ, таркиби радионуклидҳо дар металлҳои шикаста ва синтези пайвастагиҳои нави фаъол мавриди баррасии олимони соҳа қарор гирифт.

Дар доираи семинари илмӣ омодасозӣ ва нашри ду монографияи кормандони Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ муҳокима гардид.

Дар интиҳои чорабинӣ мубоҳисаҳои илмӣ сурат гирифта, иштирокчиён бо сулҳои худ посухҳои мушаххас гирифтанд.

Либоси миллӣ- ҷузъи олами маънавии инсон аст

Либоси миллӣ ҷузъи муҳими фарҳанг буда, сатҳи маданияту маърифати миллат дар он таҷассум мегардад. Аз ин рӯ, занону духтарони тоҷикро мебояд, ки ба анъанаҳои миллии либоспӯшӣ арҷ гузошта, аз тақлид ба фарҳанги бегона даст кашанд.

Дар суханронии худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар, ки санаи 9 марти соли равон баргузор гардид, оиди арҷгузорӣ намудан ба либоси миллӣ тоҷикӣ ин нуктаро махсусан таъкид доштанд: “Воқеият баёнгари он аст, ки ҳар миллат бинобар собиқаи фарҳангии худ дар либоспӯшӣ рафтору анъанаҳои махсус дорад, ки арзишҳои моддиву маънавии гузаштаи онро инъикос менамояд ва ҳар миллат аз рӯйи забон, фарҳанг ва шаклу тарзи либоспӯшияш шинохта мешавад”.

Дар ҳақиқат тамаддуни башарият ва таърихи ҳар як миллат бо сару либос пайванди ногусастанӣ дошта, ҳувияти миллиро ифода мекунанд, ки онҳо аз якдигар бо рамзҳои гуногуни этникӣ фарқ мекунанд. Маҳз сару либоси миллӣ аст, ки дар даврахои гуногуни таърихӣ завқи одамон, саъю кушиши зебой ва зебопарастиро равшан нишон медихад.

Либосҳои миллии нотакрори мо дар заминаи фарҳанг ва тамаддуни деринаи минтақаи мо ташаккул ёфтаанд, ки на танҳо намуди зоҳирии миллати моро нишон медиҳад, балки мафкураи маънавии моро дар ташаккули тамаддуни ҷаҳонӣ устувор мегардонанд.

Либосе, ки шахс ба бар мекунад, таассуроти аввалини ӯро дар атрофиён ба вуҷуд меорад. Фарҳанги либоспӯшӣ муносибати моро ба рӯйдодҳои гирду атроф ифода мекунад. Либос аз завқ, ҷаҳонбинӣ ва рафтори инсон шаҳодат медиҳад. Либос як ҷузъи олами маънавии инсон аст. Ҳар як унсури он воқеан барои худ сухан мегӯяд.

Кишвари мо дар солҳои соҳибистиқлолӣ, таҳти роҳбарӣ ва заҳматҳои пайгиронаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун рӯ ба тараққӣ дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёту иҷтимоиёт, махсусан соҳаи фарҳанг бо суръат рушд ёфта, дар марҳила рушд қарор дорад. Аз ин рӯ, фарҳанги либоси миллӣ ва пайравӣ ба он ҳамчун обу ҳаво зарур мебошад ва ҳифзу такмил додани онҳо барои ҳар як фарди бо нангу номус, махсусан ҷавондухтарон рукни муқаддас ба ҳисоб меравад.

Ҳамзамон аз ҷониби тарроҳон ва чеварони кишвар иқдомҳои зарурии таҳия ва коркарди сару либоси шинами миллӣ барои ҳамаи қишрҳои ҷомеа хеле ва хеле ба манфиати кор хоҳад буд.

Либосхои миллие, ки ниёгони мо дар замонхои кадим ба бар кардаанд, зебо ва дилкаш аст. Ин либосҳо ба мардуми тоҷик тааллуқ доранд, ки фарҳанги баланд ва арзишҳои миллии моро ифода мекунанд. Дар баробари ин, ба кишвари соҳибистиқлолу шукуфони мо саодат зам мекунад.

Бинобар ин ба мо зарур аст, ки ҳангоми либоспӯшӣ расму оинҳои миллии тоҷиконаи худро риоя карда, бо ҳамин дар замони муосир, ки пур аз талотуми ҷаҳонишавӣ аст, ҳувияти миллии худро гум накунем ва онро ба наслҳои оянда ба мерос гузорем.

Дар охир ҳаминро таъкид намудан ба маврид аст, ки дар баробари дигар қишрҳои ҷомеа олимони Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар байни ҷомеа корҳои фаҳмондадиҳиро оиди пос доштани фарҳанги миллӣ, аз ҷумла риояи сунатҳои миллӣ дар мавриди сару либос, пешгирӣ намудани падидаҳои номатлуби хурофотпарастӣ ва бегонапарастӣ, тарғиби дастовардҳои илму техника ва технологияҳои муосир ба роҳ мондаанд ва дар тарғиби сиёсати давлатӣ вобаста ба арзишҳои миллӣ сакҳми худро мегузоранд.

***Комилҷон Эрматов** – директори*
Филиали ААХБРЯ АМИТӢ
дар вилояти Суғд
***Акбар Адҳамов** – ҳуқуқшиноси*
Филиали ААХБРЯ АМИТӢ
дар вилояти Суғд

Муҳимтарин нишонаи ватандӯстии ҳар як фард ифтихор аз дастовардҳои давлати соҳибистиқлоли тоҷикон ва талош ба хотири таҳкими минбаъдаи онҳо мебошад

Истиқлолу озодӣ арзишмандтарин неъмате мебошанд, ки халқи тоҷикро соҳиби комилҳуқуқи сарнавишти хеш намуд ва ҷомеаи мо ҳамчун давлати демократӣ ба раванди умумии таърихи аҳли башар ворид гардид. Вақте, ки ин суханҳоро вирди забон меорем, ҳар яки моро муҳаббати бузурги ватандорию ватандӯстӣ ва ҳисси баланди ифтихори миллӣ фаро мегирад.

Агарчӣ миллати соҳибфарҳанги тоҷик, ҳамчун як миллати соҳибдавлат ва тамаддунофар дар давраҳои гуногуни мавҷудияти таърихии худ андешаи истиқлолхоҳӣ доштанд, зидди тохтутозҳои бегонагон ва носозгориҳои бешумори замон мубориза бурда, ваҳдат ва арзишҳои зиндагии худро ҳифз карда, ба наслҳои баъдӣ мерос гузоштанд.
Хушбахтона 9 сентябри соли 1991 дар ҷаласаи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор ва изҳорот «Дар бораи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шуд, ки ба гардиши рӯзгору таъриху сарнавишти мардум тағйироти куллиеро ворид намуд. Инак ҳамасола ин рӯз ҳамчун рӯзи Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷлил мегардад. Аз он санаи таърихӣ, акнун 33 сол пушти сар мегардад. 33 соле, ки на танҳо ҳар солаш, балки ҳар соату ҳар рӯзаш дар саҳфаҳои китоби Тоҷикистони ҷавон, вале куҳантаърих бо ҳарфҳои заррин сабт гардидаасту намунаи хуби омӯзиши таҷриба ба шумор меравад.

Истиқлолияти давлатӣ дастоварди бузург дар таърихи давлатдории тоҷикон мебошад. Истиқлолият мафҳуми арзишманд ва калидие мебошанд, ки ноил гардидан ба он шарафи бузург барои ҳар як миллат аст. Истиқлолияти давлатӣ ба он мусоидат намуд, ки рушди босубот дар кишвар таъмин гардад, сатҳи некуаҳволии мардум беҳтар шавад ва натиҷаҳои бузург дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба даст оварда шаванд.

Мардуми шарафманди тоҷик бо хиради азалӣ ва талошҳои фарзонафарзандони миллат, сангинтарин рӯзҳоро пушти сар карданд ва зина ба зина бо бартараф намудани мушкилот, ба комёбиҳо ноил гардиданд. Дар солҳои сипаришудаи Истиқлоли миллӣ мо тавонистем сулҳу субот, ваҳдати миллӣ, заминаҳои гузариши нави низоми сиёсиву иктисодӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ ва бунёди таҳкурсии давлати соҳибистиклоли тоҷиконро ба даст орем. Бо вуҷуди ҳама мушкилоти ҷойдошта тавонистем пайванди ҷомеаи худро бо ҷаҳони мутамаддини муосир, ки ҷавҳар ва асли онро низоми демократӣ ташкил медиҳад, таъмин намоем.

Истиқлолият барои мардуми куҳанбунёду соҳибфарҳанги тоҷик, дастоварди бузургу муқаддас ба ҳисоб меравад. Ҳамин аст, ки ин руйдоди бузургро бо эҳсоси ифтихору сарфарози ҷашн мегирем. Истиклоли давлатӣ барои миллати тамаддунсози мо падидаи бемислу боазамати таърихиест, ки силсилаи воқеаҳои сарнавиштсозро дар бар мегирад. Қабл аз хама дарк бояд кард, ки

истиқлолият волотарин ва боарзиштарин дастоварди миллати тоҷик дар масири даҳ асри охир мебошад. Истиқлолият рамзи соҳибдавлатӣ ва ватандориии миллати сарбаланду хирадпешаи тоҷик мебошад. Ҳамин аст, ки ин падидаро нишонаи ҳувият ва озодӣ, ифтихор ва номус, рамзи саодат ва бақои миллати соҳибихтиёру соҳибдавлати тоҷик мебошад.

Агар ба таърихи даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон назар афканем, мебинем, ки дар ин муддат тамоми соҳаҳои ҷомеа марҳила ба марҳила рӯ ба рушд ниҳоданд ва муҳимтарин ҳадафҳои миллию стратегӣ бо ташаббуси бевоситаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯйи кор омада, барои кишвар имконият фароҳам оварданд, ки вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар кишвар таҳким ёбанд ва такони ҷиддие дар сатҳи некуаҳволии ҷомеа ба амал ояд. Тавре Пешвои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ бахшида ба 32-юмин солгарди ҷашни истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 8 сентябри соли 2023 ироа гардид, баён доштанд:

«Истиқлолу озодӣ барои мо рамзи воқеии ифтихор аз Ватану ватандорӣ, бузургтарин имконияти давлатсозиву давлатдории мустақил, илҳомбахши азму талошҳои созанда ба хотири таъмин намудани рушди давлат, ободии Ватан, зиндагии осоиштаи мардуми Тоҷикистон ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии ҳар як оилаи кишвар мебошад. Имрӯз аз таърихи пурифтихори давлати соҳибистиқлоламон дар зарфи сию ду соли сипаришуда хуб мушоҳида мегардад, ки ин марҳала дар муқоиса бо таърихи бостонии халқамон муҳлати чандон тӯлонӣ нест, вале бо миқёси корҳои дар ин муддат амалигардида камназир ба ҳисоб меравад. Тоҷикистони азизи мо баъди эълони истиқлолият роҳи бунёди давлатдории навини миллиро пеш гирифт ва дар шароити бисёр ҳассосу фоҷиабор, яъне ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ соҳиби рамзҳои давлатӣ гардид, ки муаррифгари давлати тозаистиқлоли мо дар арсаи байналмилалӣ ва боиси ифтихори ҳар як шаҳрванди кишвар мебошанд.».

Дар воқеъ таъкидҳои пайвастаи роҳбари давлат аз ҳар як шаҳрванди худогоҳи кишвар талаб мекунад, ки то чӣ андоза муҳим будани истиқлолу озодӣ, давлати миллӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро амиқан дарк намояд ва барои таҳкиму таҳвияти бахшидани низоми давлатдории демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ, ки бо майлу иродаи халқи Тоҷикистон интихоб шудааст, саҳми ватандӯстонаи хешро гузорад.

Мушоҳидаҳо бозгӯи онанд, ки тайи чанд соли охир ва хусусан дар ин соли таърихӣ барои Тоҷикистон, мардуми бонангу номус ва ватандӯсту ватанпарасти тоҷик барои истиқболи сазовори ҷашни муқаддасу бузурги умумимиллӣ — сивусесолагии Истиқлоли давлатӣ тамоми қаламрави кишварро ба майдони бузурги заҳмати созанда ва фаъолияти бунёдгарона табдил додаанд ва ҳамарӯз аз ин ё он гӯшаи диёр, паёми неки бунёдкорию созандагӣ мерасад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ба раванди тозакорию созандагиҳо ва бунёду азнавсозӣ дар ҳама бахшу соҳаҳо пешниҳоди барномаҳои дар ибтидо се ҳадафӣ стратегӣ — «баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ», «таъмини амнияти озуқавории кишвар» ва «ба даст овардани истиқлолияти энергетикӣ» такони ҷиддӣ бахшид. Ҳадафи чоруми миллӣ ин «саноатикунонии босуръати кишвар» низ идомаи се ҳадафи зикргардида аст, ки муҳайё намудани заминаҳои воқеӣ дар мамлакат оид ба рушди дигар соҳаҳо, аз ҷумла ба баланд

бардоштани иқтисодиёт таъсири мусбат расонид. Ҳамин аст, ки рушди иқтисодии кишварро омили муҳим барои тақвияти ваҳдати миллӣ дар даврони истиқлолият меҳисобанд. Бо дар назардошти ин омилҳо дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ корхонаҳои нав бунёд гардиданд ва ҷойҳои нави корӣ ба вуҷуд омаданд, ки ин боиси рушди ин ё он маҳал ва баланд гардидани сатҳи иқтисодии аҳли ҷомеа шуд. Дар атрофи ин чор ҳадафи умумимиллӣ корҳои бузургу созандае то имрӯз ба сомон расиданд ва ҳатто мо имрӯзҳо аз бунбасти коммуникатсионӣ берун шудем, амнияти озуқаворию кишвар таъмин гардид ва истиқлолияти энергетикӣ ба даст оварда шуд.

Дар воқеъ раванди навини таърих дар охирҳои асри XX ва ибтидои асри XXI бар дӯши давлати тозаистиқлоли Тоҷикистон вазифаҳои басо мураккаб, масъулиятнок ва вазнин гузошт. Дар тӯли ин солҳо мардуми тоҷик давлатдории навини худро заминагузорӣ намуда, соҳиби истиқлолияти воқеии сиёсӣ гардид ва ҳамчун субъекти комилҳуқуқи байналмилалӣ эътироф шуд. Маҳз истиқлоли давлатӣ шароит фароҳам овард, ки Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун давлати мустақил эътироф гардад. Тавре Пешвои миллат 23 сол муқаддам зимни суханронии худ ба ифтихори 10-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон 8 сентябри соли 2001-ум изҳор доштанд:

«Истиқлолият шиносномаи ҳастии давлати комилҳуқук ва соҳибихтиёри тоҷикон дар ҷомеаи ҷаҳонист, ки низоми давлатдорӣ, сиёсати дохилию хориҷӣ, сиёсати иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии хешро мустақилона пеш мебарад. Истиқлолият рамзи соҳибдавлатӣ ва ватандории миллати сарбаланду мутамаддини тоҷик аст, ки номаи тақдирашро бо дасти хеш навишта, роҳу равиши хоса ва мақому мавқеи муносиберо дар ҷомеаи ҷаҳонӣ пайдо карда, набзи давлату миллати моро бо набзи сайёра ҳамсадо месозад».

Дар ҳақиқат Истиқлолияти давлатӣ замина фароҳам овард, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари сиёсати дохилии кишвар, ҳамзамон сиёсати хориҷии худро такмил диҳад ва бо аксар давлатҳои хориҷӣ муносибатҳои хуби ҳамкориро дар бахши сиёсату иқтисод, тиҷорату энергетика, нақлиёт, алоқа, кишоварзӣ, ҷавонон, саноат ва амнияти ба роҳ монад. Дар ин ҷо метавон аз «сиёсати дарҳои боз», ки аз соли 2003 роҳандозӣ шудааст, ёдовар шуд. Тавассути ин раванд Ҷумҳурии Тоҷикистон муваффақ шуд, ки мавқеи худро дар сиёсати байналмилалӣ бештар устувор созад. Падидаи муҳим ва фарҳабахши дигар, ки бо шарофати соҳибистиқлолии Тоҷикистон, сиёсати хориҷии онро боз ҳам бештар такони мусбат бахшид, ин пешниҳодҳои саривақтию ҳадафмандонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сатҳи байналмилалӣ вобаста ба масоили об мебошад.

Тазаккур додан ба маврид аст, ки то кунун дар ин самт 6 пешниҳод аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ, хусусан СММ ҷонибдорӣ гардидааст. Ҳатто СММ онҳоро дастгирӣ ва дар доираи онҳо қатъномаҳо қабул намуд, ки ин аз мавқеи устувор ва нуфузи Тоҷикистон таҳти роҳбарии Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар арсаи байналмилалӣ шаҳодат медиҳад. Соли байналмилалии оби тоза, соли 2003, Даҳсолаи амалиёти байналмилалии «Об барои ҳаёт», солҳои 2005-2015, Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об, 2013, Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», солҳои 2018-2028, 2025, “Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо” ва 2025-2034 “Даҳсолаи амал барои илмҳои криосфера, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Фаронса пешбарӣ гардида буд, ахиран 13 август

Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид бо иттифоқи оро қабул намуд.

Ба ин муносибат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар иҷлосияи 72-юми СММ суханронӣ намуда, таъкид карданд, ки масъалаи об ва таъмини он яке аз масъалаҳои муҳими инсоният ба шумор рафта, фаъолияти дастҷамъона ва муносибати ҷиддиро тақозо менамояд. Дар ин баробар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви фаъоли созмонҳои бонуфузи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ доир ба масъалаҳои муҳими ҷаҳони муосир ҷиҳати роҳи ҳалли онҳо пешниҳодҳо манфитабахш ироа карда, мавқеи худро муайян менамояд.

Ҳамин тариқ Истиқлолити давлатӣ нишони барҷастаи пойдории давлат, бақо ва симои миллат, рамзи ҳувияти миллӣ, машъали фурӯзони ормонҳои таърихӣ, шиносномаи байналмилалӣ ва шарафу эътибори ба ҷаҳони мутамаддин пайвастани кишвари соҳибистиқлоли Тоҷикистон мебошад.

Бо дарназардошти таъкидҳои ҳамешагии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба вазъи ҷаҳони муосир, аз ҷумла яроқнокшавии бошитоб, торафт вусъат гирифтани «ҷанги сард», таҳдиду хатарҳои нави ҷаҳонӣ, аз қабили терроризму ифротгарой, радикализми динӣ, истеҳсолу қочоқи маводи мухаддир, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷиноятҳориҳои муташаккили фаромиллӣ, моро зарур аст, ки барои ҳифзи амнияти миллӣ, ки шарти муҳимтарини устувории давлат ва зиндагии осудаи мардум мебошад, беш аз ҳар вақти дигар саъю талош намоем. Яъне мо бояд ҳамеша ҳушёру зирак ва дар роҳи ҳифзи амнияти давлат ва дастовардҳои замони истиқлол – сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ омода бошем.

Мо бояд доим сарҷамъу муттаҳид бошем, Ватани азизи худро сидқан дӯст дорем ва ҳамаи кӯшишу имкониятҳои худро ба хотири рушди давлатамон ва ободии сарзамини аҷдодиамон равона созем. Муҳимтарин нишонаи ватандӯстии ҳар як фард ифтихор аз дастовардҳои давлати соҳибистиқлоли тоҷикон ва талош ба хотири таҳкими минбаъдаи онҳо мебошад. Ҳар шахсе, ки худро соҳибватан медонад ва мафҳумҳои истиқлолу озодиро муқаддас мешуморад, бояд ҳамаи андешаву амали худро ба он равона созад, ки омодагӣ ба ҳар як ҷашни истиқлол, бахусус, 35-солагии ин рӯйдоди сарнавиштсоз ба марҳалаи нави болоравии эҳсоси худшиносӣ, ифтихори миллӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва вусъати созандагиву ободкорӣ мубаддал гардад.

***Олимҷон АЗИЗОВ** - мудири шуъбаи муносибатҳои байналмилалӣ ва робита бо ҷомеаи Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ, номзади илмҳои техникӣ*

***Заробудин ШИРИНОВ** - мутахассиси шуъбаи муносибатҳои байналмилалӣ ва робита бо ҷомеаи Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ*

«Технологияи коркарди маъданҳои урандор»: таҳти ин унвон дар Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ семинари илмӣ-амалӣ доир гардид

4-уми сентябри соли равон дар Маркази таълимӣ ва омӯзишии Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии АМИТ таҳти роҳбарии академики АМИТ Улмас Мирсаидов семинари илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Технологияи коркарди маъданҳои урандор» баргузор гардид.

Дар оғози семинар академик Улмас Мирсаидов ҳозиринро бахшида ба рӯзи китоб, ки ҳамасола 4 сентябр дар кишвар таҷлил мегардад, табрик намуда, иштирокчиёнро ба китобхонӣ ва тарғибу ташвиқи китоб ва дасовардҳои илмӣ даъват намуданд. Дар идома, академик Улмас Мирсаидов аз нақши китоб дар рушди илму маърифат ёдовар шуда, афзуд, ки китоб сарчашмаи илму дониш буда, моро ба ҷаҳону олами ҳастӣ ошно месозад. Дар баробари ин, аз олимону ҷавонон даъват ба амал оварда шуд, ки ба омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ машғул шуда, онҳоро аз худ намоянд.

Сипас дар рафти семинар докторантони PhD-и Агентӣ – Насруллоев Асомуддин ва Раҳматов Самандар дар мавзӯи таркиби химиявӣ ва минералии маъдани урандори кони «Помири шарқӣ» ва ишқорониии ин маъдан бо тарзи карбонатӣ баромад намуда, мавзуи мазкурро дар назди ҳозирин шарҳ доданд. Дар рафти баромад қайд карда шуд, ки аз сабаби дар таркиби маъдан миқдори карбонатҳо зиёд мебошанд, ишқоронӣ бо кислотаи сулфат дуруст намеояд ва барои ишқорониии он карбонати натрий истифода мегардад.

Зимни баргузории семинари илмӣ иштирокчиён оид ба усулҳои гуногуни коркарди маъданҳои урандор суханронӣ намуда, муҳимияти интихоби технологияи коркард вобаста ба таркиби минералӣ ва химиявии маъданро таъкид намуданд.

Бахшида ба 33-юмин солгарди ҷашни Истиқлоли давлатӣ дар АМИТ роҳпаймоии идона доир гардид

5-уми сентябри соли равон бахшида ба 33-юмин солгарди ҷашни Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳраки академӣ бо иштироки президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, узви вобастаи АМИТ Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт, раёсат ва олимони иститутҳои АМИТ бо шукургузори аз фазои сулҳу субот ва шиору овезаҳо, инчунин аксҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳпаймоии идона баргузор гардид.

Дар доираи роҳпаймоии идона, ҳамзамон дар саҳни бинои Маркази омӯзишии Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии АМИТ маҷлиси тантанавӣ идома ёфт.

Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, узви вобастаи АМИТ - Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт зимни ифтитоҳи чорабинӣ, тамоми олимони ҷавон ва ҳозиринро харамақдам гуфта, иштирокчиёнро ба муносибати ҷашни 33-юмин солгарди Истиқлоли давлатӣ табрику муборакбод намуда, аз саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди давлатдорӣ ва таъмини Истиқлолият дар кишвар ёдовар шуд.

Зикр гардид, ки маҳз талош ва заҳматҳои шабонарӯзии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд, ки халқи тоҷик бо ҳам муттаҳид гашта, ба дасовардҳои наззарас ноил бигардад. “Воқеан Истиқлолияти давлатӣ ба он мусоидат намуд, ки рушди босубот дар кишвар таъмин гардад, сатҳи некуаҳволии мардум беҳтар шавад ва натиҷаҳои бузург дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба даст оварда шаванд” - иброз дошт, Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, узви вобастаи АМИТ - Қобилҷон Хушвахтзода.

Дар чорабинии мазкур аз тарафи Президенти АМИТ ва намояндагони дигар вазорату идораҳо ба як қатор кормандону олимон ифтихорномаву сипоснома тақдим карда шуд.

Аз ҷумла Илҳом Мирсаидзода – директори Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии АМИТ аз тарафи сардори Сарраёсати ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуди Кумитаи ҳолатҳои фавқуллода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - генерал-майор Ҷамшед Камолзода бо медали “Ҳамкорӣ дар соҳаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждани”, бахшида ба 33-юмин солгарди ҷашни Истиқлоли давлатӣ сарфароз гардонида шуд.

Ҳамзамон корманди Агентӣ Сайдуллозода Рисолат бо Ифтихорномаи АМИТ қадрдонӣ гардид.

Дар интиҳои чорабинӣ як зумра ҳунармандони шинохтаи кишвар бо сурудҳои таронащои дилнишини худ хотири иштирокчиён ва меҳмоноро болида гардониданд.

Зи истиқлол бувад иқболи тоҷик

Истиқлолият дар таърихи давлатдорӣ ва сарнавишти миллати тоҷик гардиши куллӣ ва оғози марҳилаи сифатан нави рушд гардида, дар назди мо иҷрои вазифаи бисёр пурмасъулияти таърихӣ, яъне бунёди давлати мутамаддин ҷавобгу ба манфиатҳои халқу кишвар ва эҷоди аркони давлатдории муосирро пеш гузошт. Истиқлолият барои мардуми куҳанбунёди тоҷик арзиши муқаддасу сарнавиштсоз буда, таҳти парчами он хурду бузурги кишвар барои таҳвияти пояҳои давлатдории навини худ бо азму талоши ватандӯстона заҳмат мекашанд. Бо зуҳури истиклол чун неъмати бебаҳо ва гаронмоя миллати азиятдидаву ранчкашидаи точик соҳибистиқлол гардид. Истиқлол волотарин ва пурарзиштарин дастоварди давлату миллати тоҷдори точик аст, ки дар охири асри 20-ум ба даст омад. Ин неъмати бузург баробари ба даст овардан, нуру зиё, меҳру вафо, ободию озодӣ, хамфикрию хамзистӣ ва осоиштагиву абадиятро ба мардуми бузурги тоҷик ва Тоҷикистони азиз ҳадия намуд. Истиқлол рамзи соҳибдавлатӣ ва ватандории миллати сарбаланду мутамаддини тоҷик аст, ки номаи тақдирашро бо дасти хеш навишта, роҳу равиши хосса ва мақому мавқеи муносибро дар ҷомеаи чахонӣ пайдо кард ва набзи давлату миллати моро ба набзи сайёра ҳамсадо месозад.

Худо он миллатеро сарварӣ дод, ки тақдираш ба дасти хеш бинвишт. Ба он миллат сару коре надорад, ки деҳқонаш барои дигарон кишт.

Кишвари азизи мо Тоҷикистон макони бузургони хирад, оқилону фарзонагон ва шуҳратмандони шуҳратёру қаҳрамонон аз қабили Тусунзодаву Айнӣ, Рудакиву Сино, Сомониву Темурмалик, Бобоҷон Ғафурову Эмомалӣ Раҳмон ва амсоли ин садҳо нафар бузургон, ки оламиён васфашон мекунанд, мебошад.

Садриддини Айнӣ, Шириншоҳ Шоҳтемур, Бобоҷон Ғафуров, Нусратулло Мақсум, Мирзо Турсунзода ва дигар шахсиятҳое буданд, ки хизматҳои арзанда карданд барои шуҳратёру шуҳратманд шудани Тоҷикистони азизамон ҳатто ҷони пурарзиши худро дареғ надоштанд. Аммо имрӯз на ҳама кас ба қадри ин неъмати бузург мерасанд.

Хиёнаткорони Ватан дар ҳама давру замон буданд ва имрӯз ҳам боқи мондаанд, ки бо супориши хоҷагони хориҷии худ берун аз кишвар ба сар бурда, ба суи ватани хеш санги маломат мезананд. Вале фаромуш кардаанд, ки миллати сарбаланди тоҷик кайҳо аз мақсадҳои нопоки онҳо бохабар буда, баръакс муттаҳид гашта, дар пешрафт ва рушди кишвари азизамон камари ҳимат мебанданд.

Мардуми азизи мо имрӯз бояд донанд, ин сулҳу ваҳдате, ки болои сари мо парафшон аст бо заҳмату талошҳои хеле зиёд ба даст омадааст. Солҳои ҷанги

шаҳрвандиро ба хотир оред, солҳои 1992 мардуми тоҷик рузҳои даҳшатборро аз сар гузаронид. Ин даҳшат ҳеҷ гоҳ аз хотири мардум фаромуш нахоҳад шуд.

Хушбахтона Тоҷикистони азиз 9-уми сентябри соли 1991 Истиқлолияти давлатиро соҳиб гашт ва аз он лаҳза то ин дам мардуми шарифи мо бо ҳисси баланди ватандӯстиву ватанпарастӣ, хештаншиносиву ифтихори миллӣ, созандагиву ободкорӣ баҳри гулгулшуфоии ин сарзамин камари ҳиммат баста истодаанд.

Ин сарзамини куҳанбунёдро сиёсатмадори тавоно ва хирадманд Пешвои воҷеии миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳбарӣ мекунад. Маҳз бо заҳматҳо ва талоши ин марди хирад мо соҳибистиқлолии худро ҳифз кардем, миллат ва давлатро аз парокандагӣ начот додем ва сулҳи деринтизорро ба даст овардем. Хизматҳои ин фарзанди фарзонаи миллат дар рушди иқтисодиёти мамлакат басо бузург аст. Асосгузори Сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чандин маротиба дар минбарҳои баланди ҷаҳонӣ пешниҳодоти хело муфидро манзур сохтанд, ки ба беҳбуди натанҳо халқ тоҷик, балки баҳри ҳифзи ҷони башарият равона гардидааст.

Имрӯз ҳар як фарди Тоҷикистон бо ифтихори бузург гуфта метавонад, ки давлати пуриқтидор, ки замоне дар тасарруфи давлатҳои иттиҳод ҷой дошт ва як маротиба ҷанги шаҳрвандиро пушти сар намуд, хушбахтона имрӯз, мустақил, демократӣ, дунявӣ, ҳуқуқбунёд ва комилҳуқуқ аст. Ҷумҳурии Тоҷикистон яктост, қисматҳо надорад, якрангу якмаром аст. Мардуми ин сарзамин аз хурд то бузург якдигарро эҳтирому эътироф мекунанд, чунки қавми як миллат як мазҳаб ва як нажоданд. Тоҷикистони азизи мо дар айни шукуфтанҳост ва рӯз то рӯз шуҳратманду шуҳратёр гашта истодааст. Бо вуҷуди камзамин будан кишвари ман дари худро ба рӯи миллионҳо нафар боз кардааст ва ба гуфти шоири ширинкаломи мо:

Нурест ба дидагони мо Истиклол,
Зуре ба тану равони мо Истиклол
Як миллати пошхурдаро чамъ овард,
Пайвандгарди ҷаҳони мо Истиклол.

Воҷеан Ҷумҳурии Тоҷикистон ба яке аз давлатҳои пешқадам ва пешрафта табдил ёфта истодааст, дорои нерӯи бузурги аз ҷиҳати тавлиди нерӯи барқ дар минтақа, заводҳои муқтадир, иншоотҳои баланд ва зебо, мардумони поку адолатпешаву босиришт, меҳмондӯсту меҳмоннавоз, аз ҷиҳати иқтисоди пешрафта, дорои сангҳо ва сарчашмаҳои бойу ғанӣ, ҷойгузин ва тамошоҷойи миллионҳо нафар хориҷиён аз шарқу ғарб ва аз шимолу ҷануб мебошад.
Тоҷикистони азиз имсол 33 – юмин солгарди худро ҷашн мегирад.

33- соли муззаффариятҳо, кашфиётҳои қуллаҳои баланд, комёбиҳои дастрас ва имконпазир.
33- соли ободониву кабудизоркунии шаҳру ноҳияҳои кишвар, расидан ба некбахтӣ, озоди ва сулҳу Ваҳдат.
33- соли хандаҳои кӯдакон, хурсандӣ ва шодиву нишоти пиру барно.
33- соли дастовардҳои назаррас дар соҳаи илму маориф ва фарҳанг.
33 – соли пурбарор дар самти сиёсати муваффақ.
33 – соли комгор дар таъмир ва азнавсозии роҳҳои кишвар.
33 – соли муваффақиятҳо ва комёбиҳо дар паҳнои сиёсати хориҷии кишвар.

Боиси зикр аст, ки дар даврони Истиқлолият зану мард ва пиру барно дар талоши илму адаб, фарҳангу маърифат ва кору фаъолияти хеш камари ҳиммат бастанд. Дастовардҳои бузурги кишвар дар даврони соҳибистиқлолӣ ба мардум қуввату неру, тавоной бахшида, онҳоро ба комёбиҳо ва дастовардҳои бузург ҳидоят месозад. Имрӯз Тоҷикистон

гулистони беҳадду канор, маркази нуру маърифат ва чаманистони дунёи орзуст.

Сари таъзим меорем ба обу хок ва гулу гиёҳи ин сарзамин ва бешубҳа, меболем аз он, ки як шахси кучаку меҳрпарвари ин сарзамини афсонавием. Тоҷикаму чун миллати баруманд ифтихор мекунам. Насли поки оли Сомонаму меҳру муҳаббат покдиливу самимият ва ору номуси бузургро мепарварам. Самараи неки Истиклол аст, ки имрӯз Точикистон дар дунё чун давлати сулҳхоху сулҳпарвар шинохта шудааст. Таҷрибаи сулҳи тоҷикон — манбаи омузиши сулҳхоҳони ҷаҳон гашт, ки боиси ифтихори ҳар як тоҷик ва тоҷикистонист.

Имрӯзҳо мардуми бонангу номус ва ватандӯсту ватанпарасти мо барои истиқболи сазовори ҷашни муқаддасу бузурги миллиамон – сивусеслоагии Истиқлоли давлатӣ тамоми қаламрави кишварро ба майдони бузурги заҳмати созанда ва фаъолияти бунёкорона табдил додаанд. Махсусан пойтахти азизи мо шаҳри Душанбе бо ибтикори созанда ва заҳматҳои шабонарӯзии шаҳрдорӣ муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба яке аз шаҳрҳои намунавии минтаҷа мубаддал гардидааст. Дар ин радиф қайд кардан ба маврид аст, ки имрӯзҳо шаҳри Душанбе макони баргузории семинар ва симпозиумҳои сатҳи ҷаҳонӣ ва минтақавӣ гардидааст, ки дар он масъалаҳои муҳими глобалӣ матраҳ мегарданд. Дар охир чунончи Пешвои муаззами миллат мефармоянд “Ҳар яки мо бояд барои рушду такомули ин миллати баруманд аз дилу ҷон талош варзем”.

Асомуддин Насруллоев –
курси 2 докторант PhD-и
Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ,
Самандар Раҳматшоев –
курси 2 докторант PhD-и
Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ

Маросими баимзорасонии Ёддошти ҳамкорӣ байни Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

6-уми сентябри соли 2024, дар толори Агентии амнияти ХБРЯ-и Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон маросими ба имзорасонии Ёддошти ҳамкорӣ байни Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси Маркази миллии таълимӣ барои гузаштани зинаи магистратура дар соҳаи физикаи тиббӣ дар назди Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон баргузор гардид.

Ёддошти мазкур аз ҷониби муовини аввали Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Муҳсинзода Ғафур ва ноиби Президенти академияи миллии илмҳои Тоҷикистон доктори илмҳои техникӣ - Амонзода Илҳом имзо гардид.
Ин Ёддошт дар доираи ташаббуси АБНА «Шӯълаи умед» омода гардидааст, ки ҳадафи он баланд бардоштани имкониятҳо ва захираҳои кишвар ҳиҳати мубориза бар зидди бемории саратон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидааст.
Дар вохурӣ директори Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии АМИТ - Илҳом Мирсаидзода ва муовини аввали он - Матин Ахмедов иштирок намуда, ҳамкории дуҷониба байни Агентии амнияти химиявӣ,

биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академия миллии илмҳои Тоҷикистон ва Вазоратӣ тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима гардиданд.

Ҳамчунин ҳадафи дигари ин Ёддошт муайян кардани чаҳорчӯбаи ҳамкорӣ байни тарафҳо дар самти таъсис, сохтмон, таҷҳизондан, омодасозии кадрҳо ва таҳияи барномаҳои таълимӣ барои Маркази миллии таълимӣ мебошад. Маркази мазкур баҳри омодасозии мутахассисони баландихтисоси соҳаи физикаи тиббӣ нақши муҳим бозида, хатмкунандагони он метавонанд дар марказҳои мухталифи саратоншиносии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намоянд.
Ёддошти имзошуда як қатор самтҳои ҳамкориро дар бар мегирад, аз ҷумла, ҳамкорӣ вобаста ба таъсис ва сохтмони Маркази миллии таълимӣ барои зинаи магистратура дар соҳаи физикаи тиббӣ, таъмини марказ бо технологияҳо ва захираҳои муосир, муайян кардан ва омодасозии кадрҳои босалоҳияти дорои қобилияти баланди роҳбарӣ ва идоракунии барномаҳои муштараки таълимӣ мебошад.
Ҳар ду ҷониб изҳори итминон намуданд, ки ин ҳамкорӣ як қадами муҳим дар таҳкими робитаҳои илмӣ байни Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷиҷиистон ва Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон хоҳад шуд ва ба рушди технологияҳои инноватсионӣ ва баланд бардоштани малакаи касбии табибон дар соҳаи саратоншиносӣ мусоидат хоҳад кард.

Маҷлиси тантанавӣ бахшида ба ҷашни Истиқлолияти давлатӣ

10-уми сентябри соли равон бахшида ба 33-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маркази таълимӣ ва омӯзишии Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академия миллии илмҳои Тоҷикистон маҷлиси тантанавӣ бахшида ба ҷашни Истиқлолияти давлатӣ баргузор гардид. Дар маҷлиси тантанавӣ кормандони дастгоҳи марказӣ ва Филилҳои Агентӣ дар вилоятҳои Суғд, Хатлон ва ВМКБ ба таври маҷозӣ иштирок намуданд.

Дар ҷаласа директори Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ, Илҳом Мирсаидзода тамоми кормандони Агентиро бо ин ҷашни муқаддаси давлатӣ табрику таҳнИят гуфта, иброз доштанд, ки Рӯзи Истиқлолияти давлатӣ барои мардуми соҳибфарҳанги тоҷик ҷашни муҳиму фархунда ва тақдирсоз ба шумор меравад, ки ҳамасола дар саросари Ватани азизамон бо шукуҳу шаҳомати хосса таҷлил мешавад.

Дар идомаи суханронӣ, Илҳом Мирсаидзода-директори Агентӣ таъкид намуд, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз зумраи шахсиятҳое мебошанд, ки дар ташаккул ва таҳаввули таърихи миллати сарафрози тоҷик, ҳастии имрӯзу фардои дурахшони Тоҷикистон, давлатдорӣ ва ҳуқуқи муосири ҷумҳурии соҳибихтиёрамон, эҳёи падидаҳои неку

писандида ва арзишҳои волои фарҳангии ниёгонамон хизматҳои бузург намуданд.

Зикр гардид, ки бо шарофати Истиқлоли давлатӣ обру ва нуфузи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати мустақил ва ташаббускор дар ҳалли масъалаҳои глобалӣ дар арсаи ҷаҳонӣ шинохта шудааст.

Хусусан, ташаббус ва пешниҳодоти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба масъалаҳои мубрами умумибашарӣ, махсусан обу иқлим аз ҷониби СММ ва дигар ташкилотҳои байналмилалӣ ҳамовозии амиқ пайдо намуданд ва қатъномаҳо қабул гардид.

Дар фароварди маҷлис аз ҷавонон даъват ба амал оварда шуд, ки ба қадри ин неъмати бебаҳо-Истиқлолияти давлатӣ бирасанд, ҳар як ваҷаб хоки ин сарзаминро азизу муқаддас ва онро ҳифз намоянд, фирефтаи гуррӯҳои ифроти нашаванд ва вақти қимати хешро пайи илмомӯзӣ сарфа намуда, дар татбиқи сисати давлатӣ саҳмгузор бошанд.

Корманди Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ бо мукофоти медали “Хизмати шоиста” сарфароз гардонида шуд

Дар арафаи ҷашни Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ ба намояндагони касбу кори гуногуни шаҳри Бӯстон, ки давоми фаъолияти корӣ натиҷаҳои назаррас нишон додаанд, мукофот ва унвону ҷоизаҳои давлатӣ тақдим карда шуданд.

Дар ин рӯз бо бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сарфарозгардонии кормандони соҳаи илму фарҳанг, тандурустӣ, истеҳсоли мол ва хизматрасониҳо, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, дигар хизматчиёни давлатӣ ва соҳибкорон бо мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои саҳми арзанда дар рушди илму фарҳанги мамлакат, ҳифзи саломатии аҳолӣ ва дастовардҳои баланд Ҷумҳурии Тоҷикистон Холмурод Назаров – муовини директори Филиали Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар вилояти Суғд бо медали “Хизмати шоиста” сарфароз гардонида шуд.

Ин мукофоти олии давлатиро намояндаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбари гуруҳи корӣ оид ба истиқлболи сазовори 33-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Бӯстон, Маҳмадсаид Шоҳиён тақдим намуд.

Зимни маросими супоридани мукофотҳои давлатӣ намояндаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз хизматҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дастовардҳои даврони Истиқлолият ёдовар шуда, иброз доштанд, ки Пешвои миллат ба илм ва маориф таваҷҷуҳи хосса доранд ва аз ғамхориҳои пайвастаашон дар ин самт ҳамагон баҳраманд гардидаанд.

Хатмкунандагони зинаи магистратура бо ихтисоси Радиоэкология соҳиби дипломи аъло гаштанд

Истиқлолу озодӣ ба он мусоидат намуд, ки дар баробари дагар соҳаҳо соҳаи илму маориф низ ба пешравии назаррас ноил бигардад. Дар баробари ин барои беҳтар намудани сатҳу сифат ва рушди ин ё он соҳа дар доираи мутахассисони ҷавобгу ба талаботи замон боиси он гашт, ки дар донишгоҳу донишкадаҳо ва муассисаҳои илмии мамлакат ихтисосҳои нав таъсис дода шавад.

Соли 2021 дар пойгоҳи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, масхусан дар Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ зинаи магистратура бо ихтисоси "Радиоэкология" таъсис ёфта, аввалин довталабони худро қабул намуд. Дар соли 2023, 5-нафар магистрант рисолаи магистрӣҳимоя намуда, соҳиби дипломи мутахассиси ин ришта гаштанд.

Радиоэкология яке аз соҳаҳои навтаъсис буда, миграцсияи радионуклидҳоро дар биосфера ва таъсири онро дар организмҳои зинда ва муҳити зистро меомӯзанд.

Соли 2024 бошад дар Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ зинаи магистратураро бо ихтисоси "Радиоэкология", таҳти роҳбарии илмии таҷрибадору увондор 9 нафар магистрантон, аз ҷумла 4 нафар кормандони Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ рисолаи магистрӣ ҳимоя намуданд, ки 2 нафарашон соҳиби дипломи аъло гаштанд.

Муминов Сафаралӣ яке хатмкунандагони фаъоли зинаи магистратура бо ихтисоси "Радиоэкология" мебошад, ки бо дипломи аъло сарфароз гардидааст. Номбурда фаоълияти худро дар Агентии амнияти

ХБРЯ-и АМИТ низ мувафаққона пеш мебарад.

Таъсиси зинаи магистрартура бо ихтисоси "Радиоэкология" яке аз дастовардҳои АМИТ маҳсуб ёфта, аз сиёсати созанда ва маорифпарваронаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сарчашма мегирад.

Эҳтиром ба омӯзгор – эҳтиром ба ояндаи миллат аст



Ояндаи Тоҷикистон аз фаъолияти омӯзгор ва рушди илму маориф вобастагии зиёд дорад. Дар хотир бояд дошт, ки танҳо миллати босавод метавонад насли соҳибмаърифату донишманд ва кадрҳои арзандаи давронро ба воя расонад, пеш равад ва дар ҷомеаи мутамаддин мақоми арзандаи худро пайдо намояд.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҳеч кас аз пеши худ чизе нашуд,
Ҳеч оҳан ханҷари тезе нашуд.
Ҳеч Мавлоно нашуд мавлои Рум,
То муриди Шамси Табрезӣ нашуд.

Оре, бе омӯзгор инсон рушд карда наметавонад. Агар барои қабои сабз ба бар намудани замин баҳор лозим бошад, пас барои сабз гаштани таманнои инсон устод рамзи баҳор аст. Оре, бе устод, кас наметавонад аз доираи тафаккури маҳдуд берун гашта, оламу одамро дарк намояд. Дар ин маврид шоир гуфтааст:

Агар дар ҷахон набвад омӯзгор,
Шавад тира аз бехирад рӯзгор.

Тавре Пешвои миллат- Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ ба муносибати Рӯзи дониш, ки 1-уми сентябри соли равон иро гардид, баён доштанд: «Тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» шаъну шарафи омӯзгор таҳти кафолат ва муҳофизати қонун қарор дорад. Аз ин рӯ, ҷомеа бояд хуб дарк намояд, ки эҳтиром ба омӯзгор – эҳтиром ба ояндаи миллат аст. Омӯзгор шахсест, ки бо нури саводу маърифат ва илму дониш ҳаёти ҷомеаро равшан месозад, хурофоту ҷаҳолатро аз ҳаёти ҷомеа берун мекунад ва созандагону ободгарони ояндаи Ватанро ба камол мерасонад. Дуруст аст, ки ҳанӯз дар ҳаёти омӯзгорон мушкилоти иқтисодиву иҷтимоӣ ва маишӣ ҷой доранд, вале агар омӯзгор бо азму иродаи қавӣ дар иҷрои рисолати касбии худ кӯшиш намояд, он гоҳ насле ба камол хоҳад расид, ки ба қадри заҳмати устоду омӯзгори худ мерасад ва ба давлату ҷомеа содиқона хизмат мекунад. Яъне дар сурати заҳмати дилсӯзонаву содиқонаи омӯзгор наслҳое ба воя мерасанд, ки давлату миллат ба шарофати кору фаъолияти онҳо боз ҳам ободу зебо ва сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ бамаротиб баланд мегардад».

Воқеан чи тавре, ки падару модар нисбат ба фарзанди худ меҳру муҳаббат дорад, устоди ҳақиқи низ нисбат ба шогирд чунин аст. Шогирд низ нисбат ба устод ҳамчунин фарзанд ба ҳисоб меравад, ҳатто дар ояндаи дурахшони шогирд ҳиссаи устод нисбат ба падараш чанд маротиба боло меистад. Барҳақ гузаштагони фозили мо ҳаққи устодро аз падар бештар донистанд. Дар ин маврид шоир гуфтааст:

Ҳаққи устод аз падар беш аст,
В-аз падар устод дар пеш аст.

Аз қадим бузургони илму адаб ба устод эҳтироми хосса дошта, дар мавриди зарурат ба ин шахсияти беназир муроҷиат мекарданд. Адиби дурандешу донишманд Аҳмади Дониш дар сифати шинохти устод навиштааст: «Ҳаққи падар бузург аст ва ҳаққи устод бузургтар». Аз ин ҳама андешаҳои ҷолиб чунин бармеояд, ки муаллим, омӯзгор дар тарбияи маънавии инсон нақши муассир дошта, боиси эҳиром ва шаҳомат низ гаштааст.

Хушбахтона, дар мушкилтарин даврони рӯзгори мо омӯзгорон ҳамеша дар хидмати халқу Ватан қарор доштанд. Ҳарчанд ба шароити гарони зиндагӣ рӯ ба рӯ омадаанд, аммо, мардона дар бунёди манораи ақлҳо саҳми шоиста гузоштанд. Аз ин рӯ, эҳтироми устод вазифаи мукаддаси ҳар як инсон аст. Хулоса омӯзгор он шахсияти бузург ва нотакрорест, ки бо чароғи ақл олами фикрии моро равшан намуда, дунёи пурасрори илмро муаррифӣ мекунад.

***Комрон Бобоев** - Ходими калони илмии шуъбаи илмӣ-таҳқиқотӣ, таълиму омӯзиш ва хизматрасониҳои техникии Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ*

Баррасии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ оиди ба даст овардани шишаи бордор бо миқдори гуногун дар семинари навбатӣ

Дар семинари навбатии илмӣ-амалӣ, ки ҳафтаи равон бо ибтикори Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядрой ва Озмоишгоҳи коркарди ашёи хоми минералӣ ва партовхои Институти химияи ба номи И.Никитинаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бо иштироки олимони ҷавон ва муҳаққиқони соҳа баргузор гардид, кори илмӣ оиди ба даст овардани шишаи бордор бо миқдорҳои гуногуни бор мавриди муҳокима қарор гирифт.

Улмас Мирсаидов академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон семинари илмӣ-амалро ифтитоҳ намуда, иброз дошт, ки азбаски бор барои муҳофизат аз нейтронҳо маводи олӣ аст, бояд таркиби шишаи бордорро бо миқдорҳои гуногун гирифта, шаклҳои муҳофизат аз нейтронҳо вобаста аз унсури бор, дар таркиби шишаи бордор муҳокима карда шавад.

Зимни баргузории семинари илмӣ иштирокчиён оид ба усулҳои гуногуни коркарди истеҳсоли шишаи бордор суханронӣ намуда, кори истихроҷи маҳсулоти борро аз намакобҳои бордор низ баррасӣ карданд. Таъкид гардид, ки таҳқиқотҳои қаблии Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ нишон дод, ки барои аз намуна ҷудо намудани

уран зарур аст, пайвастагиҳои хлорро такшон намуда, сипас ба осонӣ уранро собсия кардан мумкин аст. Сипас, баъди ҷудо намудани уран махлулро барои ба даст овардани махсулотҳои бордор истифода бурдан мумкин аст, ки онҳо барои энергия ва дигар соҳаҳо, масалан: саноат, нуриҳои бор барои хоҷагии қишлоқ, тиб ва ғайра, ки маҳсулоти хеле пурқиммат мебошанд.

Дар интиҳои чорабинӣ байни иштирокчиён мубоҳисаҳои илмӣ сурат гирифт.

Семинари илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Асосҳои физикӣ-технологӣ ва коркарди ангишти Тоҷикистон бо маводи сорбсионӣ”

Мавзӯи семинари навбатии илмӣ-амалӣ, ки бо иштироки кормандони Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроӣ ва озмоишгоҳи коркарди ашёи хоми минералии Институти химияи ба номи В.И. Никитинаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон баргузор гардид.

Дар семинари мазкур академики Академияи милии илмҳои Тоҷикистон Улмас Мирсаидов вобаста ба масалаи кор карда баромадани сорбентҳои нав дар асоси ангишт ва минбаъд тоза кардани обҳои урандор ва дигар радионуклидҳо бо усулҳои сорбсионӣ суханронӣ намуд. Қаблан, корҳо дар заминаи ашёи хоми Тоҷикистон барои хориҷ кардани обҳои радионуклид анҷом меёфтанд.

Иброз гардид, ки пайваста бо истеҳсолот аз дарёфти сорбентҳои самарабахш аз андросидҳои Тоҷикистон ва дигар ангиштҳои қаҳваранг бо мақсади тоза кардани об аз радионуклидҳои металлҳои вазнин зарур аст.

Сипас, масалаҳои асосҳои химиявии коркарди ашёи хоми минералии Тоҷикистон бо истеҳсоли реактивҳои оҳандор муҳокима гардид, ки он барои ба даст овардани хлориди оҳан, сулфати оҳан аз магнетит, инчунин аз сеолитҳо таркибашон оҳан зиёд аст, маврди баррасӣ қарор гирифт.

Дар идомаи семинар корманди Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ Ҳамидов Фарҳод дар мавзуи «Асосҳои физикӣ-технологӣ ва коркарди ангишти Тоҷикистон барои ба даст овардани маводҳои сорбсионӣ» ва Досаев Суҳроб, корманди озмоишгоҳи коркарди ашёи хоми минералии Институти химияи ба номи В.И. Никитинаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар мавзӯи “Асосҳои коркарди химиявии ашёи хоми маъдании Тоҷикистон барои ба даст овардани реагентҳои оҳандор” маъруза намуданд.

“Масъалаҳои арзёбии мониторинг дар маконҳои таърихию саёҳии Тоҷикистон” -Таҳти ин унвон дар Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ семинари омӯзишӣ доир гардид.

Дирӯз дар маркази омӯзишӣ - таълимии Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таҳти роҳбарии академики АМИТ, Улмас Мирсаидов семинари омузишӣ дар мавзуи “Масъалаҳои арзёбии мониторинг дар минтақаҳои таърихию сайёҳии Тоҷикистон” баргузор гардид.

Дар семинари мазкур олимони ҷавону ходимони илмии Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ ва дигар институтҳои зертобеи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иштирок намуданд.

Дар идомаи чорабинӣ, Фирӯз Шафиев - корманди Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ вобаста ба гузаронидани мониторниги радионуклидҳо ва вазъи партовгоҳҳои урандор, ки қаблан он дар минтақаҳои кишвар аз ҷониби кормандони Агентӣ сурат гирифт, баромад намуд.

Сипас, масъалаҳои вобаста ба омода намудани харитаи радиологии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва коркарди партовҳои саноати уран аз ҷониби олимону мутахассисон мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Эҳёи ҷашни Меҳргон дар Тоҷичкистон

Меҳргон – иди дӯстию меҳру муҳаббати табақаҳои гуногуни мардуми Машриқзамин аст. Дар иди қадимаи халқи тоҷик вакилони мардумони тамоми халқҳои ҷаҳон иштирок менамоянд ва ба ҷашни ҳақиқии байналмиллалӣ табдил меёбад. Меҳргон баробари инкишофи деҳқонӣ пайдо шудааст ва онро баъди ғунучини ҳосил ид мекарданд. Деҳқонон ба пешвози Меҳргон ҳашар мегузаронидaнд, сарулибоси нав мепӯшиданд, сайру базмҳо меростанд.
Вожаи меҳргон аз ду ҷузъ иборат буда, дар луғатномаҳо дар бораaш чунин шарҳ омадааст: «меҳр» - муҳаббат, самимият, дӯстӣ ва «гон» - далел бар нисбат, яъне

ба чизе мансуб будан аст. «Гон» одатан дар охири исми рӯз ва моҳи хуршедӣ омада, исми амшоспанд (ҷовидони муқаддас) ва фариштае аз устураҳои қадимаи мо мебошад.
Дар гузашта оид ба тарзи гузаронидани иди Меҳргон анъанаҳои гуногун вуҷуд доштааст. Рӯзи аввали идро «Меҳргони омма» меномидаанд ва ид шаш рӯз давом ёфта, рӯзи охири онро, ки «Ромрӯз» ном доштааст, «Меҳргони хосса» мнгуфтаанд.
Ҷашни Меҳргонро ботантана, бо суруди мусиқӣ ва рақсу бозиҳо мегузаронидаанд. Ҳатто шоҳони даврони Ҳахоманишӣ танҳо дар ҳамин рӯз дар ҷашнгоҳ ҳуқуқи рақс кардан доштаанд ва метавонистанд маст шаванд. Дар ин рӯз аз шоҳ то ғулом либоси арғувонӣ (сурх) мепӯшиданд. Аз даврони Фаридун анъана шуда шуда будааст, ки мардум ба миён рӯймоли махсуси арғувонӣ банданд ва суруд замзама кунанду вақти таом хӯрдан сухан нагӯянд. Шоҳони давр ва ҳокимони вақт ба ҳамдигар ба муносибати иди Меҳргон туҳфаҳо мефиристодаанд. Асосгузори сулолаи Сосониён дар ҳамин рӯз тоҷе, ки дар он сурати Офтоб нақш карда буд, бар сар мениҳод ва ин минбаъд анъанаи мулкдорони Аҷам мегардад.
Овардаанд, ки шаҳрбон (шаҳрдор, ҳоким)-и Арманистон дар ҷашни Меҳргон 20000 той ба расми армуғон ба дарбори Ҳахоманишиён ҳадя фиристода будааст. Шоҳони Сосонӣ Ардашери Бобакон ва Хусрави Анушервон (солҳои ҳукмронияш 531-579) дар он рӯз ба мардум ҳадяҳо медодаанд.
Абурайҳони Берунӣ чандин анъанаҳои иди Меҳргонро махсус қайд намудааст. Аз нақли ӯ маълум мешавад, ки дар даргоҳи подшоҳон ҳангоми таҷлили ин ҷашн анъанае ҷорӣ будааст. Онҳо нобиғаи ҳамватанамон чунин ба қалам медиҳад: Дар саҳни дарбор марди диловаре ҳангоми тулӯи Офтоб бо овози баланд мегуфтааст: - Эй фариштагон, ба дунёи поин фуруд оед ва шаётину шаррҳоро банду баст кунед ва онҳоро аз рӯйи Замин дафъ намоед!
Аз рӯйи гуфти Салмони Форс Худованд барои зинати бандагони худ ёқутро дар Наврӯз ва забарҷадро дар Меҳргон офаридааст. Аз ин рӯ ин ду айём дар фазл ҳамчун сангҳои пурбаҳои ёқуту забарҷад ҳастанд. Овардаанд, ки Худо Заминро дар ҳамин рӯз офарид ва ба ҷондорҳо ҷон ато карду муқарри (соҳиби) арвоҳ гардонид.
Мардум боварӣ доштанд, ки агар касе дар бомдоди Меҳргон анор бихӯрад ва ё гулоб бибӯяд, офатҳои заминию осмонӣ аз ӯ дур мешудааст. Шоҳону сарварон дар рӯзи иди Наврӯз ба сарбозон либосҳои тобистона медоданд, бо фаро расидани иди Меҳргон сипоҳ иёнухидматгузорон ба сару либос ва чизу чораҳои зимистона соҳиб мегаштанд. Давраҳое ҳам будааст, ки бо амри шоҳон рӯзҳои байни иди Меҳргони омма ва Меҳргони хоссаро бо ҳам пайваста чанд рӯз ид мекарданд. Ин навоварӣ дар давраи Ҳурмуз – писари Шопури Сосонӣ ҷорӣ карда шуда, баъдтар ҳатто Меҳргонро як моҳи пурра ид мекарданд. Анъанае низ роиҷ будааст, ки чун маъраки иди Наврӯз ҳар гуна намоишҳои идонаро, ки рамзи ба худ хоссе доштанд, байни дарбориён ва халқ меоростанд. Рӯзи Меҳргон дастархоне аз матоъи сурх (арғувонӣ) мегустурданд ва онро бо ноҳои аз зироати ҳамон сол рӯйида оро медоданд.
Истиқлолияти комили давлатии Тоҷикистон барои эҳёи расму оинҳои миллӣ, аз ҷумла Меҳргон марҳилаи тоза гардид. Зеро бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 августи соли 2009 иди Меҳргон дар ҷумҳурӣ ҳамчун иди миллӣ эътироф гашта, дар баробари Ҳукумтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста талош меварзад, то мероси ғании фарҳангӣ, расму оинҳои ниёгон дар доираи чорабиниҳои давлатӣ таҷлил мегарданд. Имрӯзҳо тамоми гӯшаю канори кишварамон бо шукӯҳу шаҳомат ба роҳ монда шудааст. Ба истиқболи ин рӯзи муборак пахтакорон, ғаллакорон, боғу токпарварон, чорвадорон ва механизаторони меҳнатқарин бо ғайрати

дучанд заҳмат кашида, баҳри пешрафти иқтисодиёти давлати тоҷикон саҳми арзанда мегузоранд. Рушду пешрафти ин соҳа афзалиятноки хоҷагии халқ барои инкишофи ояндаи иқтисодиёти кишвар хеле муҳим аст ва чун таҳкурсии мустаҳкам хизмат мекунад.

Ба таъкиди Роҳбари давлат, ҷашн танҳо ба хотири ҷашн нест ва таҷлили ҳар санаи муҳим дар зиндагӣ бояд моро ба андеша ва хулосабарорӣ барои ояндаи таҳрик созад. Бинобар ин, амалӣ гардонидани чорабиниҳои мунтазам оид ба беҳтар намудани вазъи соҳаи кишоварзӣ, роҳҳои ҳалли мушкилот ва таъмини рушди устувори он ба хотири расидан ба яке аз ҳадафҳои стратегии миллиамон – таъмини амнияти озуқаворӣ ва муҳимтар аз ҳама, худкифо шудани Тоҷикистон аз лиҳози таъмини маводи ғизоӣ, вазифаи аввалиндараҷаи олимону мутахассисони бахши кишоварзӣ ба шумор меравад. Ҳар сол бо дарназардошти ин ки Меҳргонро бештар ба унвони ҷашни кишоварзон мешиносанд, дар ҷашнгоҳҳо намоишгоҳи анвои мухталифи меваю сабзиҷот, консерву оби мева ва таҷҳизоти кишоварзӣ ба маърази тамошо гузошта шуда, базму тамошоҳо барпо мешавад.

Сол то сол, аз Меҳргон то Меҳргон, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ зиёд шуда истодааст. Ҷамъоварии ҳосили фаровони ғалла, картошка, меваю сабзиҷот, пахта, асал ва дигар навъҳои маҳсулоти кишоварзӣ як гоми муҳиме дар таъмини амнияти озуқаи Тоҷикистон маҳсуб мешавад. Кишоварзони тоҷик ҳамчунин ҳазорҳо тонна меваю сабзиҷот ва меваи хушкро ба мамолики хориҷӣ, бахусус Руссия содир мекунанд, ки ин амр тақозои иқтисоди бозаргонист. Кишоварз дар фурӯши маҳсулоти хеш озод аст ва барои ба даст овардани даромади хуб метавонад тавлидоти худро ба хориҷи кишвар содир кунад.

Ҷашни Меҳргон таҷассумгари суннатҳои неки инсонӣ буда, файзу баракати хони пурнеъмати кишоварзонро бо шукӯҳу шаҳомати хоса инъикос менамояд.

Дар мавсими ҷамъоварии ҳосили меҳнати марди деҳқон фаро расидани иди Меҳргон басо рамзӣ буда, ҳамчун иди касбии кишоварзон ба ҳукми анъана даромадани таҷлили расмии ҷашнвораи мазкур далели он аст, ки миллати куҳанбунёди мо дар партави сиёсати Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯ ба арзишҳои гузаштаи фарҳангии хеш овардааст ва эҳёи онҳоро вазифаи бошарафи худ медонад.

***Қурбонов Амиршо** – н.и.х, директори Филиали Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар вилояти Хатлон*

Семинари навбатии илмӣ-амалӣ вобаста ба вазъи бехатарии радиоэкологӣ дар Тоҷикистон

Ҳафтаи сипаришуда дар Маркази омӯзишӣ ва таълимии Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таҳти роҳбарии академики АМИТ Улмас Мирсаидов семинари навбатии илмӣ-амалӣ вобаста ба вазъи бехатарии радиоэкологӣ доир гардид.



Дар семинари мазкур, бо иштироки ходимони илмӣ аз Агентии амнияти ХБРЯ-АМИТ, Институтҳои химияи ба номи В.И. Никитин ва Институти физика ба номи С.У. Умарови АМИТ баргузор гардид, ки дар он масъалаҳои актуалӣ дар бораи идоракунии бехатарии радиоэкологӣ ва мониторинги сатҳи

радиатсионӣ дар шимоли Тоҷикистон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифт.

Сипас, Ҳакимҷон Тиллобоев корманди Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар вилояти Суғд зери мавзуи “Идоракунии бехатарии радиоэкологӣ ва техногенӣ дар минтақаи шимоли Тоҷикистон” баромад намуда, натиҷаҳои таҳлили вазъи имруза ва тавсияҳо оиди беҳтар намудани системаи идоракунӣ барои ҳифзи аҳолӣ ва экосистемаро дар назди ҳозирин шарҳу тавзеҳ дод.

Ҳамчунин, дар ҷараёни семинар Шукурҷон Раҳимбердиев корманди дигари Агентӣ бо мақоли худ дар мавзуи "Мониторинги радон дар атрофи маҳфузгоҳҳои радиоактивӣ ва мониторинги изотопи сезий-137 дар шимоли Тоҷикистон” маъруза намуда, оид ба вазъи радиатсионӣ дар минтақа ва тадбирҳои коҳиш додани таҳдиди хатарҳо барои ҳифзи саломатии аҳолӣ маълумот дод. Зимнан аз ҷониби иштирокчиён мавзуъҳои мазкур мавриди муҳокима қарор гирифтанд.

Иштирокчиён аҳамияти таҳқиқотҳои минбаъдаро дар ҳамкорӣ бо мутахассисони соҳа барои таъмини бехатарӣ ва ҳифзи саломатии аҳолӣ таъкид намуданд.

Таъкид гардид, ки баргузор намудани чунин семинарҳо ҳамчун платформа барои муҳокимаи масъалаҳои бехатарии радиоэкологӣ дар минтақа, мубодилаи таҷриба байни мутахассисони соҳа ва баланд бардоштани маълумотнокии аҳолӣ вобаста ба вазъи радиатсионӣ хизмат менамояд.

24 - октябр ҳамчун Рӯзи иттифоқҳои касаба ҷашн гирифта мешавад

Шуруъ аз соли 2022 ҳамасола дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 24 октябр ҳамчун Рӯзи иттифоқҳои касаба ҷашн гирифта мешавад, ки заминаи он ба мулоқоти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо фаъолони ин ташкилоти оммавӣ - ҷамъиятӣ ҳануз 24 октябри соли 2019 асос меёбад.

Агар каме ба таърих рӯ биёрем, ҳанӯз 15 апрели соли 1926 Анҷумани якуми иттифоқҳои касабаи Ҷумҳурии Мухтори Советии Сотсиалистии Тоҷикистон баргузор гардид, ки бо қарори он мақоми роҳбарикунандаи иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон – «Тоҷиксовпроф» таъсис

дода шуд. 19 апрели соли 1937 мутобиқи қарори пленуми иттифоқҳои касаба марказии Итиҳоди Шӯравӣ шӯроҳои итифоқҳои касабаи ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ ва маҳаллӣ барҳам дода шуданд. Соли 1948 «Тоҷиксовпроф» аз нав таъсис дода шуд Бо қарори анҷумани XV Иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон аз 24 январи соли 1991 «Тоҷиксовпроф» ба Шӯрои Федератсияи иттифоқҳои касабаи Ҷумҳурии Тоҷикистон номгузорӣ шуд. Бо қарори Анҷумани XVI Иттифоқҳои касабаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 майи соли 1996 Шӯрои Федератсияи иттифоқҳои касабаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо қарори Анҷумани XVII Иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон аз 26 майи соли 2001 Шӯрои Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ба Федератсияи иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон ва бо қарори анҷумани XVIII иттифоқҳои касаба аз 25 майи соли 2006 дубора бо Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон номгузорӣ шуд.

Иттифоқҳои касаба барои рушди босубот ва инкишофи хоҷагии халқи мамлакат, боло рафтани нуфуз ва эътибори шахс дар ҷомеа, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои онҳо дар асоси Конституцсия, Кодекси меҳнат, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои касаба» фаъолият мекунанд. Иттифоқҳои касаба дар таҳкими дастовардҳои Истиқлоли давлатӣ, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва тақвияти неруи инсонӣ дар мамлакат саҳм мегузоранд.

Чуноне дар Оинномаи Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон дарҷ гардидааст, «иттифоқҳои касаба кӯшиш менамоянд, ки ҳуқуқҳои конституцсионии ҳар шаҳрванд, бе мансубияти он ба миллат ва дин, ба меҳнат, озодии интихоби касбу кор, шароити одилонаи меҳнат ва манфиатҳои бекорон ҳифз шаванд, низоми иҷтимоии одилонаи музди меҳнат ва шароити кор татбиқ шавад, риояи қонунҳои меҳнат, қоидаву меъёрҳои ҳифзи меҳнат ва муҳити зист таъмин шавад, замина ва маблағ барои беҳдошти сиҳатии кормандон, аъзои оилаи онҳо, инкишофи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ба вуҷуд оварда шавад, созишномаю шартномаҳои коллективӣ баста шаванд ва иҷрои онҳо таҳти назорат қарор гирад». Фаъолияти иттифоқҳои касаба дар мамлакат ба ҳайси ташкилоти ҷамъиятӣ ба санадҳои қонунгузорӣ асос ёфта, назорати ҷамъиятии риояи қонунгузории меҳнат маҳз ба дӯши ин ниҳод вогузор шудааст.

Мутобиқи маълумоти Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ, ба ҳолати 1 сентябри соли 2023 дар ҷумҳурӣ 33 549 корхона, муассисаву ташкилот, новобаста аз шакли моликият фаъол буда, аз онҳо 19157 адад ҳуқуқи ба имзо расонидани шартномаи коллективиро доранд ва 16912 адад бо шартнома ва созишнома фаро гирифта шудаанд, ки 88,2 фоизро ташкил дод. Тибқи маълумотҳои Федератсияи иттифоқҳои касаба дар давраи соли 2023 шумораи умумии аъзои Иттифоқи касабаи Тоҷикистон 900 122 нафарро ташкил дода, теъдоди ташкилоти ибтидоии иттифоқҳои касаба ба 11 095 адад расидааст.

Ҳамчун як пояи ҳуқуқӣ вобаста ба Иттифоқи касабаи Тоҷикистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2011, №757 қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои касаба»-ро қабул кардааст, ки он асосҳои ҳуқуқии таъсиси иттифоқҳои касаба, ҳуқуқу кафолатҳои фаъолияти онҳоро муайян намуда, муносибатҳои иттифоқҳои касабаро бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ, корфармоён, иттиҳодияҳои онҳо, дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ танзим менамояд. Чи тавре, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, роҳбарону фаъолон ва аъзои иттифоқҳои касабаи мустақили

Тоҷикистон минбаъд низ барои фароҳам овардани шароити шоистаи кор ва зиндагӣ ба мардуми шарифи Ватани азизи мо - Тоҷикистон содиқона хизмат хоҳанд кард.

Тибқи моддаи 5 қонуни мазкур «шаҳрвандон барои ҳимояи манфиатҳои худ ҳуқуқ доранд бо хоҳиши худ, бе иҷозати пешакӣ ташкилоти иттифоқи касаба таъсис диҳанд, бо шарти риояи оиннома (низомнома) ба иттифоқи касаба дохил ва аз он хориҷ шаванд».

Дар ин асос дар Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии АМИТ иттифоқи касабаи таъсис дода шудааст, ки айни замон аъзоёни он то 80 нафар расидаанд. Дар Агентӣ байни кормандон ва роҳбарият шартномаи коллективӣ баста шудааст.

Ҳифзи иҷтимоии кормандон ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи роҳбарияти Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии АМИТ қарор дорад. Дар роҳи ноил шудан ба дастовардҳо дар баробари дигар сохторҳои Агентӣ иттифоқҳои касаба низ саҳм гузошта, масъулияти ширкат дар идоракунии раванди корӣ, тарбияи кадрҳо, ҳалли масъалаҳои мубрами ҳаётӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти кормандон ба уҳда дорад.

Аз ин ру, Иттифоқи касаба ҳамчун ташкилоти оммавӣ вазифадораст, ки рисолати хешро дар ҳифзу ҳимояи дастовардҳои истиқлоли давлатӣ, таҳкими сулҳу субот дар саросари кишвар, ваҳдати миллӣ, ҳифзи манфиатҳои иҷтимоиву иқтисодии аъзои иттифоқи касаба ва фароҳам овардани шароити арзандаи зиндагӣ барои ҳар як корманд анҷом диҳанд.

Ҳамидов Фарҳод – н. и. т., *шуъбаи илмӣ – тадқиқотӣ, таълиму омӯзиш ва хизматрасониҳои техники Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ*

Ифтитоҳи бинои нави Маркази минтақавии бехатарӣ, амният ва кафолати химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

29 октябр дар шаҳри Душанбе Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бинои нави Маркази минтақавии бехатарӣ, амният ва кафолати химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистонро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд. Марказ бо дастгирии бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба маблағи 47 миллион сомонӣ аз буҷаи давлатӣ ва маблағҳои шарикони хориҷии рушд омода шудааст. Корҳои сохтмонӣ аз соли 2021 оғоз гардида, соли 2024 ба анҷом расид. Иншооти навбунёд 4-ошёна буда, дар масоҳати 35 садяк бо тарҳи меъмории замонавӣ бунёд ёфтааст.

Зимни муаррифӣ ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки марказ дорои 16 озмоишгоҳи инноватсионии илмӣ-таҳқиқотии самтҳои химия, биология ва нодиртарин озмоишгоҳҳои илмии соҳаи иммунологӣ, вирусологӣ, бехатарӣ ва амнияти биологӣ ва криминалистикаи ядроӣ буда, барои омӯзиш ва ташхиси маводи химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроӣ хизмат менамояд. Озмоишгоҳҳо бо таҷҳизот ва технологияи наву замонавӣ муҷаҳҳаз буда, барои гузаронидани таҳқиқот, ташхис ва таҳлил дар асоси стандартҳои байналмилалӣ омода шудааст. Ифтитоҳи озмоишгоҳҳои мазкур бо мақсади амалисозии Барномаи “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” сурат гирифта, барои иҷрои саривақтии таҳқиқотҳои бунёдӣ дар илми ватанӣ замина мегузорад. Бо ифтитоҳи озмоишгоҳҳо қадами муҳиме баҳри таҳкими амният ва иқтидори илмӣ на танҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дар тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ гузошта мешавад. Бо мақсади густариши ҳамкории байналмилалӣ ва дар сатҳи стандартҳои ҷаҳонӣ иҷро намудани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ Марказ ёддоштҳои ҳамкорӣ бо Институти физикаи ядроии Узбекистон ва Қазоқистон ба имзо расонидааст.

Иншооти замонавӣ ҳамчунин хизматрасониҳои озмоишгоҳҳои худро барои кишварҳои минтақа пешбинӣ намуда, дастрасии таҳлилҳои босифат ва таҳқиқотро барои ҳалли масъалаҳои марбут ба амният таъмин менамояд. Маркази муосир ба ҳайси платформа барои табодули таҷриба, гузаронидани конфронсҳо ва семинарҳои илмӣ дар оянда хидмат намуда, барои ташаккули ҷомеаи илмӣ, ки ба ҳалли масъалаҳои амнияти ҷисмонӣ ва пешгирии паҳншавии маводҳои химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроӣ равона шудааст, саҳм мегузорад. Дар ин ҷода, ифтитоҳи маркази мазкур афзалиятҳои стратегӣ ва дарозмуддати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар таҳкими амният ва рушди илм дар минтақа инъикос намуда, инчунин садоқати кишварамонро ба ӯҳдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи паҳн накардани аслиҳа тасдиқ мекунад. Барои дастгирии олимони ҷавон 12 ҷойи хоб муқаррар шудааст, ки шароити мусоиди гузаронидани таҳқиқот ва табодули дониш байни олимон аз кишварҳои гуногунро фароҳам меорад. Марказ дорои 4 синфхонаи махсус мебошад, ки дар он намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ниҳодҳои низомӣ омӯзиш гирифта, дар соҳаи муқовимат ба таҳдидҳо, ки ба силоҳи қатли ом ва терроризми химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроӣ алоқамандӣ дорад, дониш ва малакаи худро баланд мебардоранд. Барномаҳои таълимӣ барои ба такмили ихтисос фаро

гирифтани мутахассисон аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ пешбинӣ гардидааст. Аз ин ру ин Марказ яке аз бузургтарин муассисаҳои минтақавӣ барои омодасозии кадрҳо басо муҳим дониста мешавад.

Баъди шиносой бо шароити иншоот Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба корҳои сохтмонӣ ва насби таҷҳизоти озмоишгоҳҳои марказ баҳои баланд дода, барои истифодаи самаранок баҳри рушду таҳкими илми тоҷик ва муаррифӣ намудани дастовардҳои олимони тоҷик дар арсаи байналмилалӣ тавсияҳои судманд доданд.

Пас аз маросими тантанавии ифтитоҳи озмоишгоҳҳо Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо 5 лоиҳаи нави сохтмони биноҳои марказҳои илмию таҳқиқотӣ шинос шуданд. Иттилоъ дода шуд, ки 3 лоиҳа дар асоси ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Мардумии Чин рӯйи кор омадааст. Лоиҳаҳои мазкур на танҳо бо мақсади анҷом додани корҳои илмӣ таҳқиқотии муштарак, балки дар мустаҳкам намудани дӯстии мардумони ду кишвари дӯст дар доираи ибтикороти “Як камарбанд — як роҳ” мусоидат менамоянд. Лоиҳаи бинои Институти илмӣ-таҳқиқотии автомобилҳои нави барқӣ аз 3 ошёна иборат буда, масоҳати умумии бино 2000 метри мураббаъро ташкил медиҳад. Дар иншоот синфхонаҳои таълимӣ, маркази тамрини мошинҳои барқӣ, озмоишгоҳи ташхиси техникӣ, омӯзишии қисмҳои иловагии мошинҳои барқӣ, марказҳои таҳқиқот ва коркард ва коргоҳи маъмурият, толори таълимӣ бо 150 ҷой ва ошхона бо 60 ҷойи нишаст омода мешавад. Бино дорои ҳуҷраҳои омӯзишии замонавӣ ва интеллектуалии бо таҷҳизоти пешрафтаи таълимӣ муҷаҳҳаз хоҳад шуд.

Лоиҳаи бинои Маркази экспедитсия ва санҷиши сарватҳои маъданӣ аз 2 ошёна иборат буда, масоҳати умумии он 2500 метри мураббаъ хоҳад буд. Дар ин ҷо маркази иттилоотӣ, маҷлисгоҳ бо 30 ҷой, ҳуҷраҳои корӣ ва озмоишгоҳи таҳлилии химиявӣ, таҳлили хосиятҳои маводҳо, ҳуҷраи реагентҳо, нигоҳдории боқимондаҳои моддаҳои хавфнок ва заҳролудкунанда ҷойгир мешавад.

Мақсад аз таъсиси Маркази санҷишӣ ва озмоиши канданиҳои фоиданоки маъдан таҳлил ва таҳқиқи конҳои канданиҳои фоиданоки зеризаминӣ ва омӯзишу таҳлили таркиби химиявӣ ва физикаи хок мебошад. Лоиҳаи бинои Маркази илмии технологияҳои иттилоотӣ аз 3 ошёна иборат буда, масоҳати умумии он 2000 метри мураббаъ хоҳад буд. Дар ин ҷо марказҳои иттилоотӣ, идоракунӣ, толори намоишӣ, озмоишгоҳҳои барномасозӣ, шабакавӣ, кабинети мултимедиавӣ ва маркази идоракунӣ ва толори лексионӣ ҷойгир карда мешавад.

Зимни муаррифии лоиҳаи Маркази байналмилалии омӯзишии муқовимат ба терроризм бо истифода аз силоҳи қатли ом ва маводи химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иттилоъ дода шуд, ки он бо мақсади пешгирии зуҳуроти номатлуби ҷаҳони имрӯза, аз ҷумла терроризму экстремизм, бо истифода аз силоҳи қатли ом, маводҳои химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядрой ва истифодабарии дигар усулҳои ҳозиразамон ба нақша гирифта шудааст. Бинои Маркази байналмилалӣ аз 10 ошёна иборат буда, бунёди он дар масоҳати 40 садяк замин пешбинӣ гардидааст. Лоиҳаи 5 бинои филиали Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар вилояти Хатлон буда, сохтмони он дар шаҳри Бохтар ба нақша гирифта шудааст. Бинои мазкур аз маҷмуи биноҳои 2 ва 3-ошёна иборат буда, дар масоҳати 12 садяк замин бунёд мешавад. Дар бинои мазкур сохтмони озмоишгоҳ, ҳуҷраҳои корӣ барои кормандони соҳаи таъмини бехатарии ядрой ва радиатсионӣ, толори маҷлисӣ ва синфхонаҳои муосири муҷҳаз пешбинӣ шудааст. Иттилоъ дода шуд, ки сохтмони бино ва муҷаҳҳазгардонии он аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии байналмилалии неруи атомӣ амалӣ мешавад. Баъди шиносой бо лоиҳаҳои иншооти бунёдшаванда Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъулин барои назорати иҷрои босифати корҳо ва ҷалби мутахассисони маҳаллӣ дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

РОҒУН-ИНШООТИ БУЗУРГИ АСР

Ҷумҳурии Тоҷикистон диёри зебоманзару кӯҳсор ва дорои захираҳои ғании энергетикӣ ба ҳисоб меравад. Ин имконоти бузурги энергетики метавонад ояндаи Тоҷикистонро нурафшон созад. Таъкид бояд кард, ки ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба дигар мамлакатҳои ҳамсоя соҳиби 55% дар сади захираҳои обӣ аст, ки аз ин неъмати бузург бояд оқилонаю сарфакорона истифода кард.

Таъмини бехатарии иқтисодӣ зарурати коркарди стратегияи асосноки идораи захираҳои табиии миллиро муайян менамояд. Ташаккул ва пешрафти иқтидори содиротии Тоҷикистон бо коркарди саноатии захираҳои об ва истифодаи оқилонаи об робитаи зич дорад. Захираҳои об иқтидори бузурги рушди устувор, азнавсозии иқтисодӣ ба шумор мераванд.

Афзалият дар соҳаи истифодаи оқилона ва ҳифзи захираҳои обро «Консепсияи истифодаи самаранок ва ҳифзи захираҳои об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст (с.2001) муайян мекунад.

Сохтумони лоиҳои бузурги энергетикӣ – НОБ-и Роғун дар Тоҷикистон ҳанӯз охири солҳои 70 — уми асри гузашта шурӯъ шуда буд, вале бо сабабҳои гуногун нотамом монд. Имрӯз НБО-и «Роғун» майдони заҳматҳои самарабахш, мояи ифтихору эътибори давлат, ҳастии шуҷоату мардонагӣ ва шарафмандии миллати тоҷик гаштааст.

Бунёди Роғун яке аз бузургтарин ншооти аср маҳсуб меёбад, ки ҳам аз ҷиҳати иқтисодӣ ва ҳам аз ҷиҳати сиёсӣаҳамияти бузург дорад. Баъди ба истифода додани НБО-и «Роғун» дар кишвари азизамон корхонаҳои зиёди саноатӣ ба кор даромада, аҳолӣсоҳиби ҷои корӣмешавад, нуфузи муҳоҷирати меҳнати кам мегардад ва дар баробари ин иқтисодиёти ҷумҳурӣпеш меравад. Аз диду нигоҳи сиёсӣ бошад, давлатамон дар байни давлатҳои тараҚиёфтаи ҷаҳон мавқеи худро боз ҳам боло хоҳад бурд.

Роғун пуриқтидортарин нерӯгоҳдар Осиёи Марказӣ маҳсуб дониста мешавад. Иқтидори тавлиди нерӯи барқи Роғун 13,5 млрд квт — ро ташкил медиҳад, ки ин барои таъмини истиқлолияти энергетикӣ аҳамияти калон дорад.

Албатта, бо бунёди ин нерӯгоҳ Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқлолияти энергетикиро пурра ба даст меорад. Ин ҳама заҳматҳои пурмашаққати Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буданд, ки имрӯз ду агрегати он ба фаъолият оғоз намуданд ва мамлакати мо рӯз то рӯз барои ноил шудан ба истиқлолияти энергетикӣ ғадамҳои устувор мегузорад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз намуда буданд, ки НБО «Роғун» макони созандагию меҳнат аст. Аз рӯйи ҳисоби мутахассисон, барои сохтмони пурраи нерӯгоҳи Роғун миллиардҳо доллар зарур аст, ки ин маблағи хеле бузург мебошад. Бинобар ин, Президенти кишвар оид ба ин масъалаи муҳим ба халқ муроҷиат намуданд.

Инак рӯзи нангу номус, рӯзи саховатмандиву ҷавонмардӣ ва саҳмгузорӣдар рушду инкишофи ободии Ватан фаро расидааст. Месазад, ки ҳама аз як гиребон сар бароварда, баҳри ҳифзи нангу номуси ватандорӣ ва заҳматҳои шабонарӯзии сарвари давлат ба хотири таъминоти мунтазами барқва ободии Ватан саҳмгузор бошем. Зеро, сохтмони нерӯгоҳи «Роғун» талаби давру замон аст ва ҳар фарди солимфикру худогоҳ ҳам дар дохил ва ҳам дар хориҷи кишвар онро бояд хуб дарк намояд.

Имрӯз вақти он расидааст, ки тамоми мардум якдилона ин иқдоми пешгирифтаи Пешвои миллатро дастгирӣ намоем. Итминони комил дорам, ки миллати соҳибмаърифати тоҷик ба ин кор қодир аст ва дар ин роҳ мо, ҳатман, пирӯз хоҳем шуд.

Қудрату шаҳомати нерӯгоҳи «Роғун», аллакай дар хонаи дилҳо эҳсос мешавад ва хушбахтиву комёрии миллатамонро дар ин самт дар ояндаи мушоҳида хоҳем кард.

Оре, Рогунро бояд созем. Дар канор будани ҳар яки мо аз рӯйи виҷдону имон нест. Ватандорӣ аз имон аст ва имрӯз рӯзи ватандории мо фаро расидааст.

Қурбонов Амиршо – *д.и.х., директори Филиали Агетии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар вилояти Хатлон*

30 СОЛ АЗ ҚАБУЛИ КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: САНАДИ БУНЁДИИ ПЕШРАФТ ВА АМНИЯТИ МИЛЛӢ

6 ноябри соли 1994, дар таърихи Тоҷикистон санаи муҳиме сабт гардид. Бо қабули Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, халқи тоҷик роҳ ба сӯи як давлати ҳуқуқбунёд ва демокративу дунявиро бо тасмимгирии умумихалқӣ оғоз намуд. Ҳамчун санади бунёдии давлатдорӣ, Конституция заминаҳои мустаҳкам барои пойдории сулҳ, рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва беҳдошти зиндагии мардум фароҳам овард. 30 соли гузашта нишон дод, ки ин санад на танҳо омили устувории дохилӣ, балки воситаи муаррифии Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ низ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон – Пешвои миллат ва ташаккули низоми давлати ҳуқуқбунёд

Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаббус ва роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, таҳия ва тасдиқ гардид. Ӯ дар шароити ниҳоят мураккаби сиёсӣ масъулияти бузурги роҳбарии кишварро бар дӯш гирифта, барои ба сулҳу субот овардани мардум ва таъмини ягонагии миллӣ аз тамоми имконот истифода бурд. Қабули Конституция дар даврони соҳибистиқлолӣ як қадами бебозгашт барои ташаккули давлати ҳуқуқбунёд ва таъмини кафолати ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон буд.

Нақши Конституция дар таъмини сулҳ ва суботи миллӣ

Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мисли пайвандгари ҳамаи гуруҳҳои иҷтимоии кишвар амал мекунад ва таъкид бар ин аст, ки ҳамаи шаҳрвандон новобаста аз мансубияти миллию мазҳабӣ ва иҷтимоӣ, дар назди қонун баробар ҳастанд. Бо қабули Конституция, Тоҷикистон роҳи ба сулҳу субот овардани мардумро тай намуда, як низоми идоракунии устуворро дар асоси арзишҳои умумибашарӣ ва миллӣ ба роҳ монд.

Ислоҳоти конституционӣ ва такмили меъёрҳои қонунгузорӣ

Дар давоми 30 сол, бо дарназардошти рушди ҷомеа ва пешрафти давлатдории тоҷик, ба Конституция тавассути раъйпурсиҳои умумӣ се маротиба – солҳои 1999, 2003 ва 2016 – тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд. Ин ислоҳотҳо барои ба низоми қонунгузории кишвар ворид намудани талаботҳои нави замон замина гузошта, ба таъмин намудани амнияти ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ

барои шаҳрвандон мусоидат карданд. Дар натиҷа, меъёрҳои қонунгузорӣ бо меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мувофиқат карданд, ки ин ба равобити байналмилалии Тоҷикистон дар арсаи сиёсӣ ва иқтисодӣ мусоидат намуд.

Конституцсия – санади асосии рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ

Дар заминаи Конституцсия, давлат дар даврони соҳибистиқлолӣ ба такмил додани сохторҳои давлатӣ, идоракунии самараноки иқтисод ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ равона гардид. Сиёсати устувори иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат шароити мусоидро барои рушди соҳаҳои саноат, кишоварзӣ ва инфрасохтори кишвар фароҳам овард. Конституцсия кафолат дод, ки сиёсати давлат дар асоси манфиатҳои мардум нигаронида шуда, адолат ва баробарии иҷтимоӣ таъмин карда шавад.

Ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон – мақсади аслӣ ва арзиши муҳими Конституцсия

Қабули Конституцсияи нав ба халқи Тоҷикистон имконияти фаровон фароҳам овард, ки ҳуқуқ ва озодиҳои худ, новобаста аз нажод, миллат, ҷинс ва дигар мансубиятҳо ҳифз карда шаванд. Меъёрҳои конституцсионӣ таъкид мекунанд, ки Тоҷикистон дар таъмини ҳуқуқҳои инсон дар сатҳи ҷаҳонӣ пешрав мебошад ва барои дастгирии озодиҳои бунёдии ҳар як шахс дар кишвар аҳамияти баланд медиҳад.

Конституцсия ва дастовардҳои 30 сол дар таҳкими амният ва обрӯи байналмилалӣ

Бо қабули Конституцсия, Тоҷикистон тавонист дар равобити байналмилалӣ мавқеи мустаҳкам пайдо кунад ва бо кишварҳои ҷаҳон дар масъалаҳои амниятӣ ва стратегӣ ҳамкории густурда ба роҳ монад. Аз ҷумла, дар масъалаҳои ҳифзи амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроӣ, ки барои ҷомеаи ҷаҳонӣ низ аҳамияти махсус доранд, Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолона амал намуда, бехатарии миллии худро бо таъмини меъёрҳои баланди байналмилалӣ муҳофизат мекунад.

Натиҷа ва аҳамияти таърихии Конституцсия

30 соли гузашта нишон доданд, ки Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон санади азим ва таърихиест, ки на танҳо дар мустаҳкам кардани пояҳои давлатдорӣ, балки дар афзоиши шуур ва фаҳмиши ҳуқуқии ҷомеа низ нақши муҳим дорад. Дар шароити пешрафти замон, Конституцсия ҳамчун санади таҳкимбахши истиқлолият ва ваҳдати миллӣ идома ёфта, ба ҳар як шаҳрванди кишвар кафолати ҳуқуқӣ ва эътимоди қавӣ барои ояндаи дурахшон медиҳад.

Илхом Мирсаидзода –д.и.т., профессор,
Директори Агентииамнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияимиллии илмҳои Тоҷикистон.
аз номи Директори Агентии амниятихимиявӣ, биологӣ, радиатсионӣва ядроии Академияимиллии илмҳои Тоҷикистон.

Таҳти унвони «Конституцсия-шиносномаи миллат» дар Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии АМИТ маҷлиси тантанавӣ доир гардид

Имрӯз бахшида ба 30-юмин солгарди қабули Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таҳти роҳбарии директори Агентӣ профессор, Илҳом Мирсаидзода дар мавзӯи «Конституцсия–шиносномаи миллат», маҷлиси тантанавӣ доир гардид, ки дар он ҳайати кормандони дастгоҳи марказӣ, шуъбаву бахшҳо ва Филиалҳои Агентӣ дар вилоятҳои Суғд, Хатлон ва Бадахшон ба таври маҷозӣ иштирок намуданд.

Чорабиниро директори Агентӣ Илҳом Мирсаидзода ифтитоҳ бахшида, нахус ҳозиринро ба муносибати 30-юмин солгарди қабули Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон табрику таҳнинят намуда, зикр намуд, ки қабули Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун руйдоди бузургу таҳдирсоз дар таърихи навини халқи тоҷик бо ҳарфҳои заррин сабт гардида, нақши он ҳамчун роҳнамо дар рушд ва пешрафти ҷомеаи Тоҷикистон асрҳои аср хидмат хоҳад кард.

Иттиллоъ дода шуд, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар меҳвари Конституцсия дар моддаи 5 зикр гардидааст. «Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд».

Зикр гардид, ки мардуми шарифи Тоҷикистон дар натиҷаи талошҳои шабонарӯзӣ ва иродаи қавии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 30 сол муқаддам, яъне дар таърихи 6 ноябри соли 1994 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ ба қабули ин санади волои миллии худ муяссар гардид ва ормонҳои ҳазорсолаи худро амалӣ намуд.

«Мардуми соҳибтамаддуни тоҷик бо ибтикори Пешвои муаззами худ воқеан сазовори чунин Конституцсияи ифодакунандаи ҳама гуна нияту амалҳои поки миллат ва давлати воқеан соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона гардид», афзуд директори Агентӣ ва илова намуд, ки рамзу нишони давлатӣ ва дигар муқаррароти Конституцсияи Ҷумҳури

Тоҷикистон барои ҳамаи тоҷикону тоҷикистониён мояи ифтихор ва сарфарозист.

Дар идомаи чорабинӣ, ҳамчунин роҳбарияти Агентӣ ҳамаи кормандони ин ниҳоди махсусан муҳими илмиро дар робита ба ифтитоҳи Озмоишгоҳи наву замонавӣ, ки дар арафаи ҷашни Рӯзи Конституцсия ва 33-юмин солгарди Истиқлоли давлатӣ, бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси шаҳри Душанбе, муҳтарам Рустами Эмомалӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт, самимона шодбош гуфта, миннатдории худро баён намуд. Илова бар ин, директори Агентӣ ҷиҳати иштироки фаъолона ва саҳмгузорӣ дар корҳои ободонӣ, баҳри бунёди ин бинои наву замонавӣ ба ҳар як корманд изҳори сипос намуд.

Дар интиҳои чорабинӣ иштирокчиён перомуни арзишҳои маънавию сиёсӣ ва бунёди Конституцсия андешаронӣ намуданд.

НБО - “Роғун” иншооти тақдирсоз ва омили боз ҳам баланд гардидани сатҳи некуаҳволии мардуми Тоҷикистон

Миллати точик аз кадимулайём сохиби хираду идрок ва мехнатдӯсту пурғайрат буд. Он хамеша дар пайи ободиву озодагист. Ин миллати бузург хамеша кӯшиш бар он медиҳад, ки ба касе дастнигару эхтиёҷманд набошад. Душвориву мамониатҳоро бо заҳмати бузурги худ паси сар намояд. Ҳамин аст, ки аҳли кишвар имрузҳо бо иродаи қавӣ, пайи ободии ватани азиз, масхусан НБО “Роғун” заҳмат мекашанд.

Барҳақ, давлате, ки заминаи рушди имрӯза ва ояндаро мегузорад, суботи иқтисодӣ ва иқтидори сиёсии худро нигоҳ дошта, сатҳи зиндагии мардумро баланд мебардорад. Хушбахтона, Тоҷикистони соҳибистиқлол дар ин самт қадамҳои дилпуронаро пеш мебарад. Иқдоми муҳими давлату Ҳукумати кишвар бунёди иншооти аср – НБО “Роғун” мебошад, ки яке аз сохтмонҳои азими аср ва ояндадори Ватани маҳбубамон маҳсуб мешавад. Солҳои охир давраи муҳими бунёди ин иншооти нодир фаро расид, ки барои анҷоми кору нақшаҳо мутахассисони ватанию хориҷӣ шабу рӯз талош меварзанд.

НБО “Роғун” иншооти тақдирсоз, омили боз ҳам баланд гардидани сатҳи некуаҳволии мардуми Тоҷикистон мебошад. Оғози фаъолияти нерӯгоҳ муҳимтарин рӯйдоди таърихи давлатдории мардуми тоҷик аст ва он дар солномаи таърихӣ бо ҳарфҳои заррин сабт гардид. Зеро нерӯи барқи аз ҷиҳати экологӣ тоза истеҳсолшуда талаботи аҳолии мамлакатро ба нерӯи барқ пурра қонеъ намуда, илова бар ин нуфузи Тоҷикистонро ҳамчун кишвари содиркунандаи нерӯи барқ дар минтақа

боз ҳам боло хоаҳ бурд, ки ин ба рушди иқтисоди миллии кишвар такони ҷиддӣ мебахшад.

НБО “Роғун” дар рӯдхонаи Вахш сохта шуда, бо иқтидори муқарраршудааш, ки 3600 МВт пешбинӣ гардидааст, бузургтарин нерӯгоҳи барқи обӣ дар Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравад. Дар нерӯгоҳи мазкур шаш агрегат бо иқтидори 600 МВт насб карда шуда, дар як сол беш аз 17,0 миллиард кВт / соат нерӯи барқ ҳосил мекунад.

Сарбанди нерӯгоҳ 335 метр буда, баландтарин сарбанд дар ҷаҳон ба шумор меравад. Ҳаҷми умумии обанбори Роғун 13,3 км³ ва ҳаҷми муфиди он 10,3 км³ - ро ташкил медиҳад. Роғун як маҷмааи гидроэнергетикӣ бо ҳадафҳои бузург, аз ҷумла тавлиди нерӯи барқ, танзими об, коҳиш додани хатари обхезӣ ва хушксолӣ ба нақша гирифта шудааст.

Бар асоси ин далелҳо метавон гуфт, ки нерӯгоҳи барқи обии “Роғун” на танҳо барои Тоҷикистон, балки барои минтақа ва ҷаҳон ҳамчун иншооти зарурӣ ва фоидаовар муҳим аст.

Тавре иттилоъ дорем, маҳз бо иштироки Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 29 октябри соли 2016 маҷрои дарёи Вахш баста шуда, бунёди сарбанди Неругоҳи барқи обии “Роғун” оғоз ёфт.

Ҳамин тариқ, 16 ноябри соли 2018 ва 9 сентябри соли 2019 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон агрегатҳои якум ва дуюми НБО – “Роғун” - ро ба кор дароварданд ва нерӯи барқи тавлидшаванда ба системаи умумии энергетикии мамлакат интиқол дода шуд, ки орзуву омоли деринаи миллати тоҷик амалӣ гардид.

Хулоса, иншооти бузурги аср, яъне НБО - “Роғун” ҳамчун нерӯгоҳи барқӣ-обӣ, барои миллати тоҷик на танҳо нуру зиё, балки баракату фаровонӣ, якдигарфаҳмӣ, пешрафти давлат ва рушди иқтисодро дар ҳамбастагӣ таъмин менамояд. Роғун ҳамчун нигине аз алмос дар тоҷи заррин буда, ояндаи неки миллати мо мебошад.

Бинобар ин, ҳар як фарди бо нангу номусро зарур аст, ки барои амалӣ шудани ҳадафҳои созанда ва таъмини пурраи истиқлолияти энергетикӣ камари ҳимат баста, самаранок кор ва фаъолият намояд.

Ин кохи нур, ҳамчун маъхази гарон баробари ба анчом расидану қад афрохтан чун нур ва нишоту шодӣ ҳувайдо мегардад, зеро он аз иттиҳоди бузурги миллати баору номус ва аз саҳми Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон то хурду бузурги ин сарзамини офтобӣ ба авҷ сар кашид.

Комилҷон Эрматов –
директори Филиали Агетии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар в.Суғд

Роғун-иншооти бузурги аср

Ҷумҳурии Тоҷикистон диёри зебоманзару кӯҳсор ва дорои захираҳои ғании энергетикӣ ба ҳисоб меравад. Ин имконоти бузурги энергетикӣ мета-ваонад ояндаи Тоҷикистонро нурафшон созад.

Бо талошу заҳмат ва дастуру ҳидоятҳои созандаи Пешвои муаззами миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷики-стон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сохтмони НБО-«Роғун» сурат гирифт. НБО “Роғун” яке аз бузургтарин иншооти аср маҳсуб меёбад. Ин нерӯгоҳ дар дарёи Вахш ҷой гирифта, аз 6 чарха иборат мебошад ва иқтидори ҳар кадомашон 600 МВт-ро ташкил медиҳад. Баъди ба охир расидани корҳои сохтмонӣ баландии сарбанди Неругоҳи барқии обии «Роғун» 335

метрро ташкил хоҳад дод ва иқтидори он ба 3600 МВт мерасад, ки дар Осиёи марказӣ калонтарин нерӯгоҳи барқӣ ба шумор меравад. Хушбахтона, чархаи якуми Неругоҳи барқии Роғун 16 ноябри соли 2018 ва чархаи дуюми он 9 сентябри соли 2019 бо иштироки Пешвои муаззами миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба кор дарвоарда шуд.

Ин иншооти муҳими стратегӣ барои зиндагии сазовори наслҳои имрӯзу ояндаи кишвари азизамон асрҳо хизмат хоҳад кард. Он баҳри рушди иқтисодиёт ва дар маҷмӯъ барои пешрафти тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат заминаи мусоид фароҳам меорад. Дар натиҷаи пурра ба истифода додани Неругоҳи барқии обии Роғун даҳҳо корхонаҳои нави саноатӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифта, тамоми хоҷагии халқи мамлакат бо пурагӣ бо барқ таъмин мегарданд.

Илова бар ин, баъди ба охир расидани сохтмон ин иншооти бузурги аср Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад, пурра ба истиқлолияти энергетикӣ дастёб гардида, ҳамчун давлати транзитӣ ба содироти қувваи барқ барои минтақа ва Осиёи Марказӣ саҳмгузор бошад, ки ин ба рушди иқтисодиёти мамлакат бетаъсир нахоҳад монд.

Бо пайгирӣ аз сиёсати оқилонаву хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти мамалакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳар як шаҳрванди худшинос ва бо нангу номуси кишварро зарур аст, ки баҳри ободию созандагӣ ва гул-гулшукуфоии ва-тани азизамон – Тоҷикистони соҳибистиқлол саҳми босазои худро гузорад.

Хурсанд Илолов-
директори Филиали
Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ
дар ВМКБ

"Алгоритми навиштани мақолаҳои илмӣ". Таҳти ин унвон дар Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ семинари илмӣ-амалӣ доир гардид

12 ноябри соли ҷорӣ дар толори Озмоишгоҳи навбунёди Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бо иштироки олимони ҷавон ва ходимони илмии Агентӣ, дар мавзӯи “Алгоритми навиштани мақолаҳои илмӣ”, семинари илмӣ-амалӣ доир гардид.

Семинари мазкур таҳти роҳбарии ходими илмии Агентӣ, номзади илмҳои химия - Хакимова Нодира баргузор гардида, ба шунавандагон тарзи дурусти пешниҳод ва навиштани мақолаҳои илмӣ, инчунин мавзуъҳои таҳиққшаванда бо иштироки ходимони илмӣ, мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор дода шуд.

Дар идомаи семинар ба иштирокчиён дар бораи сохтори навишти мақолаҳои илмӣ, мафҳуми таснифи даҳгонаи универсалӣ,

аҳамият ва интихоби он маълумоти муфассал пешниҳод гардид.

Таваҷҷӯҳи махсус ба тарзи дурусти навишити калимаҳои асосӣ, сохтори муқаддима, муҳтавои мақола ва манбаъҳои адабиёти истифодашаванда дар мавзӯи интихобшуда зоҳир карда шуд.

Дар интиҳои семинар байни иштирокчиён мубоҳисаҳои илмӣ сурат гирифта, тарзи дурусти навиштани мақолаҳои илмӣ бо мисолҳо пешниҳод гардид.

Ободонӣ ва созандагӣ

info@cbrn.tj
www.cbrn.tj

Шанбегии дастаҷамъонаи кормандони Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ

Дар асоси Қарори раиси шаҳри Душанбе дар бораи эълон гардидани соли 2024 “Соли маърифати экологӣ” дар шаҳри Душанбе, таҳти №114 аз 27 феврали соли 2024, дар арафаи ҷашни байналмилалии Наврӯз ва фасли зебои баҳор корҳои созандагию бунёдкорӣ авҷи тоза мегиранд.

Бо ин мақсад, ҷиҳати тозаю озода нигоҳ доштани назди коргоҳу роҳравҳо, сабзу хуррам гардонии ҳифзи муҳити зист ва ба ин васила баланд бардоштани маърифати экологии ҷомеа дар тамоми корхонаву муасиссаҳо “Рӯзҳои шанбегӣ” баргузор мегардад.

Аз ҷумла тибқи қарори Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва фармоиши директори Агентии ХБРЯ-и АМИТ, санаи 16 марти соли 2024 дар назди бинои Маркази омӯзишии Агентии номбурда шанбегӣ баргузор гардид.
Дар рафти “Шанбегӣ” тамоми кормандони Агентии амнияти ХБРЯ - и АМИТ ба корҳои тозагӣ ва сабзазоркунии гирду атроф ҷалб гардидаанд.

Ифтитоҳи майдони варзишӣ дар Маркази таълимӣ ва омӯзишии Агентии амнияти ХБРЯ – и АМИТ



18 марти соли 2024 дар доираи тантанаҳои идона бахшида ба ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ бо иштироки Қобилҷон Хушвахтзода - Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Илҳом Мирсаидзода -директори Агентии амнияти ХБРЯ – и АМИТ, маросими кушодашавии майдони варзишӣ дар Маркази таълимӣ ва омӯзишии Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии АМИТ баргузор гардид.

Итиллоъ дода шуд, ки дар ин майдони вазишӣ, ки дар масоҳати 450 метри мураббааъ сохта шудааст, мусобиқаҳои футбол, волейбол, тениси рӯй мизӣ ва дигар машғулиятҳои варзишӣ байни кормандони институтҳои АМИТ гузаронида мешаванд.

Ёдовар мешавем, ки варзиш асоси нигоҳ доштани саломатии бардавоми инсон ба ҳисоб меравад. Ҳамин аст, ки саломатии миллат боигарии давлат аст, аз ҳамин лиҳоз дар тули солҳои соҳибистиқлолӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди ин соҳа корҳои азимеро ба сомон расонидааст, ки ҳамаи мо аз ин баҳраварем.

Шанбегии дастаҷамъонаи кормандони Филиали Агентии амнияти ХБРЯ – и АМИТ дар вилояти Суғд

Бо мақсади дар амал татбиқ намудани Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷлиси Протоколи №1 аз 24 январи соли 2024, ҳамзамон супориши Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва фармоиши директори Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиастсионӣ ва ядроии АМИТ - Илҳом Мирсаидзода аз 28 феврали соли 2024 оид ба тақвият додани корҳои созандагиву ободонӣ дар муассисаҳои илмӣ, филиалҳо ва ниҳодҳои Агентии амнияти ХБРЯ – и АМИТ, 30 - уми марти соли 2024 дар саҳни ҳавлии бинои Филиали Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядрой дар вилояти Суғд шанбегӣ гузаронида шуд.

Дар шанбегӣ тамоми командони Филиали Агентӣ дар вилояти Суғд фаъолона иштирок намуда, саҳни ҳавлӣ ва ҷӯйборҳоро аз партовҳо тоза намуданд. Инчунин, дарахтони ҳудуди бинои маъмурии Филиали Агентӣ дар вилояти Суғд ба тартиб дароварда шуда, замини наздиҳавлигӣ низ ҷуфт гардид, ки барои шинонидани гулҳои ороишӣ омода карда шуд.

Бояд тазаккур дод, ки масъалаи тозаю озода нигоҳ доштани мӯҳити коргоҳ ва биноҳои маъмурӣ мавриди таваҷҷуҳи роҳбарияти Агентӣ қарор дошта, аз ҷониби кормандони Филиали Агентӣ дар вилояти Суғд, ҳар ҳафта шанбегӣ баргузор мегардад, ки ба ин васила дар тозагии ҳифзи муҳити зист ва кишвари азизамон саҳмгузор мебошанд.

Шанбегии дастаҷамъона дар Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ

Дар асоси Қарори раиси шаҳри Душанбе дар бораи эълон гардидани соли 2024 “Соли маърифати экологӣ” дар шаҳри Душанбе, таҳти №114 аз 27 феврали соли 2024, бо мақсади корҳои созандагию бунёдкорӣ ва ободонӣ, 6-уми апрели соли 2024 дар Маркази таълимии Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии АМИТ шанбегӣ баргузор гардид.

Кормандони Агентии амнияти ХБРЯ- и АМИТ бо як масъулияти баланди шаҳрвандӣ ва шаҳрнишинӣ саҳни ҳавлӣ, гирду атрофи биноҳои маъмурӣ ва ҷӯйборҳо Марказро аз ҳар гуна партовҳои ифлос тоза намуданд.
Ҳамзамон аз ҷониби кормандони Агентӣ дарахтони гирду атрофи Маркази номбурда нарм гардида ва дар роҳравҳои назди он дарахтони арча шинонида шуд.

Баргузории ҳашарҳои дастаҷаъмона ва шанбегиҳо идома ёфта, кормандони Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ бо ин роҳ саҳми арзандаи хешро дар тозаву озода намудани муҳити табиат, ободӣ ва гулгун шукуфоии пойтахти азизамон шаҳри Душанбе саҳм мегузоранд.

Ташкили шанбегии дастаҷамъона дар маркази таълимии Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ

Дар партави дастуру ҳидоятҳои созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва иқдомҳои бунёдкоронаи Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ кишвари азизамон, ба хусус пойтахти мамлакат шаҳри Душанбе рӯз то рӯз сабзу хуррам гашта, ба яке аз беҳтарин давлатҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза мубаддал гардидааст.

Бо мақсади тозаю озода нигоҳ доштани муҳити зист, гирду атрофи биноҳои маъмурӣ ва гулгашту роҳравҳо санаи 4-уми майи соли равон дар маркази таълимии Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии АМИТ, шанбегии дастаҷамъона доир гардид.
Зимни баргузории шанбегии дастаҷамъона, ки бо иштироки ҳамаи кормандон доир гардид, гирду атрофи биноҳои корӣ ва роҳравҳо, инчунин назди бинои маъмурии Маркази таълимӣ аз ҳар гуна партовҳо тозаю озода гардид.
Мариди зикр аст, ки иқдомҳои ободкориву созандагии роҳбарияти давлату Ҳукумат ва АМИТ зери роҳбарии Илҳом Мирсаидзода - директори Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ ба таври саривақтӣ мавриди иҷроиш қарор дода мешаванд, ки аз садоқату муҳаббат ва ҳисси баланди масъулиятшиносии кормандони ин ниҳод шаҳодат медиҳад.

орҳои созандагию ободкорӣ дар Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ

Дар пайравӣ аз иқдомҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Қарори раиси шаҳри Душанбе дар бораи эълон гардидани соли 2024 “Соли маърифати экологӣ” дар шаҳри Душанбе, таҳти №114 аз 27 феврали соли 2024 дар Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии АМИТ корҳои созандагию бунёдкорӣ ва ободонӣ вусъат ёфта истодааст.

Кормандони Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ бо як масъулияти баланди шаҳрвандӣ ва шаҳрнишинӣ саҳни ҳавлӣ, гирду атрофи биноҳои маъмурӣ ва ҷӯйборҳои маркази таълимӣ ва озмоишгоҳи Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ-ро аз ҳар гуна партовҳои ифлос тоза намуданд.

Баргузории ҳашарҳои дастаҷамона ва шанбегиҳо идома ёфта, кормандони Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ бо ин роҳ саҳми арзандаи хешро дар тозаву озода намудани муҳити табиат, ободӣ ва гулгун шукуфоии пойтахти азизамон шаҳри Душанбе саҳм мегузоранд.

Бояд қайд намуд, ки иқдомҳои ободкориву созандагии роҳбарияти давлату Ҳукумат, роҳбарияти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ ба таври саривақтӣ мавриди иҷроиш қарор дода мешаванд, ки аз садоқату муҳаббат ва ҳисси баланди масъулиятшиносии кормандони ин ниҳод шаҳодат медиҳад.

Шанбегӣ ва корҳои ободонӣ дар Филиали Агентии амнияти ХБРЯ дар вилояти Суғд

10-уми августи соли 2024 аз ҷониби кормандони Филиали Агентии амнияти ХБРЯ – и АМИТ дар вилояти Суғд шанбегӣ гузаронида шуд. Дар рафти шанбегӣ корҳои нармкунии бехи дарахтон, гулу буттаҳо, тозаю озодана намудани ҷӯйборҳо, баровардани партовҳо ва рангубор намудани гирду атрофи бинои маъмурӣ ва гирду атрофи он ба анҷом расонида шуд.

Мақсади асосии ташкили шанбегиҳо тоза нигоҳ доштани ҳифзи муҳити зист ва хуррамгардонии ин гушаи зебоманзари шаҳр мебошад. Илова бар ин ҳайати кормандони Филиали Агентӣ, шоху баргҳои зиёдатии дарахтони ҳамешасабзи саҳни ҳавлии бинои маъмуриро ба тартиб даровардaнд.

Бояд ёдовар шуд, ки мутобиқи нақшаи тасдиқгардида, корҳои созандагию ободкорӣ бо ташаббуси роҳбарият ва кормандони Филиали Агентӣ мунтазам идома меёбад.

Ҳайати кормадони Филиали Агенти тасмим гирифтанд, ки бо мақсади таҷлил аз 33-юмин солгарди ҷашни Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарки масъулияти баланди шаҳрвандӣ ва шаҳрнишинӣ, дар хуррамгардонии шаҳри Бустон, минбаъд низ саҳми худро гузоранд.

Робитаҳои байналмилалӣ

Татбиқи лоиҳаи миллии АБНА бо Маркази миллии ташхиси амнияти озуқавории Кумитаи бехатарии озуқавории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

18 - уми январи соли 2024 дар Маркази миллии ташхиси Кумитаи бехатарии озуқавории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба татбиқи лоиҳаи миллии Агентии Байналмилалии Неруи Атомӣ (АБНА) TAD7003 "Таҳкими иқтидор оид ба мониторинги радионуклидҳо дар хӯрокворӣ, маводи ғизоӣ ва об" мулоқот доир гардид.

Зимни баргузории мулоқот аз номи Агентии Байналмилалии Неруи Атомӣ (АБНА) ба сифати ёрдамчиёни ҳамоҳангсози миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муовини директори Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон – Матин Ахмедов ва инчунин мудири шуъбаи муносибатҳои байналмилалӣ ва робита бо ҷомеаи Агентӣ - Олимҷон Азизов иштирок намуданд.

Дар рафти баргузории мулоқот бо роҳбарият ва мутахассисони маркази мазкур масъалаҳои марбут ба таҷҳизонидани озмоишгоҳ ва таҳкими иқтидори он мавриди баррасии ҷонибҳо қарор гирифт. Ин лоиҳа аз соли 2018 инҷониб амалӣ карда мешавад ва то имрӯз ҳамаи чорабиниҳо амалӣ карда шудаанд. Асбобҳои баландтехнологӣ харидорӣ карда шуда, ҳамзамон озмоишгоҳи радиометрикӣ таъсис дода шуд, ки айни замон тамоми таҷҳизоти зарурии озмоишгоҳӣ (лабораторӣ), ба монанди яхдонҳо барои нигоҳ доштани намунаҳо, оташдони муфелӣ, ҷевонҳои хушккунӣ, сентрифуга, рн-метр, ҷевони истихроҷ, тарозуи таҳлилии синфҳои мухталиф, инчунин зарфҳои озмоишгоҳӣ, маводи истинодӣ ва истеъмолӣ дорад. Барои иҷрои вазифаҳои таҳқиқоти радиометрикӣ дар маҳсулоти хӯрокворӣ тибқи талаботи стандартҳои миллӣ ва байналмилалӣ аз ҷумла асбобҳои зерин харидорӣ карда шуданд: Гамма-спектрометри Nai (Tl) Scintillation Detector System, спектрометри алфа-бета (liquid Scintillation Counting System).

Дар ҷараёни татбиқи лоиҳаи мазкур ҳамаи таҷҳизоти зарурии озмоишгоҳӣ саривақт дастрас гардида, ҳамзамон насб карда шуданд.

Дар доираи иҷроиши лоиҳа, инчунин мутахассисони Маркази миллии ташхиси амнияти озуқавории Кумитаи бехатарии озуқавории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Институти илмӣ-таҳқиқотии умумирусиягии радиология ва агроэкологияи шаҳри Обнински Федератсияи Русия ва Институти физикаи ядроии шаҳри Алмаатои Ҷумҳурии Қазоқистон таҳсил карданд. Дар ҷараёни таълим мутахассисон бо парки асбобҳои институтҳо, роҳу усулҳо ва ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ шинос шуданд. Пас аз хатми таҳсил ба онҳо сертификатҳои дахлдор супорида шуданд.

Ҳамин тариқ, мутахассисони омӯзонидашуда намунаҳоро бо усулҳои гамма - спектрометрӣ ва бета - спектрометрӣ дар таҷҳизоти харидашуда

дар доираи лоиҳаи миллӣ таҳқиқ мекунанд.

Бояд қайд кард, ки миқдори ифлоскунандаҳои химиявӣ ва радионуклидҳо дар ашёи хоми озуқаворӣ ва ғизо бояд назорат карда шаванд. Феълан дар маркази мазкур фаъолнокии тсезий-137 ва стронтсий-90 дар хӯрок ва ашеи хом, ки дар ҷумҳурӣ ворид карда мешаванд е истеҳсол карда мешаванд, чен карда мешавад.

Қайд кардан зарур аст, ки чунин ҳамкориҳо бо шарикони байналмилалӣ аз ҷумла бо Агентии Байналмилалии Неруи Атомӣ бо дастгирии Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба Кумитаи амнияти озуқаворӣ ҷиҳати расидан ба вазифаҳои дар соҳаи таъмини амнияти маҳсулоти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошташуда кӯмак мерасонанд.

Маросими расмии супоридани таҷҳизоти иловагии ташхисӣ бо дастгирии Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар доираи татбиқи лоиҳаи миллии Агентии Байналмилалии Неруи Атомӣ (АБНА)

15-уми феврали соли 2024 дар доираи татбиқи лоиҳаи миллии Агентии Байналмилалии Неруи Атомӣ (АБНА) TAD6007 - таҚвияти марказҳои саратоншиносӣ ва TAD6008 - рушди хизматрасониҳои ташхисии марказҳои саратоншиносӣ дар Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии саратоншиносӣ» Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон маросими тақдими навбатии таҷҳизоти иловагӣ, аз ҷумла, мизи универсалӣ барои томографияи компютерӣ ва дигар таҷҳизоти муосири ташхисӣ, ба марказ баргузор гардид.

Дар маросими супоридани таҷҳизоти иловагии ташхисӣ Матин Ахмедов - муовини директор ва Олимҷон Азизов - мудири шуъбаи муносибатҳои байналмилалӣ ва робита бо ҷомеаи Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии АМИТ – ҳамчун ёрдамчиёни ҳамоҳангсози миллӣ

иштирок намуда, ҷиҳати сари вақт ташхис ва пешгирӣ намудани беморихои саратоншиносӣ дар ҷумҳурӣ аз номи Агентии Байналмилалии Неруи Атомӣ (АБНА) таҷҳизотро ҳадя намуданд.

Сардухтури Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии саратоншиносӣ» ВТҲИА ҶТ - Ҳусейнзода Зафар таҷҳизоти иловагии ташхисиро ҷиҳати саривақт ташхис ва пешгирӣ намудани беморони гирифтори саратоншиносӣ дар ҷумҳурӣ арзёбӣ намуд. «Яке аз роҳҳои табобати бемории саратон ин гузаштан аз муолиҷаи нурӣ мебошад, ки ин иқдом баъд аз татбиқи лоиҳаҳои гуногуни Агентии Байналмилалии Неруи Атомӣ (АБНА) шуруъ аз соли 2005 бо дастгирии Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии АМИТ имконпазир гардид» - иброз дошт, сардухтур.

Бояд тазаккур дод, ки дар доираи лоиҳаҳои мазкур мутахассисони соҳа низ ба омӯзиш ва сайқал додани дониши худ фаро гирифта мешаванд. Тибқи иттилои Арабия Аслиддинова - мудири шуъбаи табобати нурии Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии саратоншиносӣ» ВТҲИА ҶТ, дар доираи лоиҳаи мазкур 7 нафар муттахассисон аз Маркази ҷумҳуриявии илмии саратоншиносӣ, 6 нафар аз Беморхонаи саратоншиносии вилояти Суғд, ҳамчунин 1 нафар аз Беморхонаи саратоншиносии шаҳри Кӯлоб ба таҷрибаомӯзии дарозмуҳлат дар хориҷи мамлакат фаро гирифта шудаанд.

Азимҷон Қурбонов табиб - рентгенолог яке аз мутахассисоне мебошад, ки дар доираи лоиҳаи TAD6008 - рушди хизматрасониҳои ташхисии марказҳои саратоншиносӣ аз ҷониби Агентии Байналмилалии Неруи Атомӣ (АБНА) ба муддати 2 сол дар Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов ба омӯзиш фаро гирифта шуд. «Дар муддати 2 сол тамоми нозукиҳои ин соҳаро аз ҷумла, ташхиси ултрасадо, ташхиси рентгенӣ, ташхиси томографияи компютерӣ ва ташхиси магнитию резонансиро тавассути дастгоҳҳои пешрафта аз худ намуда, бо дастгирии ин лоиҳа дониш ва маҳорати худро сайқал додам. Дар мавриди бемории саратон маълумоти нав, ки пас аз таҳқиқҳо рӯйи кор омадаанд, ба даст овардем. Воқеан бемории саратон он қадар бемории тарсноке нест, ки имрӯзҳо одамон баробари шунидани номаш худро нороҳат ҳис мекунанд. Илми тиб пеш рафтааст ва бо рӯйи кор омадани технологияи муосир роҳҳои гуногуни пешгирию табобат вуҷуд дорад, ки ба воситаи он метавон ба ин беморӣ мубориза бурд. Бо фарогирии донишу малакаи зиёд, айни замон баҳри табобати беморон фаъолияти худро амалӣ намуда истодаам ва мехоҳам дар ин самт саҳми арзанда гузорам» - афзуд номбурда.

Абӯбакр Насруллоев - табиб-рентгенолог, яке аз дорандагони сертификати

ташхисҳои рентгенӣ, томографияи компютерӣ ва магнитию резонансӣ мебошад, ки дар доираи ин лоиҳа дар шаҳри Бокуи Ҷумҳурии Озарбойҷон дониш ва маҳорати худро сайқал дода, ҳоло дар шуъбаи рентген ва эндоскопияи Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии саратоншиносӣ» ВТҲИА ҶТ фаъолият менамояд, иброз дошт номбурда.

Бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии АМИТ дар доираи лоиҳаи мазкур аз 3 октябри то 28 декабри соли 2023 баҳри баланд бардоштани маҳорат ва таҷрибаи худ дар кишвари Латвия қарор доштам, мегӯяд Низомов Низомиддин, физик - табиби шуъбаи табобати нурӣ. «Дар давраи омӯзиш ман бо асбобҳои муосири тиббӣ, ки барои табобати бемориҳои саратон, пешбинӣ гардидаанд, аз ҷумла томографияи компютерӣ, мамограф ва дигар таҷҳизоти ҳозиразамонро аз худ намуда, соҳиби сертификат гардидам», зикр кард номбурда.

Бояд қайд кард, ки мақсад аз татбиқи лоиҳаҳои мазкур ин сари вақт муайян ва пешгирӣ намудани бемориҳои мухталифи саратоншиносӣ дар ҷумҳурӣ буда, солҳои оянда дар доираи лоиҳаи мазкур хариди дигар таҷҳизоти ташхисию табобатӣ ва омӯзондани кормандони касбии Маркази ҷумҳуриявии илмии саратоншиносӣ аз ҷониби Агентии Байналмилалии Неруи Атомӣ (АБНА) ба нақша гирифта шудааст.

Семинари бозомӯзии минтақавӣ барои шахсони тамоси миллӣ

Санаи 12 - 13 марти соли 2024 дар шаҳри Алматои Ҷумҳурии Қазоқистон семинари бозомӯзии минтақавӣ барои шахсони тамоси миллӣ ҷиҳати ҳамоҳангсозӣ оид ба татбиқи Конвенсияи манъи силоҳи биологӣ (бактериологӣ) дар Осиёи Марказӣ баргузор гардид.

Чорабинӣ бо ташаббуси Дафтари СММ оид ба масоили бесилоҳгардонӣ (UNODA) ва Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Қазоқистон баргузор гардид.

Дар чорабинии мазкур Орзузода Фаромуз - сармутахассиси раёсати кафолати ҳуқуқи инсони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикситон ва Ахмедов Матин - муовини аввали директори Агентии амнияти химиявӣ,

биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иштирок варзиданд.

Дар семинари зикргардида асосан масъалаҳои таҷрибаи давлатҳои Осиёи Марказӣ дар самти амалӣ намудани Конвенсияи манъи силоҳи биологӣ (бактериологӣ) аз ҷумла пешниҳоди ҳисоботи ҳамасолаи кишварҳои аъзо дар доираи “Чораҳои мустаҳкам намудани боварӣ” ба Бахши дастгирии татбиқи (Implementation support unit) Дафтари СММ оид ба масоили бесилоҳгардонӣ (UNODA), амнияти биологӣ, муҳофизати биологӣ ва таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар ин самт баррасӣ гардиданд.

Дар умум, чорабинӣ дар сатҳи баланд ва бо иштироки фаъоли намояндагони Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

Мизи мудаввар вобаста ба амнияти химиявӣ дар шаҳри Тошкенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон

Аз 17-ум то 19-уми апрели соли 2024 дар шаҳри Тошкенти Ӯзбекистон, мизи мудаввар вобаста ба амнияти химиявӣ баргузор гардид. Дар мизи мудаввари мазкур намояндагон аз давлатҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Департаменти давлатии ИМА ва коршиносон аз Фонди глобалии тадқиқот ва рушди шаҳрвандӣ ба таври фаъолона ширкат варзиданд. Аз ҷумла, аз Ҷумҳурии Тоҷикистон намояндагон аз Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии АМИТ, Вазорати саноат ва технологияҳои нав, Вазорати корҳои хориҷӣ, Вазорати корҳои дохилӣ, Вазорати мудофиа, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва Хадамоти гумрук ширкат варзиданд.

Чорабинии мазкур бо мақсади таҳвият бахшидани ошкор ва пешгирии таҳдидҳои эҳтимолӣ ба амнияти химиявӣ тавассути ҳамкории муштараки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва саноатчиён, инчунин ҳамоҳангсозӣ ва гузоштани қадамҳои аввал барои таъсиси Кумитаи миллии коҳиши хатари химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядрой барои фароҳам овардани ҳамкориҳои байнисоҳавӣ ва табодули иттилоот ташкил карда шуд.

Дар рафти он, баромадкунандагон аз Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва коршиносони байналмиллалӣ бо маърӯзаҳои гуногун дар мавзӯи таҳдидҳои химиявии рузмарра, иттилоотонии аҳолӣ оид ба амнияти химиявӣ, ҳамоҳангсозии ҳамкории мақомотҳои давлатӣ, кормандони ҳифзи ҳуқуқ ва саноатчиён вобаста ба амнияти химиявӣ баромад

намуданд. Чорабинӣ дар шакли гурӯҳҳои корӣ ва машқҳои таҳлилӣ сурат гирифт.

Дар итмоми мизи мудаввар иштирокчиён ба хулоса омаданд, ки ҳамкории минтақавӣ вобаста ба амнияти химиявиро пурзӯр намудан зарур аст.

Вохурии иштирокчиёни «Хонуми ядрой» бо намояндагони TechWomen

19 апрели соли 2024 вохурӣ байни иштирокчиёни «Хонуми ядрой» ва намояндагони TechWomen баргузор гардид. Дар доираи вохурӣ оиди мавзӯи «Занҳо дар STEM» симпозиум баргузор гардид. Дар чорабинӣ Кэти Зи - директори TechWoman, Институти таълимии байналмилалӣ, мураббиёни касбӣ ва идроргирандагони TechWoman аз Ӯзбекистон, Туркманистон, Миср, Лубнон, инчунин Зарина Сайфиева - президенти “Хонуми ядрои” ва Гайбуллаева Зумрат Ҳабибовна - доктори илмҳои химия, профессори Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ва дигар аъзоёни «Хонуми ядрой» иштирок намуданд.

Сессияи якум бо намоиш додани корҳои “Хонуми ядрой” дар ҷодаи ба илм ҷалб намудани духтарҳои ҷавон ва ҷавонон, инчунин мубодилаи афкор барои ҷалби бештари занон ба касбҳои илмӣ бахшида шуда буд. «Ҷалби ҷавондухтарон барои таъмини устувори иштироки онҳо дар STEM муҳим аст ва ин дастгирии тамоми ҷомеа - оилаҳо, муассисаҳо, мақомотҳои таълимӣ ва давлатиро тақозо мекунад», - қайд намуд Зарина Сайфиева. Ӯ тавзеҳ дод, ки чӣ гуна «Хонуми ядрой» барои ноил шудан ба ҳадафҳои худ тавассути ҳамкорӣ бо озмоишгоҳҳо, донишгоҳҳо ва муассисаҳои давлатӣ барои ташкили намоишҳои техникӣ, тренингҳо, озмунҳо, конфронсҳо ва лексияҳо оид ба соҳаҳои STEM барои хонандагони синфҳои болой кор мекунад.

Дар презентатсия занони «Хонуми ядрои кистанд», ки аз тарафи Зумрат Гайбуллоева пешниход карда шуд, номбурда тачрибаи илмии худро дар илми химия накл карда, дар бораи усулҳои нави кори тайкардааш, ки ба инкишофи ин соҳа ҳиссаи калон гузоштаанд, накл кард. Илова бар ин, вай таваҷҷуҳро ба захираҳои табиӣ ва маконҳои кӯҳии Тоҷикистон ҷалб карда,

истифодаи онҳоро ба рушди устувори соҳаҳои саноат мусоидаткунанда арзёбї намуд.

Сипас идроргирандаи TechWomen Амангул Оразова ва мураббӣ Ребекка Бисвас дар мавзӯи "Занони TechWomen кӣ ҳастанд" презентатсия намуданд, ки дар он хусусиятҳои барнома муфассал баён карда шуд ва Ребекка дар бораи сафари шахсии худ дар STEM ва чӣ гуна иштирок дар TechWomen метавонад арзишҳои касбӣ ва ҳаёти шахсиро баланд бардорад, нақл намуд.

Иштирокчиён дар гурӯҳҳои хурд тақсим шуда, муҳокима намуданд ва Лаура Мессершмитт ба суханҳои ифтитоҳӣ гузашта, зикр намуд, ки арзиши таҳкими робитаҳо байни занон дар STEM ва пешниҳоди маълумот оиди чӣ гуна пешниҳод намудан ба барномаи TechWomen баррасӣ шуд.

Боздиди ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз гумрукӣ Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо мақсади таҳкими ҳамкориҳо дар самти амниятӣ химиявӣ, биологӣ радиатсионӣ ва ядрой

Ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии директори Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ, профессор Илҳом Мирсаидзода аз 17 то 18 апрели соли 2024 сафари бомуваффақият ба шаҳри Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистонро анҷом дод, ки ҳадафи он густариши ҳамкорӣ дар бахшҳои амнияти химиёвӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядрой байни гумруки ду кишвар ва Агентии зикргардида мебошад.

Дар ҷараёни ин сафар ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аз кормандони Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ ва Хадамоти гумрук дар бораи фаъолияти мониторҳои портали радиатсионӣ (RPM) ва системаҳои рентгенӣ дар гузаргоҳи сарҳадии Ялама дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон сафарҳои густурда ва гуфтугӯҳо анҷом доданд. Ин системаҳо барои пешгирии муомилоти ғайриқонунии маводи радиоактивӣ ва таъмини амнияти занҷири минтақавии таъминот муҳиманд.

Директори Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ аз татбиқи воситаҳои пешрафтаи технологӣ дар ҳифзи сарҳад аз ҷониби Ҷумҳурии Ӯзбекистон изҳори миннатдорӣ кард. *«Мо аз истифодаи таҷҳизоти замонавии мониторҳои портали радиатсионӣ ва рентгенӣ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон таассурот мебахшем. Мо метавонем аз ҳамдигар омӯзиш гиерм, то тавоноии худро дар муборизa бо таҳдидҳои маводи ХБРЯ такмил диҳем»,* - суханронӣ намуд профессор, Илҳом Мирсаидзода.

Иловатан, ҳайати мазкур ба Кумитаи давлатии гумруки Ҷумҳурии Узбекистон ташриф оварда бо роҳбарияти он мулоқот доир намуд. Маълумоти муфассал вобаста ба раванди рақамикунонӣ дар Кумитаи давлатии гумруки Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки бо мақсади соддагардонии амалиётхои гумрукӣ татбиқ шудааст, пешкаши ҳайат гардид. Инчунин, маълумот дар бораи истифодаи самараноки фанновариҳои рақамӣ дар расмиёти гумрукӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон умедвор аст дар ояндаи наздик амалӣ намояд, пешкаш гардид.

«Ташаббусҳои табдили рақамӣ ба мо таҷрибаи бузург медиҳанд ва мо муваззаф ҳастем, ки технологияҳои шабеҳро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷорӣ намоем. Ин ҳамкорӣ, бешубҳа, мавқеи амнияти миллии моро таҳким бахшида, ба муомилотҳои фаромарзиро осонтар ва бехатар хоҳад намуд»,-қайд намуданд кормандони гумрук.

Ин сафар на танҳо ҳадафҳои муштараки Ҷумҳурии Тоҷикистону Узбекистонро таъкид кард, балки заминаи ҳамкориҳои ояндаро ҷиҳати таҳкими чораҳои амниятии ХБРЯ дар ду тарафи сарҳад гузошт.

Таҳкими ҳамкориҳои судманд бо Корпаратсияи давлатии Россия «РОСАТОМ»

Баррасии масъалаҳои таъмини амнияти химиявӣ, биологӣ ва радиатсионӣ, ҳифзи аҳолӣ ва корҳои солимгардонӣ дар минатақаҳои партоҳои уран аз мавзуъҳое буданд, ки дар меҳвари мулоқоти роҳбарияти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бо муовини директори генералии Корпоратсияи давлатии Россия «Росатом» Николай Николаевич қарор гирифт. Дар рафти мулоқот, ки бо иштироки Қобилҷон Хушвахтзода - Президенти АМИТ, Илҳом Мирсаидзода – Директори Агентии амнияти ХБРЯ дигар намояндагон аз ҳарду ҷониб, ки 3-юми майи соли равон сурат гирифт дар робита ба ҳамкориҳои дуҷониба ва дар низоми сифатан нав ба роҳ мондани созишномаҳо изҳори миннатидорӣ карда шуд.

Зикр гардид, ки саҳми Корпоратсияи давлатии Россия «Росатом» дар таъмини бехатарии радиатсионӣ, назаррас мебошад. Бояд тазаккур дод, ки соли 2023 маҳз бо мусоидати Корпоратсияи давлатии Россия «Росатом» дар минтақаҳои ш.Истиқлол ва Табошари вилояти суғд корҳои корҳои солимгардони анҷом дода шуданд.

Таъкид шуд, ки байни муассисаҳои илмии ду давлат ҳамкориҳои мутақобилан судманд амалӣ гардидааст.

Вебинари шабакаи занони Осиёи Марказӣ дар соҳаи ҳастаӣ

6 майи соли 2024 вебинари навбатии Шабакаи Осиёи Марказӣ оид ба занони дар саноати ҳастаӣ (Шабакаи WINCA Network) баргузор гардид, ки дар он зиёда аз чиҳил нафар иштирокчиёни минтақа – намояндагони мақомоти танзимкунанда, муассисаҳо ва идораҳои гуногун иштирок намуданд.

Дар он Елена Панова, сармуҳандиси лоиҳаи Маркази лоиҳакашӣ ва мониторинги муҳити зисти Институти технологияҳои олии ҶДММ МАК «Казатомпром» бо презентатсияи «Шустушӯи чоҳҳо дар ҷои худ ҳамчун усули аз ҷиҳати экологӣ тозатарини истихроҷи урани табиӣ» ва Кейт Снидереч, доктори илм, ходими илмии Лабораторияи миллии Ливермор бо маърӯза дар мавзӯи «Дарёфт кардан, ченкунӣ ва арзёбии изотопҳои ғайримуқаррарии устувор ва радиогенӣ» суханронӣ намуданд.

Барои Осиёи Марказӣ мавзӯи усули аз ҷиҳати экологӣ тозаи истихроҷи урани табиӣ хеле муҳим аст, ҳарчанд уран дар Тоҷикистон дигар истихроҷ намешавад, аммо онҳо мисли Узбекистону Қирғизистон дар робита ба истихроҷи уран бо як қатор мушкилоти экологӣ рӯбарӯ ҳастанд. Усулҳои анъанавӣ, аз қабили истихроҷи маъданҳои кушод ва зеризаминӣ боиси олуда шудани хок, об

ва ҳаво бо металлҳои вазнин ва элементҳои радиоактивӣ шуданд. Ин барои муҳити зист оқибатҳои ҷиддӣ дошт, аз ҷумла таҳдид ба саломатии одамон, ҳайвонот ва наботот, инчунин ифлосшавии захираҳои об ва харобшавии экосистема.



Шустани зеризаминии чоҳҳои уран, ки дар бораи он Елена Панова сухан гуфт, усули истихроҷи маъдан аз ҷиҳати экологӣ нисбатан тозатар аст. Он ба муҳити зист таъсири кам мекунад, зеро раванди асосӣ дар зери замин сурат мегирад ва истихроҷи васеъи рӯизаминиро талаб намекунад. Ин хатари ифлосшавии муҳити зистро коҳиш медиҳад ва таъсири манфиро ба гуногунии биологӣ ва захираҳои табиӣ кам мекунад.

Мавзӯи гирифтан, чен кардан ва баҳодиҳии изотопҳои ғайримуқаррарии устувор ва радиогенӣ, ки онро Кейт Снайдереч баррасӣ намуд, ба ҷанбаҳои асосии илм ва техникаи муосир дахл дорад ва барои соҳаҳои гуногуни илм аҳамияти бузург дорад. Бо кашфи изотопҳои нав ва такмил додани усулҳои ченкунии онҳо мо дониши худро дар бораи табиат васеъ мекунем ва барои татбиқи ин маълумот дар соҳаҳои гуногун имкониятҳои нав фароҳам меорем. Кейт принсипҳои асосии гирифтан, чен кардан ва баҳодиҳии изотопҳои ғайри муқаррарии устувор ва радиогенӣ, инчунин татбиқи онҳоро дар тадқиқоти илмӣ ва рушди технологӣ мубодила кард.

Иштирок дар Конфронси байналмилалии амнияти ҳаставӣ (ICONS-2024)

Ҳайати Тоҷикистон таҳти роҳбарии муовини вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Фаррух Шарифзода дар Конфронси байналмилалии амнияти ҳастаӣ (ICONS-2024), ки аз ҷониби Агентии байналмилалии нерӯи атомӣ (АБНА) санаи 20-24 майи соли 2024 дар шаҳри Венаи Ҷумҳурии Австрия ташкил шудааст, иштирок намуд.

Фаррух Шарифзода дар бораи сатҳи таъмини амнияти ҳастаӣ дар кишвар, иқдомҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин самт, инчунин ҳамкориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шарикони рушд маълумоти муфассал дод.

Дар ҳошияи Конфронс, профессор Илҳом Мирсаидзода – директори Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз талошҳои густурдаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таҳкими амнияти ҳастаӣ, аз ҷумла арзёбии ҳамаҷонибаи эҳтиёҷоти миллӣ, ҷалби ниҳодҳои мухталифи давлатӣ ва таҷдиди қобили мулоҳиза дар заминаи қонунгузорӣ таъкид намуд.

Номбурда дар бораи насби таҷҳизоти пешрафтаи муаянкунандаи гардиши ғайриқонунии маводҳои ядроӣ ва радиоактивӣ дар нуқтаҳои муҳими сарҳадӣ, фурудгоҳҳои байналмилалӣ ва нақши муҳими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ин беҳбудиҳо муфассал маълумот пешниҳод намуд.

Илова бар ин, оид ба таъсиси Маркази минтақавии таълим ва омӯзишии Тоҷикистон барои омода намудани мутахассисон дар самти амнияти ҳастаӣ ва радиатсионӣ қайд намуд.

Муаррифии профессор Илҳом Мирсаидзода аз иқдомоти муҳиме, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини инфрасохтори мустаҳками амнияти ҳастаӣ ва эҷоди тавонмандӣ андешида истодааст, иброз намуд.

Дар хотима бояд қайд намуд, ки Конфронси байналмилалии амнияти ҳаставӣ (ICONS-2024) як рӯйдоди муҳим дар соҳаи амнияти ҳастаӣ буда, намояндагони беш аз 178 кишвари узви АБНА дар он иштирок намуда ва замина ба рушди истифодаи осоиштаи энергияи ҳастаӣ ва таҳкими амнияти ҷисмонӣ дар иншооти ҳастаиро мегузорад.

Маросими ба имзо расонидани меморандуми ҳамкорӣ байни Институти физикаи ядроии Қазоқистон ва Агентии амнияти химиёвӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Тоҷикистон

19 августи соли 2024, дар Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон маросими ба имзо расонидани меморандуми ҳамкорӣ байни Корхонаи давлатии ҷумҳуриявӣ "Институти физикаи ядроӣ" Вазорати энергетикаи Ҷумҳурии Қазоқистон ва Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон баргузор гардид.

Меморандум аз ҷониби директори генералии Институти физикаи ядроии Ҷумҳурии Қазоқистон Саябек Куанышбекович Сахиев ва муовини аввали директори Агентии ХБРЯ Тоҷикистон Матин Ахмедов имзо гардид. Ин созишнома ба мустаҳкам намудани ҳамкории дарозмуддат ва мутақобилан судманд байни ду муассиса дар соҳаи амнияти ядрой ва радиатсионӣ, тадқиқоти илмӣ ва баланд бардоштани иқтидори минтақа нигаронида шудааст.

Меморандуми имзошуда як қатор самтҳои ҳамкориро дар бар мегирад, аз ҷумла, тадқиқоти муштараки илмӣ, мубодилаи маълумот ва таҷриба, ташкил намудани конфронсҳо ва семинарҳои илмӣ-амалӣ ва инчунин амалӣ намудани лоиҳаҳои муштарак дар соҳаи криминалистикаи ядрой ва бехатарии радиатсионӣ. Яке аз ҷанбаҳои асосии ин меморандум омодагӣ ва мубодилаи мутахассисони ҷавон тавассути барномаҳои муштараки магистратура, аспирантура ва докторантура мебошад.

Ҳар ду ҷониб изҳори итминон намуданд, ки ин ҳамкорӣ як қадами муҳим дар таҳкими робитаҳои илмӣ байни Қазоқистон ва Тоҷикистон хоҳад шуд ва ба рушди технологияҳои инноватсионӣ ва баланд бардоштани амният дар минтақа мусоидат хоҳад кард.

Меморандум аз лаҳзаи имзои он эътибор пайдо намуда, дар тӯли панҷ сол амал хоҳад кард ва метавонад тамдид шавад. Ҷонибҳо мувофиқат намуданд, ки ҳар сол рафти татбиқи созишномаро баррасӣ намуда, самтҳои нави ҳамкориро муайян намоянд.

Вохурӣ бо намояндагони ширкати “Радметрон” - и Ҷумҳурии Белорус

3-юми сентябри соли равон дар толори Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии АМИТ вохӯрӣ бо намояндагони ширкати “Радметрон” - и Ҷумҳурии Белорус баргузор гардид.

Дар вохурӣ аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноиби Президенти АМИТ-раиси шуъбаи илмҳои физикаю математика, химия, геология ва техникаи АМИТ - Амонзода Илҳом, директори Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ - Илҳом

Мирсаидзода, директори Институти физикаю техникаи ба номи С.Умаров АМИТ - Зарифзода Авзалшо ва ҷониби Ҷумҳурии Белорус, муовини директор оид ба фурӯши ширкати “Радметрон” - Белорус Владимир Коржовник ва котиби дуюми Сафорати Ҷумҳурии Белорус дар Ҷумҳурии Тоҷикистон - Базюк Олег Иосифович иштирок намуданд. Инчунин, дар вохурии мазкур, муовини аввали директори Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ – Ахмедов Матин ва муовини директори Агентии номбурда - Баротов Бахтиёр иштирок варзиданд.

Дар раванди вохӯрӣ масалаҳои ҳамкории дуҷониба байни Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ Тоҷикистон ва ширкати “Радметрон” - и Ҷумҳурии Белорус муҳокима гардид.

Бояд тазуккур дод, ки ширкати “Радметрон” ба истеҳсол ва фуруши таҷҳизотҳои муайянкунанда ва кашфи маводҳои радиатсионӣ ва инчунин химияавӣ машғул аст. Қайд гардид, ки истифодабарии таҷҳизотҳои пешкашгардида дар Агентии амнияти ХБРЯ-АМИТ, Қӯшунҳои сарҳадии КДАМ, Хадамоти гумрук ва Кумитаи ҳолатҳои фавқуллода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан имконпазир аст.



Зимни вохурӣ, меҳмонон таҷҳизотҳои худро дар шакли электронӣ ба намоиш гузошта, оид ба ҳамкорӣ омодагии худро изҳор доштанд. Ҷонибҳо оид ба масъалаҳои ҳамкории дуҷониба ва бисёрҷонибае, ки дар самти бехатарӣ ва кашфи маводҳои радиатсионӣ мавҷуд аст, мувофиқа намуданд.

Иштироки олимони тоҷик дар 68-умин ҷаласаи Конфронси Генералии Агентии байналмилалии нерӯи атомӣ

Директори Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ, Илҳом Мирсаидзода, дар 68-умин ҷаласаи Конфронси Генералии Агентии байналмилалии нерӯи атомӣ (АБНА), ки аз 16 то 20 сентябри соли 2024 дар шаҳри Венаи Ҷумҳурии Австрия баргузор шуда истодааст, иштирок меварзад. Илҳом Мирсаидзода бо ҳайати баландпояи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла муовини вазири саноат ва технологияҳои нав, Азиз Назар ва роҳбари намояндагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди АБНА, Идибек Каландар, ҳамроҳӣ карда мешавад.

Конфронси Генералии АБНА як платформаи муҳими байналмилалӣ мебошад, ки дар он давлатҳои узв масъалаҳои муҳими марбут ба бехатарии ҳастаӣ, ҳифз ва истифодаи осоиштаи

технологияҳои ҳастаиро баррасӣ мекунанд. Ҷаласаи имсола ба масъалаҳои муҳим дар робита ба кӯшишҳои глобалӣ дар самти пешгирии густариши силоҳҳои ҳастаӣ, ҳамкориҳои техникӣ ва ташаббусҳо, ки ба рушди устувор тавассути истифодаи технологияҳои ҳастаӣ мусоидат мекунанд, бахшида гардидааст.

Дар доираи ҷаласа, Илҳом Мирсаидзода бо ҳамтоёни байналмилалӣ мулоқотҳои сатҳи баланд баргузор намуда, омодагии Тоҷикистонро барои таҳкими иқтидорҳои худ дар соҳаи бехатарии ҳастаӣ ва ҳифзи амният таъкид хоҳад кард. Иштироки, муҳтарам Азиз Назар нишондиҳандаи таваҷҷӯҳи кишвар ба истифодаи технологияҳои ҳастаӣ барои рушди саноат мебошад, дар ҳоле ки роҳбари намояндагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди АБНА, муҳтарам Идибек Каландар барои тақвияти робитаҳои дипломатӣ бо шарикони калидии байналмилалӣ талош хоҳад кард.

Тоҷикистон узви фаъоли АБНА буда, ҳамеша дар талошҳои ҷаҳонӣ барои таъмини истифодаи бехатар ва боэътимоди нерӯи ҳастаӣ саҳми худро мегузорад. Ҳузури ин ҳайати мӯътабар нишон медиҳад, ки кишвар ба пешбурди амнияти ҳастаӣ, ҳифзи амният ва навовариҳои технологӣ содиқ аст.

Иштироки олимони тоҷик дар чорабинии канорӣ зери унвони Нақши ҷомеаи байналмилалӣ дар коҳиши хатари марбут ба иншоотҳои меросӣ дар Осиёи Марказӣ дар ҳошияи 68-умин ҷаласаи Конфронси Генералии АБНА

Директори Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Илҳом Мирсаидзода, дар чорабинии канорӣ бо мавзӯи "Нақши ҷомеаи байналмилалӣ дар коҳиши хатари марбут ба иншоотҳои меросӣ дар Осиёи Марказӣ", ки 16 сентябри соли 2024 дар доираи 68-умин ҷаласаи Конфронси Генералии Агентии байналмилалии нерӯи атомӣ баргузор гардид, иштирок намуд.

Дар маърӯзаи худ, Илҳом Мирсаидзода аҳамияти корҳои солимгардониро, ки дар ҳамкорӣ бо Федератсияи Россия анҷом дода шудаанд, қайд кард. Ӯ зикр намуд, ки ин кӯшишҳо саҳми муҳим дар таъмини амнияти экологӣ ва радиатсионӣ дар иншоотҳои меросӣ, ки хатари эҳтимолӣ

барои саломатии аҳолӣ ва муҳити зист дар Осиёи Марказӣ доранд, мебошанд.

Ҳамчунин, дар ҷараёни суханронии худ, Илҳом Мирсаидзода дар бораи ҳамкориҳои идомадор бо шарикони байналмилалӣ дар соҳаи коҳиши хатарҳои радиатсионӣ ва солимгардонии минтақаҳое, ки аз барномаҳои ҳастаии қаблӣ таъсир дидаанд, маълумот дод. Ӯ ба Федератсияи Россия барои дастгирии техникӣ ва молиявӣ, ки ба таври назаррас бехатарии радиатсиониро дар як қатор объектҳои муҳими меросӣ дар Тоҷикистон беҳтар намуд, миннатдорӣ изҳор намуд.

Ин чорабинии паҳлӯй, коршиносони байналмилалӣ ва намояндагони кишварҳои мухталифро гирд овард, ки онҳо тадбирҳои ҷорӣ ва ояндаро барои коҳиши хатарҳои марбут ба иншоотҳои меросӣ, инчунин роҳҳои беҳтар намудани ҳамоҳангии кӯшишҳои ҷомеаи байналмилалӣ барои ҳалли ин мушкилотро муҳокима карданд.

Конфронси байналмилалӣ оид ба "Чораҳои эътимодбахшӣ" дар доираи Конвенсия оид ба манъи истифодаи силоҳи биологӣ ва токсинӣ

Аз 1-ум то 3-юми октябри соли 2024, дар меҳмонхонаи “Хилтон”, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, конфронси байналмилалӣ дар мавзӯи "Чораҳои эътимодбахшӣ" дар доираи Конвенсияи манъи силоҳи биологӣ ва токсинӣ (КБСТ) баргузор шуда истодааст. Конфронси мазкур аз ҷониби Дафтари Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои халъи силоҳ (UNODA) дар ҳамкорӣ бо Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ташкил гардида истодааст.

Дар кори конфронс коршиносон аз Қазоқистон, Маҷористон, ва Муғулистон инчунин намояндагони вазорату идораҳои гуногуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фаъолияташон бо таъмини амнияти биологӣ алоқаманд аст, иштирок карда истодаанд. Илова бар ин, намояндагони Маркази байналмилалии илмӣ ва техникӣ (МБИТ) дар бораи имкониятҳои пешниҳоди лоиҳаҳо дар соҳаи амнияти биологӣ маърӯза мекунанд

Директори Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Илҳом Мирсаидзода дар семинар дар бораи чораҳои Ҳукумат оид ба баланд бардоштани сатҳи амнияти биологӣ дар кишвар суханронӣ мекунад. Дар

суханронии худ, ӯ ташаббусҳои асосиро ҷиҳати таҳкими инфрасохтори миллӣ дар самти мазкур, ҳамкорӣ бо шарикони байналмилалӣ ва аҳамияти риояи ӯҳдадориҳои КБСТ барои пешгирии таҳдидҳои биологиро равшан хоҳад кард.

Ҳадафи асосии конфронс – мубодилаи таҷриба ва беҳтарин амалҳои самаранок дар татбиқи чораҳои эътимодбахшӣ, инчунин баррасии қадамҳои муштарак барои баланд бардоштани сатҳи амнияти биологӣ дар минтақа мебошад. Иштирокчиён мушкилоти мавҷуда дар соҳаи муҳофизати биологиро баррасӣ карда, роҳҳои беҳтар намудани механизмҳои миллӣ ва байналмилалӣ барои пешгирии таҳдидҳо муҳокима мекунанд.

Семинар ҳамчун платформаи беназир барои таҳкими ҳамкории байни давлатҳои иштироккунанда ва созмонҳои байналмилалӣ, инчунин барои густариши ҳамкориҳо дар доираи КБСТ хизмат хоҳад кард.

Бо мусоидати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба Маркази ҷумҳуриявии илмии саратоншиносии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгоҳи муосири рентгенӣ дастрас гардид

Бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати муҷҳаҳаз гардонидани марказҳои саратоншиносӣ бо дастгоҳҳои замонавӣ дар кишвар, дар ин самт Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон саҳми назарас мегузорад. Аз ҷумла бо мусоидати Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии АМИТ, ҳамчун ҳамоҳангсози миллӣ ва маблағгузории Агентии байналмилалии нерӯи атомӣ (АБНА) ба Маркази ҷумҳуриявии илмии саратоншиносии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгоҳи нави пешрафтаи рентгении навъи «Ортоволтаж» дастрас гардид.

Маросими расмии супоридани дастгоҳи мазкур ҳафтаи сипаришуда аз ҷониби муовинони ҳамоҳангсози миллӣ – Матин Ахмедов, муовини аввали директор ва Олимҷон Азизов – сардори шуъбаи муносибатҳои байналмилалӣ ва робита бо ҷомеаи Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии АМИТ

сурат гирифта, дар он сардухтур ва табибони Маркази ҷумҳуриявии илмии саратоншиносӣ низ иштирок намуданд.

Ин навъи технологияи муосир ба табибони марказ шароит фароҳам меорад, ки ташхис ва табобати дақиқи саратон, хусусан беморони дорои варамҳои пӯст ва сатҳи болоӣ ба роҳ монда шавад.

Зимни муаррифии таҷҳизоти мазкур Матин Ахмедов вобаста ба зарурат ва муҳимияти он дар рушди илми тиб, табобати беморони гирифтори саратон ва хизматрасонӣ ба аҳолӣ изҳор дошт, ки “Дастрас гардидани дастгоҳи нави рентгенӣ, яъне Ортоволтаж як марҳилаи нав баҳри беҳтар намудани усулҳои табобати гирифтори бемории саратон ва муолиҷаи он дар муассисаҳои тиббии кишвар арзёбӣ мегардад. Ҳамин аст, ки бо дастгирии Ҳукумати мамлакат дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд, мо ба сӯи ояндае қадам мегузорем, ки аҳолӣ ба табобати муасиртар ва дақиқтар дастрасӣ хоҳанд дошт."

Бояд тазаккур дод, ки Маркази ҷумҳуриявии илмии саратоншиносӣ, яке аз муассисаҳои пешқадами соҳаи тиб дар самти мубориза ва табобати бемории саратон дар кишвар арзёбӣ мегардад. Бо дастрас гардидани дастгоҳи нави рентгенӣ, ки он метавонад радиатсияро ба варамҳои наздики сатҳи пӯст расонда, зарари бофтаҳои солимро коҳиш диҳад, Маркази мазкур бо усулҳои нав аз ин имконият истифода бурда, дар самти пешгирӣ, мубориза ва муолиҷаи саратон дар ҷумҳурӣ баҳраманд хоҳад шуд.

Зикр гардид, ки дастгоҳи дастарсгардида аз тарафи АБНА ва шарикони рушд қисме аз кӯшишҳои байналмилалии ҷониби Тоҷикистон мебошад, ки баҳри таҳкими зерсохтори соҳаи тандурустӣ, беҳтар намудани шароити табобати саратон, фарогирии аҳолӣ ба имкониятҳои соҳаи тиб ва бехатарии радиатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудааст. Ин ҳамкорӣ талошҳои пайвастаро барои таъмини истифодаи бехатар ва муасири технологияҳои радиатсионӣ дар соҳаи тиб бо риояи талаботи байналмилалии бехатарии радиатсионӣ инъикос менамояд.

Иброз гардид, ки дар ин замина, Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ ҳамкориро бо шарикони рушд ва байналмилалӣ баҳри таҳкими инфрасохтори соҳаи тиб бо мақсади муҷаҳаз гардонидани технологияҳои нав дар соҳаи бехатарии радиатсионӣ, табобати нурӣ ва ҳифзи саломатӣ идома хоҳад дод.

Дар Тоҷикистон вохӯрии байналмилалии донорҳо бахшида ба сохтмони Маркази байналмилалии омӯзишӣ оид ба муқовимат бо терроризми ОМУ ва ХБРЯ баргузор шуд.

Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон да ҳамкорӣ бо Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии АМИТ 15 октябри соли 2024 дар меҳмонхонаи Хаятт Редженси Душанбе чорабинии байналмилалии сатҳи баландро баргузор намуданд. Дар ҷараёни чорабинӣ пешниҳодҳои лоиҳаҳо барои таъсиси Маркази байналмилалии омӯзишӣ оид ба муқовимат бо терроризм бо истифода аз силоҳи қатли ом (ОМУ) ва маводи химиявӣ, биологӣ, радиоактивӣ ва ядроӣ (ХБРЯ) муаррифӣ шуданд. Илова бар ин лоиҳа, зиёда аз 30 пешниҳоди дигари лоиҳаҳо дар соҳаи ХБРЯ низ пешниҳод гардиданд.

Чорабиниро профессор Илҳом Мирсаидзода ҳусни оғоз бахшида, сипас узви вобастаи АМИТ, Профессор Кобилҷон Хушвахтзода, Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, аҳамияти ҳамкории илмӣ ва техникиро дар ҳалли масъалаҳои амнияти марбут ба таҳдидҳои ОМУ ва ХБРЯ таъкид намуд. У қайд намуд, ки Тоҷикистон иқдом гирифтааст, ки дар тақвияти амнияти минтақавӣ ва ҷаҳонӣ бо таъсиси ин маркази пешрафтаи омӯзишӣ нақши пешсаф дошта бошад.

Дар суханронии худ профессор Илҳом Мирсаидзода, Директори Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ, ба рисолати марказ, ки барои омӯзиши босифати донишҷӯён, мактаббачагон, низомиён ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон ва кишварҳои дигар хизмат мекунад, диққат дод. "Ин марказ на танҳо иқтидори миллии моро тақвият мебахшад, балки платформа барои ҳамкории байналмилалӣ дар муборизаи бо терроризм хоҳад шуд", – изҳор дошт профессор Мирсаидзода.

Дар чорабинӣ намояндагони 14 сафорат, аз ҷумла сафоратҳои Русия, ИМА, Арабистони Саудӣ, Иттиҳоди Аврупо ва дигарон иштирок карданд. Илова бар ин, 16 ташкилоти байналмилалӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид, Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА), Идораи Мухобироти СММ оид ба Маводи Мухаддир ва Ҷиноятҳорӣ (UNODC), Агентии байналмилалии нерӯи атомӣ (АБНА) ва дигарон, ки дастгирии байналмилалии васеъ аз ташаббуси Тоҷикистонро нишон медиҳад, ширкат варзиданд.

Дар ҷараёни чорабинӣ зиёда аз 30 лоиҳа низ муаррифӣ гардид, ки гуногунии ҷанбаҳои ХБРЯ-ро дар бар мегиранд. Ин лоиҳаҳо ба соҳаҳои афзоиши иқтидор, рушди инфрасохтор, инноватсияҳои технологӣ ва ҳамкории байналмилалӣ равона шудаанд. Интизор меравад, ки лоиҳаҳои пешниҳодшуда қобилияти минтақа барои пешгирии паҳншавии маводи ХБРЯ ва вокуниши самаранок ба таҳдидҳои марбут ба терроризмро ба таври назаррас такмил бахшанд.

Сатҳи баланди иштироки дипломатӣ хислати ҷаҳонии таҳдидҳои ОМУ ва ХБРЯ ва аҳамияти ҳамкории бисёрҷонибаро дар рафъи онҳо таъкид мекунад. Чорабинӣ платформае барои муҳокимаи имкониятҳои шарикӣ ва дастгирии кишварҳои донор ва ташкилотҳои байналмилалӣ фароҳам овард.

Аз номи шарикони байналмилалӣ, намояндаи Идораи Мухобироти СММ оид ба Маводи Мухаддир ва Ҷиноятқорӣ дастгирии қавии худро ба кӯшишҳои Тоҷикистон изҳор намуда, маркази пешниҳодшударо "усули муҳим барои таҳвияти амнияти ҷаҳонӣ" номид.

Маркази байналмилалии омӯзишӣ оид ба муқовимат бо терроризми ОМУ ва ХБРЯ унсури асосии ҳамкории минтақавӣ ва байналмилалӣ хоҳад шуд, ки барномаҳои омӯзишии фарогирро барои донишҷӯён, мактаббачагон, низомиён, кормандони ҳифзи ҳуқуқ ва мутахассисони ҳолатҳои фавқулодда пешниҳод менамояд. Чорабинӣ бо тасдиқи ӯҳдадориҳои якчанд иштирокчиён барои идомаи муҳокимаи масъалаҳои маблағгузорӣ ва моделҳои шарикӣ ба анҷом расид, бо нақшаҳо барои оғози татбиқи лоиҳаҳои аввал дар ояндаи наздик.